**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Барномаи таълими фанни**

# ГЕОГРАФИЯ

**барои синфҳои 6–11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе**
**2021**

Барномаи таълими фанни География барои синфҳои 6–11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе, 2021. - 88 саҳ.


Таҳиягарон: **Акобиров Шосафар**

**Муҳаббатов Холназар**

**Раҳимов Муҳиддин**

**Диловаров Раҳматшо**

**Самиев Амриддин**

**Қодиров Набӣ**

**Ҷӯраев Алишер**

**Ибрагимова Рисолат**

## ПЕШГУФТОР

Рушди ҷомеаи муосир дар асри XXI мактабу маорифро вазифадор месозад, ки бо дарназардошти тақозои ҷаҳони зудтағйирёбанда шахсиятеро бояд тарбия кард, ки дорои тафаккури баланди эҷодию интиқодӣ ва босалоҳият буда, дар тазодҳои ҳаёти имрӯза рақобатпазир бошад. Дар заминаи аз нав дида баромадани нақши таълим дар самтҳои афзалиятноки сиёсати маориф бархӯрдҳои навро бояд ҷустуҷӯ намуд, ки ба мундариҷа, технология ва натиҷаҳои таълим тақвият бахшида ба модели нави донишандӯзӣ мусоидат намояд.

Дар шароити муосир таълими фанни география дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавқеи махсусро касб намуда, ба ташаккул ёфтани тафаккури ҷаҳониву муҳитшиносии хонандагон нигаронида шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи таълими фанни география торафт бештар хусусияти бунёдӣ ва ҳамгироёфтаро соҳиб мегардад, зеро унсурҳои асосии донишандӯзӣ дар асоси донишҳои умумифалсафӣ, умумифарҳангӣ ва махсус сурат гирифта, дар доираи он сатҳи иерархияи омилҳо, қонунҳо, принсипҳое, ки дараҷаи татбиқии донишро дар фаъолияти амалии хонандагон дар оянда афзун менамоянд, муайян карда мешаванд. Ин водор месозад, ки барномаҳои таълим дар асоси принсипҳои таълимии муосир таҳия карда шаванд.

Барномаҳо дар заминаи стандарт, нақша ва талаботи муосири таълими фанни география таҳия гардида, аз ҷиҳати мазмун, сохтор методикаи таълим ба талаботи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошанд.

Азхуд кардани донишҳои географӣ оид ба табиат, ягонагии ҷаҳони пурасрор, гуногунӣ ва динамикаи тағйирёбии он, алоқамандии табиат, аҳолӣ ва хоҷагӣ дар сатҳи ҳудудҳои алоҳида, ҷанбаҳои географии мушкилоти глобалии башар ва роҳҳои ҳалли онҳо, усулҳои омӯзиши фазои географӣ, гуногунии объектҳо ва равандҳои он **мақсади** асосии омӯзиши фанни география мебошад.

**Объекти** омӯзиши фанни география азхуд кардани малакаҳо дар самти омӯзиши табиат, аҳолӣ ва хоҷагӣ, омезиш додани равишҳои глобалӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ оид ба тавсифу таҳлили раванд ва зуҳуроти табиӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва геоэкологӣ аст.

Ташаккули завқи қобилияти маърифатӣ, зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон тавассути шиносоӣ бо хусусиятҳои муҳимми географии маҳалли зисти худ, ҷаҳон, минтақаҳо ва кишварҳои бузурги он **вазифаи** фанни география ба шумор мераванд.

Таълими фанни мазкур хонандагонро дар рӯҳияи ватанпарварӣ, башардӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, эҳтиром ба халқу миллатҳо ва фарҳанги онҳо, ҳифзи муҳити зист тарбия карда, дар раванди ҳаёт ва фаъолияти

ҳаррӯза истифода бурдани дониш, малака, иттилоот ва усулҳои гуногуни таҳлилҳои географиро меомӯзонад.

Дарёфт ва истифодаи маълумоти географӣ, харитаҳо, маводди оморӣ, системаҳои иттилоотии географӣ ва захираи Интернет барои арзёбии дурусти масъалаҳои муҳимтарини иҷтимоиву иқтисодии ҳаёт дар ҷаҳони муосир, вазъи геополитикӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон, тамоюлҳои имконпазири рушди онҳо мусоидат менамояд. Дар баробари ин, хонандагон хусусиятҳои географии кишвари худ, минтақа ва мамлакатҳои ҷаҳонро дар шароити рушди босуръати сайёҳӣ ва туризми байналхалқӣ, телекоммуникатсия ва муоширати ҳамешагӣ маҳз тавассути ҳамин фан меомӯзанд.

Омӯзиши фанни география дар баланд бардоштани завқи донишандӯзӣ, тақвияти ҳофизаи фарҳангӣ, суханварию сухандонӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои милливу фарҳангии миллату халқиятҳои кишвари худ ва мамлакатҳои ҷаҳон, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, бой гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва фаъолгардонии доираи донишҳои географӣ ва ташаккулёбии салоҳиятҳои хонандагон нақши муҳим дорад.

Бинобар ин бо назардошти тақозои ҷаҳони муосир хонандаеро бояд тарбия кард, ки дорои тафаккури баланди эҷодиву интиқодӣ ва босалоҳият буда, дар тазодҳои ҳаёти имрӯза рақобатпазир бошад.

Натиҷаи асосии фаъолияти муассисаи таълимӣ на танҳо ташаккули дониш, малака ва маҳорати хонандагон, инчунин бояд рушди маҷмӯи салоҳиятҳои марбут ба соҳаҳои зеҳнӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иртиботӣ (коммуникативӣ), иттилоотӣ ва дигар соҳаҳо бошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба хатмкунандаи мактаби муосир мувофиқи стратегияи рушди маориф чунин аст:

- хонанда ба вазъи ҳаёти тағйирёбанда омода бошад;
- возеҳ дарк кунад, ки донишҳои андӯхтааш дар куҷо ва чӣ тавр метавонанд истифода гарданд;
- қобилияти ба вуҷуд овардани ғояҳои навро дошта бошад, эҷодкорона фикрронӣ карда тавонад;
- иттилоотро дуруст таҳлил ва коркард намояд;
- баҳри рушди сатҳи ахлоқ, заковат ва дараҷаи маърифатии худ мустақилона кор барад.

Яъне пас аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ хонанда бояд дорои дониш, маҳорат, малака ва сифатҳои шахсии инсонӣ, ки барои ҳаёти шоиста ва муваффақ заруранд, гардад. Таълим бояд мувофиқи нақшаи оянда ба манфиати хонанда нигаронида шавад ва хонанда дар тӯли ҳаёт худро муваффақу босалоҳият дарёбад.

Барномаи таълими фанни география маҳз дар асоси талаботи мазкур таҳия гардидааст.

Заминаи меъёрию ҳуқуқии таҳияи «Барномаи таълими фанни география барои хонандагони синфҳои 6–11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми апрели соли 2009, № 206), Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 1996, № 94), Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми июли соли 2007, № 171), Низомномаи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2006, № 594), Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми июли соли 2009, № 427), Консепсияи таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои хонандагони дорои имкониятҳои маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2011, № 228) ва нақшаи таълимии фанни география дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ БАРОИ СИНФИ 6-ум

Вақти умумии ҷудошуда тибқи нақшаи таълимӣ - 72 соат, ҳафтае 2 соат (аз ин 2 соат дар ихтиёри омӯзгор гузошта мешавад)

## МУҚАДДИМА (1 соат)

География ҳамчун илм. География чиро меомӯзад.Инсон Заминро чӣ гуна омӯхт. Замин дар системаи Офтобӣ. Асосгузори илми география. Географияи табиӣ ва иқтисодӣ. Аҳаммияти омӯзиши география дар фаъолияти хоҷагии инсон.

## БОБИ I. ТАСАВВУРОТ ВА ДОНИШҲОИ ГЕОГРАФӢ ДАР БОРАИ ЗАМИН (4 соат)

Табиати сатҳи Замин ва сабабҳои мухталифи пайдоиши он. Зисту сукунати аҳолӣ. Фаъолияти хоҷагидории аҳолӣ. Инкишофи донишҳои географӣ дар бораи Замин. Тасаввуроти одамони замони қадим дар бораи Замин. Харитаи олами Птолемей. Исботи курашаклии Замин аз ҷониби Арасту, Абузубайди Балхӣ, Абуалӣ ибни Сино. Глобуси Абурайҳони Берунӣ. Кашфи Амрико аз ҷониби Христофор Колумб. Роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон, саёҳати Васко да Гамма. Аввалин саёҳати гирди олами Фернан Магеллан. Саёҳати Н. М. Пржевалский. Саёҳати Мирзо Сироҷи Ҳаким, Носири Хусрав, Аҳмади Дониш, Ҳоҷӣ Юсуф Мирфаёзов, Фозилбек Қосимбеков ва дигарон. Глобуси Бехайм.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***:

Мафҳуми фанни география. Мавқеи фанни география дар омӯзиши ҳодисаҳои табиат. Тасаввуроти одамони қадим оид ба шаклу андозаи Замин. Хато будани тасаввуроти одамони қадим оид ба ин масъала. Саҳми мутафаккирони Шарқ дар пешрафти илми география. Таърихи кашфи қитъаҳои дигари олам, санаи он ва номи сайёҳон. Дар бораи шакл ва табиати Замин, тағйироти он дар замонҳои қадим. Мисолҳои тадқиқоту мушоҳидаҳои ҳозираи географӣ (экспедитсияҳо ва мушоҳидаҳои доимӣ).

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- бо асбобҳои одитарини географӣ ва таъйиноти онҳо шинос гардад ва кор карда тавонад;
- расмҳои гуногуни китобро дар васеъ омӯхтани мавзӯъҳо корбаст карда тавонад;
- тарзи мақсадноки истифодаи китоби дарсиро азхуд намояд ва онро тозаву покиза нигоҳ дорад.

## БОБИ II. НАҚША ВА ХАРИТА (5 соат)

**Мавзӯи 1. Нақша ва харита , аломатҳои шартӣ, миқёс ва намудҳои он (3 соат)**

Аҳаммияти омӯзиши нақша ва харита. Тасвири маҳал дар нақша ва намудҳои он (расм, аэрофотосурат, сурати аз кайҳон бардошташуда), аломатҳои шартӣ дар нақшаи маҳал, миқёс ва намудҳои он (миқёси ададӣ, миқёси хаттӣ ва номӣ). Фарқи нақша аз харита. Аломатҳои шартии нақша ва харитаҳо. Намудҳои харита. Истифодаи нақша ва харита дар фаъолияти инсон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** мафҳуми нақшаи маҳал, миқёс, намудҳои миқёс, миқёси ададӣ, миқёси хаттӣ ва номӣ, тафовути тасвири маҳал дар расм, сурати аз кайҳон гирифташуда, аломатҳои шартии харитаҳои топографӣ, усулҳои ифодаи баландии мутлақи нуқтаҳо бо рақам ва хатҳои уфуқӣ.

***Хонанда бояд, дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз рӯйи нақша самт, масофа, мавзеъҳои маҳал ва баландии мутлақи нуқтаҳои алоҳидаро муайян карда тавонад;
- дар маҳал самтҳоро муайян карда тавонад;
- бо усули назардид нақшаи маҳалро кашида тавонад;
- харитаи табииро хонда тавонад;
- бо асбобҳои нишондиҳандаи самт кор карда тавониста, бо усули назардид нақшаи маҳалро кашида тавонад.

**Мавзӯи 2. Самтёбӣ дар нақша ва маҳал, азимут ва муайян кардани он дар маҳал ( 2 соат)**

Маҳал. Уфуқ ва тарафҳои он. Муайян намудани самтҳои уфуқ дар маҳал. Азимут ва муайян намудани азимут дар маҳал. Тартиб додан ва истифодаи нақшаи маҳал дар фаъолияти инсон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** мафҳумҳои маҳал, уфуқ, румб, самтёбӣ, азимут ва воситаю усулҳои гуногуни самтёбӣ дар маҳал.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- дар маҳал самтҳоро муайян карда тавонад;
- тарафҳои уфукро дар харита ва нақша муайян карда тавонад;
- аз рӯйи азимут ҳаракат карда тавонад.

**Кори амалӣ**

№1. Тартиб додани нақшаи бинои мактаб бо миқёс.
№2. Аз рӯйи нақшаи маҳал муайян кардани азимут.
№3. Бо усули назардид ба нақша гирифтани маҳал.

## БОБИ III. НОҲАМВОРИҲОИ САТҲИ ЗАМИН (2 соат)

**Мавзӯи 3 . Баландии нисбӣ ва мутлақ, сураткашии маҳал (2 соат)**

Баландии нисбӣ ва мутлақ, муайян намудани баландиҳои нисбӣ ва мутлақ, тасвири ноҳамвориҳои сатҳи Замин (релйеф), хатҳои уфуқӣ, чен кардани масофа. Сураткашии маҳал. Воситаҳои сураткашии маҳал. Тайёрӣ ба сураткашии маҳал, сураткашии қутбӣ ва маршрутӣ.

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

Релйеф, баландиҳои нисбӣ ва мутлақ, хатҳои уфуқӣ, Сураткашии назардид, қутбӣ ва маршрутӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- баландии нисбӣ ва мутлақро муайян карда тавонад;
- дар маҳалли зисти худ намудҳои релйефро муайян карда тавонад ва дар амал истифода барад;
- сураткашии қутбӣ ва назардидро иҷро карда тавонад;
- аз уҳдаи ҳама гуна ҳисобкуниҳо оид ба баландиҳои нисбӣ ва мутлақ, иҷрои машқу супоришҳо баромада тавонад.

## БОБИ IV. ГЛОБУС ВА ХАРИТА (5 соат)

**Мавзӯи 4. Замин: шакл ва бузургии он, харитаи географӣ, шабакаи дараҷадор (шабакаи градусӣ) ва унсурҳои он, муайян кардани координати нуқтаи даркорӣ дар глобус ва харитаи географӣ, тасвири баландиҳо ва чуқуриҳои сатҳи Замин дар харитаҳои табиӣ (5 соат)**

Шакл ва андозаи Замин. Глобус - тамсилаи Замин. Глобусҳои Абурайҳонӣ Берунӣ, Мартин Бехайм ва Ҳоҷӣ Юсуф Мирфаёзов. Харитаи географӣ. Пайдоиши харитаҳо ва давраҳои гуногуни сохтани харитаҳо. Шабакаи дараҷадор (шабакаи градусӣ) дар глобус ва харитаи географӣ, тафовути тасвири меридианҳо ва параллелҳо дар онҳо. Координатҳои географӣ - арз ва тӯли географӣ. Аломатҳои шартӣ ва миқёси харитаи табиии нимкураҳо ва дигар харитаҳои мактабӣ. Хусусиятҳои тасвири сатҳи Замин. Ҷадвали баландӣ ва чуқурӣ. Координатҳои географии нуқтаи аҳолинишини маҳали худ ва баландии он аз сатҳи баҳр. Тасвири баландиҳо ва пастиҳои сатҳи Замин дар харитаҳои географӣ. Маҳорати хондан, таҳлили ҳодисаҳои гуногуни табиӣ, иқтисодӣ; ба даст овардани донишҳои муайян оид ба ин ё он минтақа, ноҳия бо истифода аз харитаҳои гуногун. Харитаи электронӣ ва бартарии он нисбат ба харитаҳои муқаррарӣ. Аҳаммияти харита дар ҳаёти инсон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

Мафҳумҳои харита ва глобус, зарурияти пайдоиши глобус ва харитаҳои географӣ, қутбҳои географӣ, хатҳои шабакаи градусӣ-хатти экватор (истиво), хатҳои мувозӣ, меридианҳо, арзи географӣ, тӯли географӣ, дарозии доираи Замин, тарзҳои тасвири ноҳамвориҳои сатҳи Замин.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- бо харита ва глобус кор карда тавонад;
- самтҳо, координатҳои географӣ ва баландии нуқтаҳоро аз рӯйи харита муайян карда тавонад;
- аз харита мавқеи нуқтаи аҳолинишини худро ёбад;
- харитаро хуб хонда тавонад;
- бо таҳлили маводди харитаҳои гуногун оид ба иқлим, об, релйеф, олами набототу ҳайвонот, аҳолӣ ва фаъолияти меҳнатии он дар ин ё он минтақа маълумот дода тавонад.

**Кори амалӣ:**

№3. Муайян намудани самт ва координатҳои географӣ дар глобус, харитаи нимкураҳо ва харитаҳои дигар; дар харитаи контурӣ ишора кардани онҳо, ёд додани ороиши харитаи контурӣ.

№4. Дар харитаи контурӣ аз рӯйи координатҳои географӣ ишора кардани мавқеи маҳалҳои гуногуни аҳолинишин ва нуқтаи аҳолинишини худ. Иҷрои машқҳои гуногун оид ба ёфтани арз ва тӯли географӣ дар харита ва ишора намудани онҳо дар харитаҳои контурӣ.

## БОБИ V. КОИНОТ (2 соат)

### Мавзӯи 5. Офтоб - ситораи наздиктарин Сайёраи Замин, Моҳ - ҳамсафари Замин (2 соат)

Маълумот оид ба кайҳон, таркиби он, системаҳои ситорагӣ, ситораҳо, сайёраҳо, ҳамсафарони онҳо, кометаҳо, метеору метеоритҳо, гарду чангҳои кайҳонӣ, моддаи байни ситораҳо. Пайдоиши ҷирмҳои осмонӣ ва манзумаи (системаи) Офтоб. Мавқеи Замин ва дигар сайёраҳо дар системаи Офтоб. Алоқа ва таъсири байниҳамдигарии ҷирмҳои кайҳонӣ. Назарияи геосентрӣ ва гелиосентрӣ. Офтоб - ситораи наздиктарин ва нақши он дар мавҷудияти системаи Офтоб. Сайёраи Замин. Моҳ-ҳамсафари Замин, пайдоиши системаи Офтоб. Нақши Офтоб ва Моҳ дар мавҷудият ва табиати Замин.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

Мафҳумҳои коинот, системаҳои ситорагӣ, Системаи Офтоб. Ҷирмҳои осмонӣ, ситора, комета, сайёра, метеору метеоритҳо,таъсири мутақобилаи ҷирмҳои кайҳонӣ. Назарияҳои геосентрӣ ва гелиосентрӣ. Мавқеи Замин ва дигар сайёраҳо дар системаи Офтоб. Нақши Офтоб, Моҳ, дигар ҷирмҳои кайҳонӣ дар мавҷудият ва табиати кураи Замин.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- оид ба кайҳон, ҷирмҳои кайҳонӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо маълумоти қавӣ дошта, пайдоиши сол ва фаслҳои солро фаҳмонида тавонад;
- бо истифода аз маводди китоби дарсӣ соли кабисаро ҳисоб ва маънидод карда тавонад;
- пайдоиши гармии барзиёдро дар маркази ситораҳо маънидод карда тавонад;
- оид ба самаранок истифода бурдани нуру гармии Офтоб маълумоти пурра дошта бошад.

## БОБИ VI. ҚАБАТҲОИ ЗАМИН (11 соат)

**Мавзӯи 6. Геосфера (қабатҳои Замин) (1 соат)**

Геосфера чист? Геосфера аз кадом қабатҳо иборат аст. Қабатҳои беруна ва дохилии Замин. Сохти дарунии Замин, ядро, мантия, қишри Замин.

**Мавзӯи 7. Литосфера, ҷинсҳои таркибии қишри Замин, ҳаракати қишри Замин, сабабҳои заминҷунбӣ ва омӯзиши он, вулқонҳо, чашмаҳои гарм ва гейзерҳо, шаклҳои асосии релйефи сатҳи Замин, кӯҳҳо, ҳамвориҳои сатҳи Замин, релйефи қаъри укёнус (10 соат)**

Қабатҳои литосфера. Усулҳои омӯзиши қишри Замин. Ҷинсҳои таркиби қишри Замин. Минералҳо ва ҷинсҳои кӯҳӣ. Ҷинсҳои кӯҳии магмавӣ, таҳшинӣ ва метаморфӣ. Ҳаракати қишри Замин. Ҳаракати амудӣ ва уфуқии қишри Замин. Зилзила ва пайдоиши он. Сабабҳои пайдоиш ва минтақаҳои асосии паҳншавии зилзила дар сатҳи хушкӣ ва қаъри укёнус. Зарари зилзила ва мисолҳо оид ба ин ҳодиса дар тӯли қарнҳо. Ақидаҳо оид ба пешгӯии сарзании зилзила ва имкониятҳои кам пешгирӣ намудани он. Фаъолияти инсон дар минтақаҳои серзилзила. Минтақаҳои хатарноки зилзила дар Тоҷикистон ва мувофиқ кардани фаъолияти хоҷагидорӣ. Омӯзиши сабабҳои зилзила.

Вулқонҳо, чашмаҳои гарм, гейзерҳо ва сабаби пайдоиши онҳо. Паҳншавии вулқон, чашмаҳои гарм, гейзерҳо дар минтақаҳои гуногуни

Замин. Вулқонҳои амалкунанда ва хомӯшшуда. Вулқон ва чинсҳои вулқонӣ. Нақши вулқонҳо дар пайдоиши намудҳои гуногуни релйефи сатҳи Замин. Ҳаракати вулқонҳо дар қаъри уқёнус. Фаъолияти вулқонҳо дар тӯли таърихи инсонӣ ва зарари онҳо, истифодаи гармии вулқон, гейзерҳо ва чашмаҳои гарм. Ақидаи Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ оид ба инкишофи қишри Замин. Чашмаҳои гарми Точикистон: пайдоиш, паҳншавӣ ва истифодаи онҳо.

Шаклҳои асосии релйефи сатҳи Замин: кӯҳҳо, ҳамвориҳо, хамиҳо (шаклҳои релйефи Тоҷикистон ҳангоми баёни релйефи Замин мисол оварда шавад). Тафовути кӯҳҳо ва ҳамвориҳо (аз Тоҷикистон мисол оварда шавад).

Тағйир ёфтани кӯҳҳо ва ҳамвориҳо дар натиҷаи амалиёти омилҳои дохилӣ ва берунӣ (эндогенӣ ва экзогенӣ).

Релйефи қаъри Уқёнуси ҷаҳонӣ. Омӯхтани қаъри Уқёнуси ҷаҳонӣ. Кӯҳҳои қаъри Уқёнуси ҷаҳонӣ. Ҳамвориҳои қаъри Уқёнуси ҷаҳонӣ.

Хусусиятҳои релйефи маҳалли худ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

Мафҳуми литосфера, кӯҳҳо, ҳамвориҳо, қулла, ағба, қаторкӯҳ, кӯҳистон; шаклҳои асосии релйефи материкҳо ва қаъри уқёнусҳо. Тафовути ҳамвориҳо ва кӯҳҳо. Намудҳои ҳаракати қишри Замин. Тағйир ёфтани релйефи материкҳо ва қаъри уқёнусҳо зери таъсири равандҳои берунӣ; мавқеи мавзеъҳои зерин дар харитаи нимкураҳо: вулқони Ключевская сопка; кӯҳҳо - Анд, Кордилйер, Помир, Ҳимолой (қуллаҳои баландтарини онҳо); дар уқёнусҳо - қаторкӯҳи Ломоносов, Миёнаи атлантикӣ; ҳамвориҳо - Аврупои Шарқӣ, пастии Амазонка, Сибири Ғарбӣ, паҳнкӯҳи Сибири Миёна, Помири Шарқӣ ва Арабистон. Хусусияти релйеф, ҷинсҳои кӯҳии маҳалли худ ва сабаби пайдоиши онҳо, аҳаммияти хусусиятҳои релйефи маҳалли худ барои фаъолияти хоҷагии одамон.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- ҷинсҳои таҳнишинӣ ва магмавиро аз рӯйи нишонаҳои зоҳирӣ фарқ карда тавонад; -

- мавқеи географии кӯҳҳо ва ҳамвориҳо, баландии кӯҳу ҳамвориҳоро дар сатҳи хушкӣ ва чуқуриҳои уқёнусро нишон дода тавонад;

- дар харитаи контурӣ кӯҳҳо ва ҳамвориҳои калонтарини ҷаҳонро ишора кунад;

- тағйирёбии нишондиҳандаҳои табииро вобаста ба баландии кӯҳҳо маънидод карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

№5. Аз рӯйи харита муайян кардани мавқеи баландии кӯҳҳо ва ҳамвориҳо. Муайян кардани мавқеи баландии кӯҳҳо ва ҳамвориҳои Тоҷикистон.

№6. Дар харитаи тарҳӣ (контурӣ) ишора кардан ва навиштани номи кӯҳҳо, ҳамвориҳо, вулқонҳо.

## БОБИ VII. ГИДРОСФЕРА (13 соат)

### Мавзӯи 8. Маълумоти умумӣ оид ба гидросфера, Уқёнуси ҷаҳонӣ, обҳои хушкӣ (обҳои зеризаминӣ, дарёҳо, кӯлҳо, пиряххо), истифода ва ҳифзи гидросфера (13 соат)

**Гидросфера.** Гардиши ҷаҳонии об ва аҳаммияти он дар софу покизашавии об ва гармшавии атмосфера.

**Уқёнуси ҷаҳонӣ** ва ягонагии он, қисмҳои Уқёнуси ҷаҳонӣ ва сарҳадҳои он. Баҳрҳо, халиҷҳо, гулӯгоҳҳо. Харитаи уқёнусҳо. Хушкӣ дар уқёнус. Материкҳо, ҷазираҳо ва нимҷазираҳо, галаҷазира, баҳрҳо, халиҷҳо, гулӯгоҳҳо.

Тафовути чуқурии уқёнусҳо, шӯрии об ва мавҷудияти газҳо дар оби уқёнус. Муаммои истифодабарии сарватҳои табиии оби Уқёнуси ҷаҳонӣ ва софкунии (ширинкунии) оби уқёнус. Ҳаракати оби уқёнус, мавҷҳои бод ва таъсири онҳо ба соҳилҳои баҳру уқёнусҳо, мадд ва ҷазр: сабаби пайдоиш, баландии мавҷ ва истифодабарии неруи мадду ҷазр. Ҷараёнҳои уқёнусӣ ва сабаби пайдоиши онҳо, омӯзиши ҷараёнҳои уқёнусӣ. Ҷараёнҳои калонтарини сатҳи оби уқёнус ва минтақаҳои ҷойгиршавии онҳо. Ҷараёнҳои гарм ва хунуки уқёнусӣ ва аҳаммияти онҳо дар гуногунии иқлими рӯйи Замин. Наботот ва ҳайвоноти баҳрӣ. Гуногунии олами набототу ҳайвоноти баҳрӣ ва паҳншавии онҳо дар минтақа ва чуқуриҳои ҳархелаи Уқёнуси Ҷаҳонӣ ва сабаби он.

**Обҳои хушкӣ.** Обҳои сатҳи Замин. Дарёҳо ва қисми таркибии онҳо. Системаи дарё, ҳавзаи дарё, обтақсимкунак, сароб ва резишгоҳи дарёҳо, шохобҳои рост ва чапи дарёҳо. Вобастагии самт ва хусусиятҳои ҷараёни дарё ба релйеф. Остона, шаршара ва сабаби пайдоиши онҳо. Намуд ва шаршараҳои калонтарини ҷаҳон ва пахншавии онҳо дар сатҳи Замин. Ғизогирии дарёҳо: боронӣ, барфӣ, пиряхӣ. Серобӣ ва камобии дарёҳо дар давоми сол (фаслҳои серобӣ ва камобии дарёҳо),таъсири кӯл ва обанборҳо ба ҷараёни солонаи дарёҳо. Аҳаммияти дарёҳо. Дарёҳои маҳалли худ: ғизогирӣ. Ҷоришавии оби дарё дар давоми сол ва аҳаммияти дарёҳои маҳал. Сарчашмаи дарё ва ҳифзи онҳо аз ифлосшавӣ.

**Кӯлҳо,** ҳавзаи кӯлҳо ва пайдоиши онҳо. Шӯрӣ ва ширинии оби кӯлҳо.Хелҳои кӯл: равон ва норавон. Паҳншавии кӯлҳо дар сатҳи

хушкӣ ва истифодабарии оби кӯл. Обанборҳои сунъӣ, ҳавзҳо, каналҳо ва аҳаммияти хоҷагии онҳо.

**Пиряххо:** мафҳум, пайдоиш, хелҳо, ҳаракат, зарар ва аҳаммияти онҳо. Паҳншавии пиряххо дар рӯйи Замин: пиряххои пӯшанда, материкӣ ва кӯҳӣ. Пиряххои дорои ҳаракати харобиовар ва зарари онҳо.

**Обҳои еризаминӣ**. Пайдоиш ва намудҳои онҳо. Ҷойгиршавии онҳо дар қабатҳои ҷинсҳои кӯҳӣ ва паҳншавии онҳо. Истифодабарии обҳои зеризаминӣ, манбаъҳои ифлосшавӣ ва ҳифзи онҳо аз ифлосшавӣ.

Ҳамаи мафҳумҳое, ки дар ин мавзӯъ омӯхта мешаванд, бо мисолҳои шавқовар оид ба ҳодисаҳои табиии маҳал ва ҷумҳурӣ ба хонандагон ба таври мушаххас фаҳмонида мешаванд.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** мафҳумҳои гидросфера, гардиши хурди об, гардиши калони об, уқёнус, материк, ҷазира, нимҷазира, галаҷазира, баҳр, халиҷ, гулӯгоҳ, промилл, мавҷ, суннами, мадд, ҷазр, планктон, бентос, қабатҳои обгузар, қабатҳои обногузар, оби зеризаминӣ, чоҳи артезианӣ, чашма, дарё, сарчашма, шохоб, водии дарё, маҷрои дарё, резишгоҳ, ҳавзаи дарё, обтақсимкунак, шаршара, остона, канал, кӯл, обанбор, пиряххо; хелҳои ҳаракати об дар уқёнус; хелҳои обҳои хушкии сатҳӣ ва зеризаминӣ; мавқеи мавзеъҳо дар харита; баҳрҳо - Сиёҳ, Беринг, Миёназамин, Каспий, Сурх; гулӯгоҳ – Беринг; халиҷҳо - Бискай, Бангола; ҷазираҳо - Гренландия, Гавай; нимҷазираҳо - Камчатка, Арабистон; хамӣ - Мариана; ҷараёнҳо - Голфстрим, Лабрадор; дарёҳо - Волга, Амазонка, Нил, Ому, Зарафшон, Сир; канал - Вахш; Кӯлҳо - Искандаркӯл; обанбор –Баҳри тоҷик, обҳои сатҳ ва зеризаминии маҳалли худ, истифода ва ҳифзи онҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз харита нишон додан, муайян кардани мавқеи географии мавзеъҳои географӣ ва дар харитаи тарҳӣ (контурӣ) ишора намудани онҳо;
- аз харита муайян карда тавонистани чуқурии уқёнусҳо ва баҳрҳо, аз рӯйи харита муқаррар кардани таъсири релйеф ба самт ва ҷараёни дарёҳо;
- аз харита муайян кардани самти ҳаракати ҷараёнҳои уқёнусӣ;
- аз харита ёфтан ва ба харитаи тарҳӣ (контурӣ) гузаронидани ҷараёнҳои Уқёнуси Ҷаҳонӣ ва нуқтаҳои баландтарини мадду ҷазр.

**Кори амалӣ:**

№7. Тавасути миқёси харита чен кардани масофаи байни маҳалли худ ва баҳри наздиктарин. Аз харита муайян кардани чуқурии уқёнусҳо

ва баҳрҳо. Дар харитаи тарҳӣ навишта ва ишора кардани номи уқёнусҳо, баҳрҳо, ҷазираҳо ва нимҷазираҳо. Аз харита ёфта ба харитаи тарҳӣ гузаронидани кӯл ва дарёҳои калонтарини сатҳи хушкӣ, мавзеъҳои калонтарини яхбандии сатҳи Замин.

## БОБИ VIII. АТМОСФЕРА (13 соат)

### Мавзӯи 9. Маълумоти умумӣ оид ба атмосфера (11 соат)

Атмосфера чист? Таркиб ва сохти атмосфера. Қабатҳои атмосфера: тропосфера, стратосфера ва қабатҳои болоӣ (мезосфера, термосфера, экзосфера). Сарҳадҳои атмосфера. Аҳаммияти атмосфера. Омӯзиши атмосфера. Ақидаи олимон оид ба таркиби атмосфера. Ақидаи Ибни Сино оид ба ҳодисаҳои атмосферӣ (раъд, барқ, борон, барф, жола ва ғайра). Ҳарорати ҳавои атмосфера, ченкунии ҳарорати ҳаво, равиши шабонарӯзии ҳарорат. Равиши солонаи ҳарорати ҳаво. Асбобҳои ченкунандаи ҳарорати ҳаво. Фишори атмосферӣ. Тағйирёбии фишори атмосферӣ ва сабабҳои он. Асбобҳои чен кардани фишори атмосферӣ. Тарзи омӯхтани атмосфера. Роҳҳои тоза нигоҳ доштани ҳавои атмосфера. Бод ва сабаби пайдоиши он. Намудҳои бод. Асбобҳои ченкунандаи самт ва суръати бод, истифодаи неруи бод.

Об дар атмосфера: буғҳои об, ҳавои аз об сершуда ва носер, намнокии нисбӣ ва мутлақ,туман ва абр, пайдоиш ва намудҳои онҳо, аҳаммияти абрҳо. Боришоти атмосферӣ ва намудҳои он, пайдоиши боришоти атмосферӣ ва усулҳои ченкунии он, шароитҳои пайдоиши боришот, тақсимшавии боришоти атмосферӣ дар сатҳи Замин ва сарчашмаи асосии воридшавии буғҳои об ба атмосфера. Тавсифи ҳолати ҳаво: ҳарорат, буғи об, абрнокӣ, бориш, бод. Усулҳои муайян кардани ҳарорати миёна, самти бодҳои бартаридошта, миқдори боришот дар зарфи шабонарӯз, моҳ, сол, бисёрсола.

Обу ҳаво: мафҳум, тағйирёбӣ ва сабабҳои он, пешгӯйии обу ҳаво. Иқлим. Мафҳуми «иқлим». Вобаста ба арзи географӣ дар сатҳи замин тақсим шудани ҳарорат ва боришот. Тропикҳо ва доираҳои қутбӣ, ҳудуди минтақаҳои равшанӣ. Рӯз ва шаби қутбӣ. Омилҳои ба иклим таъсиррасонанда: арзи географӣ, уқёнус, самти бодҳо, баландии маҳал, ҷараёнҳои уқёнусӣ, релйеф. Иқлимҳои баҳрӣ, континентӣ, муссонӣ. Мавқеи маҳалли худ дар минтақаи рушноӣ. Хусусиятҳои хоси иқлими маҳалли худ.

**Кори амалӣ:**

№8. Мушоҳидаи обу ҳаво. Дар дафтар ё тахтаи синф кашидани ҷадвали хатти каҷи тағйироти ҳарорат, боришот, диаграммаи абрнокӣ ва дигар унсурҳои иқлим.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** мафҳумҳои атмосфера, бод, боришот, обу ҳаво, иқлим. Пайдо шудани бод ва вобастагии он ба тафовути фишори атмосфера. Хелҳои асосии абр, бориш. Мавқеи минтақаҳои рушноӣ дар кураи Замин ва харита; обу ҳавои хоси маҳалли худ дар фаслҳои сол. Тавсифи хусусиятҳои хоси иқлими маҳалли худ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- обу ҳаворо мушоҳида карда тавонад;
- дар асоси мушоҳида сабаби тағйирёбии обу ҳаворо шарҳ диҳад;
- ивазшавии обу ҳавои маҳалли худро сарфаҳм рафта, сабабашро фаҳмонад;
- ҳарорати миёнаро ҳисоб карда, нақшаи моҳона ва солонаи онро тартиб диҳад;
- диаграммаи абрнокӣ ва боришро тартиб дода тавонад ва тағйироти шабонарӯзии обу ҳаворо шарҳ диҳад.

**Мавзӯи 10. Биосфера (2 соат)**

Биосфера — муҳити ҳаёт. Гуногунии мавҷудоти зинда дар сатҳи Замин. Намудҳои организмҳои зинда . Нобаробар паҳншавии наботот ва ҳайвонот дар кураи Замин. Минтақанокии уфуқӣ ва амудӣ. Паҳншавӣ ва таъсири организмҳо ба атмосфера, литосфера, гидросфера. Омилҳои ғайризиндаи ба мавҷудоти зинда таъсиркунанда: равшанӣ, гармӣ ва намӣ. Таъсири инсон ба биосфера, наботот ва ҳайвоноти маҳалли худ. Алоқамандии организмҳои зинда бо дигар қабатҳои Замин.

## БОБИ IX. АЛОҚАМАНДИИ ҚИСМАТҲОИ ТАБИАТ (2 соат)

**Мавзӯи 11. Алоқамандии қисматҳои табиат. Таъсири мутақобилаи табиат ва ҷамъият (2 соат)**

Табақаи географӣ ва биосфера. Табақаи географӣ чист? Комплекси табиӣ. Шароитҳои табиӣ. Таъсири мутақобилаи табиат ва ҷамъият. Муҳити географӣ. Мувозинати қисмҳои таркибии табиат. Таъсири фаъолияти инсон ба табиат. Ҳифзи муҳити зист. Ландшафтҳои табиӣ ва антропогенӣ. Қонуни асосии Тоҷикистон оид ба муҳофизати табиат.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** сабабҳои тағйир ёфтани ҳаёти рустаниҳо дар давоми фаслҳои сол; таркиби биосфера; комплекси табиии маҳалли худ, истифода бурдан ва муҳофизати он; ошкор кардани робитаҳои қисмҳои таркибии табиат.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- ба тарзи шифоҳӣ дар бораи комплекси табиии маҳалли худ маълумоти умумӣ дода тавонад;
- аз уҳдаи ҳама гуна мушоҳидаҳо дар комплекси табиии маҳалли худ баромада тавонад:
- фаҳмонида тавонад, ки ба ин тағйирёбиҳо кадом омилҳо таъсир мерасонанд.

**Кори амалӣ:**

№9. Шиносоӣ бо қисмҳои таркибии табиати маҳалли худ ва ошкор кардани робитаи байни онҳо. Тартиб додани тафсири комплекси табиии маҳал.

## БОБИ X. АҲОЛИИ КУРАИ ЗАМИН. МАМЛАКАТҲО (4 соат)

**Мавзӯи 12. Аҳолии кураи Замин (2 соат)**

Пайдоиши инсони соҳибхирад. Шумора ва афзоиши аҳолии кураи Замин.

Миқдори аҳолии Замин дар замони ҳозира. Мафҳуми «нажод». Нажодҳои асосӣ ва паҳншавии онҳо. Баробарҳуқуқии нажодҳо. Саъдии Шерозӣ оид ба ягонагии инсон. Саёҳати Н.Н.Миклухо-Маклай ва назарияи баробарҳуқуқии нажодҳо. Маҳалҳои аҳолинишин ва шаклҳои маскуншавии аҳолӣ. Маҳалҳои аҳолинишин, фаъолияти хоҷагдорӣ ва зисту зиндагии аҳолии маҳалли худ.

**Мавзӯи 13. Мамлакатҳои ҷаҳон (2 соат)**

Халқҳо ва давлатҳо. Тавсифи давлатҳо дар харитаи сиёсии ҷаҳон. Гурӯҳбандии мамлакатҳо аз рӯйи сохти ҷамъиятиашон. Ташаккулёбии мамлакатҳои нав ва сабабҳои он. Мамлакатҳои калонтарини ҷаҳон. Тоҷикистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** миқдори аҳолии Замин; нажод ва омилҳои ба пайдоиши онҳо таъсиррасонанда; усулҳои тасвири давлатҳо ва пойтахти онҳо дар харитаи сиёсии ҷаҳон; шаклҳои асосии маскуншавии аҳолӣ (шаҳр ва деҳот), маҳалҳои аҳолинишин ва фаъолияти хоҷагии аҳолии маҳалли худ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- сабаби гуногунии симои зоҳирии нажодҳоро фаҳмонида тавонад. Омилҳои ба он таъсиркунандаро номбар карда тавонад;
- аз нақшаи маҳал ва харита нуқтаҳои аҳолинишин ва пойтахти мамлакатҳоро нишон дода тавонад.

**Кори амалӣ:**

№10. Муқаррар кардани мавқеъ ва пойтахти давлатҳое, ки дар матни китоби дарсӣ сабт шудаанд. Муайян намудани координати пойтахти давлатҳои алоҳида, аз ҷумла Тоҷикистон.

## БОБИ XI. ТАБИАТ, АҲОЛИИ НОҲИЯ ВА МАҲАЛЛИ ХУД (6 соат)

**Мавзӯи 14. Табиати маҳалли худ**

Қисмҳои таркибии табиати маҳал (релйеф, обу ҳаво, хок, наботот, ҳайвонот) ва таъсири мутақобилаи байни онҳо. Таъсири табиати маҳал ба ҳаёт ва фаъолияти хоҷагии аҳолӣ.

Истифода бурдани сарватҳои табиӣ ва тағйир додани табиати маҳалли худ. Чорабиниҳо оид ба самаранок истифода бурдани табиати маҳал ва муҳофизати он.

**Кори амалӣ:**

№11. Чен кардани баландии нисбӣ ба воситаи нивелири мактабӣ. Тасвири ягон дарё ё обанборе, ки дар маҳалли худ воқеъ гардидааст.

Саёҳат. Омӯхтан ва шиносоӣ ба шаклҳои релйеф, ҷинсҳои кӯҳӣ, намудҳои хок, наботот, ҳайвонот, обҳои сатҳ ва зери замин, вазъи истифода ва ошкор намудани дараҷаи таъсири ҷамъияти инсонӣ ба комплексҳои табиӣ, муҳофизати онҳо. Шиносоӣ ба омилҳое, ки релйефи маҳал ва умуман омилҳое, ки сабаби тағйирёбии комплексҳо мегарданд.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** хусусиятҳои релйеф, иқлим, об, хок ва набототи маҳалли худ. Робитаи мутақобилаи байни табиат ва фаъолияти инсон дар маҳалли худ, тадбирҳои муҳофизати табиати маҳалли худ; муайян кардани мавқеи географии иншоотҳо дар маҳал.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз рӯйи нақшаи маҳал ва харитаи топографӣ самтҳоро муайян карда тавонад;
- оид ба вазъи кунунии комплексҳои табиии маҳал баҳои воқеӣ ва хулосаи дуруст дода тавонад»;
- оид ба таъсири омилҳои гуногун нисбати тағйирёбиҳои комплексҳои табиии маҳали худ ақидаашро гуфта тавонад;
- дар бораи беҳдошти вазъи табиати кишвар ақидаҳои одитарини худро пешниҳод карда тавонад.

## Таҷҳизоти таълимӣ

Коллексияи маъдан ва ҷинсҳои кӯҳӣ. Глобуси кураи Замин. Моделҳо: теппаи буридашуда, боднамо, комплекси макетҳои сатҳи хушкӣ. Моделҳои серҳаракати гардиши ҷаҳонии об дар табиат. Асбобҳо барои гирифтани нақшаи маҳал ва гузаронидани саёҳат. Харитаи табиӣ: харитаи табиии нимкураҳо, Тоҷикистон, харитаи тарҳӣ, топографӣ, сохти геологӣ, наботот ва ҳайвоноти ҷаҳон.

Атласи географии синфи VI. Аксҳои симои ҳодисаҳои мухталифи табиат ва ҷадвали маълумотҳо.

Харитаи иҷтимоиву иқтисодӣ. Харитаи сиёсии нимкураҳо. Тақвими мушоҳидаи обу ҳаво. Маводди тақсимшаванда. Диапозитивҳо: Атмосфера. Обҳои хушкӣ. Уқёнуси ҷаҳонӣ. Мафҳуми нажодҳо.

Компютер, проектор, кинофилмҳо ва ғ.

Диафилмҳо: нақшаи маҳалро чӣ тавр бояд тартиб дод? Шаклҳои сатҳи хушкӣ. Аҳаммияти уқёнусҳо ва баҳрҳо барои инсон. Муҳофизати атмосфера.

Кинопорчаҳо: «Зилзила»; «Пиряххо дар кӯҳсор»; «Айсбергҳо»; «Кӯлҳо»; «Дарёҳои ҳаморӣ»; «Дарёҳои кӯҳӣ»; «Остона ва шаршараҳо»; «Ҳосилшавӣ ва хелҳои абр».

Кинофилм: «Мо чаро Заминро меомӯзем»?

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ГЕОГРАФИЯИ МАТЕРИКҲО ВА УҚЁНУСҲО БАРОИ СИНФИ 7-ум

Вақти умумии ҷудошуда тибқи нақшаи таълимӣ - 72 соат, ҳафтае 2 соат

## МУҚАДДИМА (1 соат)

Географияи материкҳо ва уқёнусҳо чиро меомӯзад? Алоқамандии курси географияи синфҳои 6 ва 7-ум. Курси географияи синфи 7-ум давоми мантиқии географияи синфи 6-ум. Мақсаду вазифаҳои омӯзиши курси географияи материкҳо ва уқёнусҳо. Аҳаммияти донистани хусусияти материкҳо ва уёнусҳо. Манбаъҳои маълумоти географӣ.

## ФАСЛИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ КУРРАИ ЗАМИН

## БОБИ 1. ТАВСИФИ УМУМИИ ТАБИАТИ МАТЕРИКҲО ВА УҚЁНУСҲО (12 соат)

**Материкҳо, қитъаҳои олам ва давлатҳо**

Қисмҳои калони хушкӣ – материкҳо ва қитъаҳо. Материкҳо ва хусусияти онҳо. Қитъаҳои олам. Хусусияти қитъаҳои олам. Фарқи материк аз қитъа. Тавсифи давлатҳои ҷаҳон. Тасвири давлатҳо дар харита.

**Одамон чӣ тавр кураи Заминро омӯхтанд?**

Ҷамъоварии маълумот дар давраҳои қадим. Марҳалаҳои асосии ҷамъ шудани маълумот дар бораи Замин. Саҳми шахсони алоҳида дар кашфи минтақаҳои гуногуни кураи Замин. Кашфиётҳои бузурги географӣ. Аҳаммияти кашфиётҳои географӣ.

**Харита – сарчашмаи асосии маълумоти географӣ**.

Фарқи харита аз нақша. Тафовути харитаҳо аз ҷиҳати миқёс (харитаҳои хурдмиқёс, миёнамиқёс ва калонмиқёс); дар бар гирифтани ҳудуд ва мазмун. Харита ҳамчун сарчашмаи маълумоти географӣ. Хатоҳо дар харита.

**Минтақаҳои соатӣ дар кураи Замин.**

Унсурҳои муайянкунандаи минтақаҳои соатӣ дар кураи Замин. Гуногунии вақт дар минтақаҳои алоҳидаи кураи Замин. Нақши Гринвич дар муайян кардани вақт. Вақти минтақавӣ. Вақти маҳаллӣ. Вақти декретӣ. Минтақаҳои соатӣ дар баҳру уқёнусҳо.

**Назарияи пораҳо (плитаҳо)-и литосферӣ. Платформаҳо ва минтақаҳои чиндоршавӣ.**

Фарзияҳо оид ба пайдоиши материкҳо ва уқёнусҳо. Пора (плита)-ҳои литосферӣ. Платформаҳо. Минтақаҳои чиндоршавии қишри

Замин. Ҳаракатҳои уфуқӣ ва амудии пораҳои литосферӣ. Пайдоиши материкҳо ва уқёнусҳо.

**Шаклҳои релйефи Замин. Пайдоиши ҳамвориҳо ва кӯҳҳо**

Шаклҳои релйефи Замин. Пайдоиши ҳамвориҳо ва кӯҳҳо. Макрорелйеф - барҷастагиҳои материкӣ ва фурӯхамидаҳои уқёнусӣ. Микрорелйефи Замин. Вобастагии пайдоиши кӯҳҳо ва ҳамвориҳо ба ҳаракатҳои қишри Замин ва омилҳои беруна. Ҷойгиршавии шаклҳои калони релйеф дар сатҳи Замин.

**Кори амалӣ:**

№1. Аз харита истифода бурда, яке аз материкҳоро тавсиф диҳед. Муқоисаи релйефи ду материк (интихобӣ): сабабҳои монандӣ ва фарқи онҳоро муайян кунед.

**Анбӯҳи ҳаво. Сиклонҳо ва антисиклонҳо**

Анбӯҳи ҳаво ва типҳои асосии он. Фишори атмосферӣ. Минтақаҳои фишори атмосферӣ. Ҳаракати анбӯҳҳои ҳаво. Фронтҳои атмосферӣ. Сиклонҳо ва антисиклонҳо.

**Минтақаҳои иқлимии кураи Замин.**

Минтақаҳои иқлим. Омилҳои иқлимҳосилкунанда. Тавсифи минтақаҳои иқлимӣ. Минтақаҳои асосӣ ва гузарандаи иқлими Замин. Фарқи минтақаҳои гузаранда ва асосӣ. Типҳои иқлим – баҳрӣ, континенталӣ (хушкӣ)-и муътадил, континенталии хушк ва муссонӣ. Минтақаи иқлиме, ки мо зиндагӣ мекунем.

**Кори амалӣ:**

№2. Тавсифи иқлим аз рӯйи харитаи иқлимӣ.

№3. Муқоисаи хусусиятҳои иқлимии ду минтақаи иқлимӣ (интихобӣ).

№4. Тавсифи муқоисавии минтақаҳои гуногуни иқлимии яке аз материкҳо; арзёбӣ намудани шароитҳои иқлимӣ барои ҳаётгузаронии инсон.

**Гидросфера. Уқёнуси ҷаҳонӣ - қисми асосии гидросфера**

Оби Уқёнуси ҷаҳонӣ. Об - манбаи ҳаёт ва моддаи аз ҳама паҳншудатарин дар кураи Замин. Нақши уқёнус дар ҳаёти Замин. Обҳои Уқёнуси ҷаҳонӣ. Хосияти оби уқёнус. Ях дар уқёнус. Анбӯҳи об. Ҳаракати оби уқёнус – ҷараёнҳо. Уқёнус ҳамчун муҳити зист. Алоқамандии уқёнус бо атмосфера ва қисми хушкии Замин.

**Минтақаҳо (зонаҳо)-и табиии кураи Замин**

Минтақаҳои географӣ ва зонаҳои табиӣ. Қонуниятҳои ҷудо кардани ҳудудҳо ба минтақаҳои (зонаҳои) табиӣ: зонаҳои табиии

минтақаҳои экваторӣ ва субэкваторӣ, зонаҳои табиии минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ, зонаҳои табиии минтақаҳои муътадил, зонаҳои табии минтақаҳои географии субарктикӣ ва субантарктикӣ, зонаҳои табиии минтақаҳои арктикӣ ва антарктикӣ. Минтақаҳои баландӣ. Фаъолияти аҳолӣ дар минтақа (зона)-ҳои табиӣ.

**Аҳолии кураи Замин. Халқҳо ва нажодҳо**

Шумораи аҳолӣ. Ҷойгиршавии аҳолӣ дар сайёраи Замин. Минтақаҳои асосии маскуншавии аҳолӣ. Нажодҳо дар рӯйи Замин. Халқҳои кураи Замин. Динҳо. Динҳои ҷаҳонӣ ва миллӣ.

**Кори амалӣ:**

№5. Тавсифи муқоисавии шумора, зичӣ ва динамикаи аҳолии материкҳо ва давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон.

№6. Дар харитаи тарҳӣ ишора намудани ҷойгиршавии миллатҳои бузург, хурдтарин халқиятҳо, шаҳрҳои бузурги ҷаҳон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд донад:*** алоқамандии географияи табиӣ ва географияи материку уқёнусҳо; мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни географияи материкҳо ва уқёнусҳоро шарҳ диҳад; аҳаммияти донистани хусусиятҳои материкҳо ва уқёнусҳоро барои ҳаёти одам бо мисолҳо асоснок кунад; тақсимоти об ва хушкиро дар сатҳи Замин нишон диҳад; манбаъҳои маълумоти географиро номбар карда, усулҳои омӯзиш ва азхудкунии онҳоро фаҳмонад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***

- материк ва қитъаҳои оламро дар харита нишон дода тавонад;
- оид ба ҷазираҳое, ки пайдоиши материкӣ, вулқонӣ ва марҷонӣ доранд, мисолҳо оварда тавонад;
- аз рӯйи харита маълумот дода тавонад;
- харитаҳоро хонда таҳлил карда тавонад.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд донад:*** тақсимоти об ва хушкӣ дар сатҳи Замин; номбар кардани минтақаҳо (зонаҳо)-и табиӣ; аҳаммияти минтақа (зона)-ҳои табиӣ барои фаъолияти инсон; сабаби вобаста ба арз ва баландӣ тағйир ёфтани минтақаҳои табиӣ; хусусиятҳои паҳншавии аҳолӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***

-аҳаммияти донистани хусусиятҳои материкҳо ва уқёнусҳоро барои ҳаёти одам бо мисолҳо асоснок карда тавонад;

- минтақаҳои асосии сокиншавии аҳолии ҷаҳонро номбар карда тавонад;

- хусусияти ивазшавии минтақаҳои табииро аз рӯйи расм ва харитаҳои мавзӯӣ нишон дода фаҳмонад;

- оид ба роҳҳои асосии паҳншавии аҳолӣ дар материк ва минтақаҳои ҷаҳон, ноҳияҳои асосии маскуншавии аҳолӣ, нажодҳо ва халқиятҳои кураи Замин маълумот дода, ба кадом нажод дохил шудани халқи худро гӯяд;

- географияи динҳои ҷаҳониро фаҳмонад;

- баъзе давлатҳои сермиллати ҷаҳонро аз харита нишон дода тавонад.

## ФАСЛИ II. ТАВСИФИ МИНТАҚАВИИ КУРАИ ЗАМИН (54 соат)

## БОБИ 2. ТАВСИФИ УҚЁНУСҲО (5 соат)

Уқёнусҳои ҷаҳон. Масоҳати ишғолкардаи уқёнусҳо нисбати материкҳо.

**Уқёнуси Ором.** Хусусият ва мавқеи географии уқёнуси Ором. Таърихи кашф ва азхудкунии уқёнус. Релйефи қаър. Иқлим ва обҳои уқёнус. Ҷараёнҳои уқёнуси Ором. Олами органикӣ ва сарватҳои табиии уқёнуси Ором. Уқёнусия. Фаъолияти хоҷагии инсон ва масъалаҳои экологӣ.

**Уқёнуси Атлантик.** Мавқеи географӣ. Таърихи кашф ва азхудкунии уқёнуси Атлантик. Релйефи қаъри уқёнус. Иқлим ва обҳои уқёнус. Олами органикӣ ва сарватҳои табиӣ. Ҷараёнҳои уқёнус. Фаъолияти хоҷагии инсон ва масъалаҳои экологӣ дар уқёнуси Атлантик.

**Уқёнуси Ҳинд.** Мавқеи географӣ. Таърихи кашф ва азхудкунии уқёнуси Ҳинд. Релйефи қаъри уқёнус. Иқлим ва обҳои уқёнус. Олами органикӣ ва сарватҳои табиӣ. Ҷараёнҳои уқёнус. Фаъолияти хоҷагии инсон ва масъалаҳои экологӣ дар уқёнуси Ҳинд.

**Уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ.** Мавқеи географӣ. Таърихи кашф ва азхудкунии уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ. Релйефи қаъри уқёнус. Иқлим ва обҳои уқёнус. Олами органикӣ ва сарватҳои табиӣ. Ҷараёнҳои уқёнус. Ҳифзи табиати Арктика.

**Кори амалӣ:**

№7. Уқёнус ҳамчун роҳи нақлиётӣ, мавзеи шикори моҳӣ, фароғат ва дигар хусусиятҳо. Яке аз уқёнусҳоро интихоб намуда, дар харитаи тарҳӣ роҳҳои нақлиётӣ, мавзеи шикори моҳӣ, ноҳияҳои фароғатӣ (туристӣ) –и онро гузаронед.

**№8.** Аз харита ва дигар манбаъҳои маълумот истифода бурда оид ба хусусият, мавқеи географӣ, табиат ва сарватҳои табиии яке аз ҷазираҳои бузург маълумот диҳед (интихобӣ).

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** уқёнусҳоро аз харита нишон диҳад; мавқеи уқёнусҳоро нисбат ба материкҳо шарҳ дода, оид ба таърихи тадқиқоти онҳо маълумот диҳад; хусусиятҳои релйефи қаъри уқёнусҳоро шарҳ дода, самти ҳаракати ҷараёнҳоро дар уқёнус аз харита нишон диҳад, хусусияти онҳоро фаҳмонад; аҳаммияти уқёнусҳоро барои хоҷагии одамон шарҳ диҳад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- дар бораи мафҳумҳои асосии мавзӯъҳои омӯхтааш оид ба уқёнусҳо бо ҳамсинфони худ муҳокимаронӣ карда тавонад;
- ба масъалаҳои баҳсталаб бо истифода аз харита, атлас ва дигар сарчашмаҳо ҷавоб дода тавонад;
- донишҳои худро оид ба уқёнусҳо дар раванди ҳаёт истифода бурда тавонад.

## БОБИ 3. ТАВСИФИ МАТЕРИКҲО

## МАТЕРИКИ АВРУОСИЁ (12 соат)

**Мавқеи географӣ ва таърихи тадқиқоти материки Авруосиё.** Мавқеи географӣ. Авруосиё - бузургтарин материк. Нуқтаҳои канорӣ. Қитъаҳо дар материк. Тарҳи соҳилҳо. Таърихи тадқиқоти материки Авруосиё.

**Сохти геологӣ, релйеф ва сарватҳои зеризаминии Авруосиё.** Сохти геологии материк. Релйефи материк. Платформаҳо ва минтақаҳои чиндоршавии материки Авруосиё. Шаклҳои асосии релйефи материк. Вобастагии пайдоиши шаклҳои асосии релйеф бо сохти қишри Замин. Ноҳияҳои зизила ва вулқонҳо. Сарватҳои зеризаминӣ.

**Иқлими Авруосиё.** Омилҳои иқлимҳосилкунандаи материк. Минтақаҳои иқлимии материк. Хусусияти минтақаҳои иқлимӣ. Минтақаҳои хунуктарин, гармтарин, камбориштарин ва серборишталини материк. Таъсири иқлим ба фаъолияти хоҷагии инсон. Харитаи иқлимии материк.

**Обҳои дохилии Авруосиё.** Хусусияти шабакаи дарёҳо. Дарёҳои материк. Реҷаи дарёҳо. Аҳаммияти дарёҳо. Кӯл ва ботлоқҳо, аҳаммияти онҳо. Каналҳо, обанборҳо ва обҳои зеризаминии материк, аҳаммияти онҳо. Яхбандии ҳозира ва бисёрсола дар материк.

**Зонаҳои табиии Авруосиё. Масъалаҳои ҳифзи табиат.** Зонаҳои табиии материки Авруосиё – зонаи биёбонҳои арктикӣ, тундра, бешатундра, беша, башадашт, дашт, нимбиёбон ва биёбон. Зонаи табиии субтропикӣ, тропикӣ. Зонаи бешаҳои экваторӣ. Зонаҳои табиӣ дар минтақаҳои баландӣ. Масъалаҳои ҳифзи табиат дар материки Авруосиё.

**Хусусиятҳои аҳолӣ ва давлатҳои материк.** Халқият ва миллатҳои материк. Шумора ва ҷойгиршавии аҳолӣ. Таркиби аҳолӣ. Давлатҳои материк. Гуногунии давлатҳо аз рӯйи масоҳат, шакли хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои аҳолӣ.

**Давлатҳои қитъаи Аврупо.** Давлатҳо дар қитъаи Аврупо. Харитаи сиёсии Аврупо (Аврупои Шимолӣ, Аврупои Миёна, Аврупои Ҷанубӣ, Аврупои Шарқӣ). Шумораи давлатҳои Аврупо. Ташаккулёбии давлатҳои Аврупо. Фарқи давлатҳо аз рӯйи қаламрав ва шумораи аҳолӣ. Халқияту миллатҳо ва динҳо. Давлатҳои гуногунмиллат ва якмиллата. Фарқи давлатҳои Аврупо аз рӯйи дараҷаи тараққиёти хоҷагӣ.

**Давлатҳои қитъаи Осиё.** Давлатҳо дар қитъаи Осиё. Харитаи сиёсии Осиё ( Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, Осиёи Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ). Шумораи давлатҳои Осиё. . Ташаккулёбии давлатҳои Осиё. Фарқи давлатҳо аз рӯйи масоҳат ва шумораи аҳолӣ. Халқияту миллатҳо ва динҳо. Давлатҳои гуногунмиллат ва якмиллата. Фарқи давлатҳои Осиё аз рӯйи дараҷаи тараққиёти хоҷагӣ.

**Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ).** Ташкилшавии ИДМ. Давлатҳои аъзои ИДМ. Хусусияти географии давлатҳои ИДМ. Табиати ИДМ.

**Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тоҷикистон – ҷумҳурии соҳибистиқлол. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати ИДМ. Мавқеи географӣ. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ. Хоҷагӣ. Муносибатҳои давлатҳои ИДМ дар замони муосир. Нақши Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ (глобалӣ).

**Кори амалӣ:**

№9. Тартиб додани каталог (номгӯйи забонҳо)-и халқҳои Авруосиё вобаста ба гурӯҳи забонҳо.

№10. Давлатҳои Британияи Кабир, Фаронса ва Олмонро тавсифи муқоисавӣ кунед.

№11. Давлатҳои қитъаи Осиёро вобаста ба аломатҳои табиӣ-иқтисодиашон гурӯҳбандӣ кунед.

## БОБИ 4. МАТЕРИКИ АМРИКОИ ШИМОЛӢ (10 соат)

**Мавқеи географӣ ва таърихи тадқиқоти материк.** Мавқеи географӣ. Масоҳат. Тарҳи соҳилҳо. Нуқтаҳои канорӣ. Таърихи кашфиёти материки Амрикои Шимолӣ. Кашфиёти викингҳо ва Христофор Колумб. Тадқиқоти материк баъд аз Колумб.

**Сохти геологӣ, релйеф ва сарватҳои зеризаминии материк.** Амрикои Шимолӣ чӣ тавр ба вуҷуд омад? Сохти тектоникӣ. Платформаи Амрикои Шимолӣ. Давраҳои геологӣ. Минтақаҳои чиндоршавии материк. Барҷастагиҳо ва пастиҳои материк. Релйеф. Нуқтаи баландтарин ва пасттарини материк. Сарватҳои зеризаминии материк.

**Иқлими Амрикои Шимолӣ.** Омилҳои иқлимҳосилкунанда. Минтақаҳои иқлимӣ ва типҳои иқлим. Тақсимоти гармӣ, рӯшноӣ ва боришот дар минтақаҳои иқлимии материк. Ҳодисаҳои нохуши табиӣ ва бодҳои маҳаллӣ (тӯфонҳо, гирдбодҳо). Харитаи иқлимии материк.

**Обҳои дохилии материки Амрикои Шимолӣ.** Хусусияти шабакаи дарёҳо. Дарёҳои материк (ҳавзаи уқёнуси Атлантик, уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ, уқёнуси Ором). Реҷаи дарёҳо. Аҳаммияти дарёҳо барои хоҷагии халқ. Кӯлҳо. Аҳаммияти кӯлҳо. Яхбандии ҳозира дар материк.

**Зонаҳои табиии материк. Масъалаҳои ҳифзи табиат.** Зонаҳои табиии материки Амрикои Шимолӣ. Хусусияти зонаҳои табиӣ. Фарқи зонаҳои табиии материк аз рӯйи хусусиятҳои релйеф, иқлим, наботот ва ҳайвонот. Зонаҳои табиӣ дар минтақаҳои баландӣ. Таъсири фаъолияти инсон ба зонаҳои табиӣ. Масъалаҳои ҳифзи табиат дар материк.

**Хусусиятҳои аҳолӣ ва давлатҳои материк.** Ташаккулёбии аҳолии материк. Шумораи аҳолӣ. Паҳншавии аҳолӣ дар қаламрави материк. Аҳолии ҳозира. Халқу миллатҳои маскуни материк. Давлатҳо дар материк. Гуногунии давлатҳо аз рӯйи масоҳат, шакли хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои аҳолӣ.

**Иёлоти Муттаҳидаи Амрико.** ИМА – пуриқтидортарин давлати дунё. Мавқеи географӣ. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ. Сохти хоҷагӣ.

**Канада.** Мавқеи географӣ. Табиат ва сарватҳои табиӣ. Хусусиятҳои аҳолӣ. Сарватҳои табиӣ ва хоҷагӣ.

**Мексика.** Мавқеи Мексика дар Амрикои миёна. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ. Сохти хоҷагӣ.

**Кори амалӣ:**

№12. Харитаи табиии Амрикои Шимолиро истифода бурда сарватҳои табиии асосии Канада, ИМА ва Мексикаро тавсиф диҳед.

№13. Хусусиятҳои ҷойгиршавии аҳолӣ, мавқеи географӣ ва банақшагирии бузургтарин шаҳрҳои Канада, ИМА ва Мексикаро номбар кунед.

## БОБИ 5. МАТЕРИКИ АМРИКОИ ҶАНУБӢ (10 соат)

**Мавқеи географӣ ва таърихи тадқиқоти материки Амрикои Ҷанубӣ.** Материки Амрикои Ҷанубӣ дар кадом нимкура ҷойгир шудааст? Сарҳади географӣ. Масоҳат. Нуқтаҳои канорӣ ва тарҳи соҳилҳо. Мавқеи географӣ. Кашф ва тадқиқоти материки Амрикои Ҷанубӣ. Саҳми Х. Колумб, Америго Веспучӣ ва дигарон дар кашфи материк.

**Сохти геологӣ, релйеф ва сарватҳои зеризаминии материк.** Пайдоиши материк ва сохти қишри Замин. Платформаҳо ва минтақаҳои чиндоршавӣ. Давраҳои геологии ташаккулёбии материк. Релйефи материки Амрикои Ҷанубӣ. Нуқтаи баландтарин ва пасттарини материк. Сарватҳои зеризаминӣ.

**Иқлими Амрикои Ҷанубӣ.** Омилҳои иқлимҳосилкунанда. Минтақаҳои иқлимӣ ва типҳои иқлим. Хусусияти минтақаҳои иқлимӣ. Минтақаҳои хунуктарин, гармтарин, камбориштарин ва серборииштарини материк. Таъсири иқлим ба фаъолияти хоҷагии аҳолӣ. Харитаи иқлимии материк.

**Обҳои дохилии материки Амрикои Ҷанубӣ.** Хусусияти шабакаи дарёҳо. Дарёҳои асосӣ. Реҷаи ғизогирии дарёҳо. Аҳаммияти дарёҳо барои хоҷагӣ. Кӯлҳо. Аҳаммияти кӯлҳо. Яхбандиҳои ҳозира.

**Зонаҳои табиии материк. Масъалаҳои ҳифзи табиат.** Зонаҳои табиии материки Амрикои Ҷанубӣ. Хусусияти зонаҳои табиӣ. Фарқи зонаҳои табиии материк аз рӯйи хусусиятҳои релйеф, иқлим, наботот ва ҳайвонот. Минтақанокӣ дар Анд. Таъсири фаъолияти хоҷагии инсон ба зонаҳои табиӣ. Масъалаҳои ҳифзи табиат дар материки Амрикои Ҷанубӣ.

**Хусусиятҳои аҳолӣ ва давлатҳои материк.** Аҳолӣ ва халқҳои материки Амрикои Ҷанубӣ. Маскуншавии аҳолӣ. Фарқи халқҳои материки Амрикои Ҷанубӣ аз рӯйи тарзи зиндагӣ. Давлатҳои материк. Гуногунии давлатҳо аз рӯйи масоҳат, шакли хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои аҳолӣ.

**Бразилия.** Бразилия – давлати калонтарини материки Амрикои Ҷанубӣ. Мавқеи географӣ. Табиат, шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ. Сохти хоҷагӣ.

**Аргентина.** Мавқеи географӣ ва таърихи маскуншавии аҳолии Аргентина. Табиат, шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ. Сохти хоҷагӣ.

**Кори амалӣ:**

№14. Оид ба самтҳои асосии фаъолияти хоҷагии мамлакатҳои ҳудуди кӯҳҳои Анд маълумот диҳед. Ин мамлакатҳоро дар харитаи тарҳӣ гузаронида шарҳ диҳед.

## БОБИ 6. МАТЕРИКИ АФРИҚО (10 соат)

**Мавқеи географӣ ва таърихи тадқиқоти материки Африқо**

Мавқеи географии материки Африқо. Нуқтаҳои канорӣ. Тарҳи соҳилҳои материк. Баҳру уқёнусҳое, ки материкро иҳота кардаанд. Таърихи тадқиқоти материк. Кашфи Африқо дар давраи қадим. Кашфиёт дар асрҳои миёна. Тадқиқотҳо дар асри XIX ва аввали асри XX.

**Сохти геологӣ, релйеф ва сарватҳои зеризаминии Африқо**. Сохти геологии материк. Минтақаҳои платформа ва чиндоршавӣ дар қаламрави Африқо. Хусусиятҳои релйефи Африқо. Ҳамвориҳо ва минтақаҳои кӯҳсори материк. Сарватҳои табиӣ.

**Иқлими Африқо.** Омилҳои иқлимҳосилкунандаи материк. Минтақаҳои иқлимӣ ва типҳои иқлим. Хусусияти минтақаҳои иқлимӣ (экваторӣ, субэкваторӣ, тропикӣ ва ду минтақаи субтропикӣ). Таъсири иқлим ба фаъолияти хоҷагии аҳолӣ. Харитаи иқлимии материк.

**Обҳои дохилии материки Африқо.** Хусусияти обҳои дохилии материки Африқо. Дарёҳо. Низоми асосии дарёҳо. Дарёҳои калонтарини материк (Нил, Конго, Нигер, Замбезӣ). Шаршараҳо. Кӯлҳо. Аҳаммияти дарё ва кӯлҳо.

**Зонаҳои табии материк. Масъалаҳои ҳифзи табиат.** Зонаҳои табиии материки Африқо. Минтақаҳои арзию амудӣ ва паҳншавии зонаҳои табиӣ. Олами наботот ва ҳайвоноти зонаҳои табиӣ. Фаъолияти инсон дар зонаҳои табиӣ. Таъсири фаъолияти хоҷагии инсон ба зонаҳои табиӣ. Ҳифзи табиат.

**Хусусиятҳои аҳолӣ ва давлатҳои материки Африқо.** Ҷойгиршавии аҳолӣ. Намояндаи нажодҳо. Миллат ва халқиятҳо, тарзи зиндагӣ ва урфу одати онҳо. Харитаи сиёсии материк. Давлатҳо ва минтақаҳо. Мамлакатҳо ва гузаштаи мустамликавии онҳо.

**Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ (ҶАҶ).** Мавқеи географӣ. Ташаккулёбии ҶАҶ. Шароитҳо ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ. Сохти хоҷагӣ.

**Ҷумҳурии Мисри Араб.** Мавқеи географӣ. Таърихи таъсисёбии давлати Миср. Табиат, шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ. Фаъолияти хоҷагӣ.

**Кори амалӣ:**

№15. Бо истифода аз харитаи табиӣ дар бораи бойигариҳои табиии Африқои Марказӣ маълумот диҳед.

№16. Аз рӯйи харита ва атлас интихобан оид ба фаъолияти хоҷагии яке аз давлатҳои Африқо маълумот омода намоед.

## БОБИ7. МАТЕРИКИ АВСТРАЛИЯ ВА УҚЁНУСИЯ (ОКЕАНИЯ) (5 соат)

**Мавқеи географӣ ва таърихи тадқиқот. Сохти геологӣ ва релйефи Австралия ва Уқёнусия.** Австралия – материки хурдтарин. Мавқеи географии материки Австралия. Уқёнусия. Таърихи тадқиқот. Сохти геологӣ. Релйефи материк. Пайдоиши релйеф ва ҷазираҳои Уқёнусия. Шароит ва сарватҳои табиӣ.

**Иқлим ва обҳои дохилии Австралия ва Уқёнусия.** Хусусиятҳои умумии иқлим. Минтақаҳои иқлимӣ ва типҳои иқлим. Минтақаҳои сербориш ва камбориши материк. Обҳои дохилӣ. Дарёҳо ва кӯлҳо. Танқисии об дар материк. Обҳои зеризаминӣ.

**Зонаҳои табиии материк. Масъалаҳои ҳифзи табиат.** Гуногунии наботот ва ҳайвонот. Зонаҳои табиии материки Австралия. Хусусияти зонаҳои табиӣ. Наботот ва ҳайвоноти зонаҳои табиӣ. Намудҳои ҳайвоноти хоси Австралия. Дигаргун шудани табиати кишвар зимни фаъолияти хоҷагии инсон. Масъалаҳои ҳифзи табиат.

**Аҳолӣ ва давлатҳо. Иттифоқи Австралия ва Зеландияи Нав.** Австралия – камаҳолитарин материк дар сайёраи Замин. Шумора ва ҷойгиршавии аҳолии материки Австралия. Аҳолии таҳҷоӣ (аборигенҳо) ва муҳоҷирон. Халқу миллатҳои сокини материк. Давлатҳо дар материки Австралия ва Уқёнусия. Иттифоқи Австралия: фаъолияти хоҷагидорӣ. Зеландияи Нав: Табиат, иқлим, сарватҳои табиӣ. Сохти хоҷагӣ.

**Кори амалӣ:**

№17. Тавсифи муқоисавии табиат, аҳолӣ ва фаъолияти хоҷагии ду минтақаи Австралия (интихобӣ).

## БОБИ 8. МАТЕРИКИ АНТАРКТИДА (2 соат)

**Мавқеи географӣ ва таърихи тадқиқоти Антарктида.** Антарктида материки Қутби Ҷанубии сайёра. Антарктида ва Антарктика. Мавқеи географӣ, масоҳат. Нуқтаҳои канорӣ ва тарҳи соҳилҳо. Кадом уқёнусҳо материкро иҳота кардаанд? Кашф ва тадқиқоти Антарктида. Нақши шахсони алоҳида дар тадқиқоти материк. Тадқиқоти ҳозираи материки Антарктида. Намояндаи Тоҷикистон дар ҳайати экспедитсияи тадқиқотии материки Антарктида.

**Табиати материки Антарктида.** Рӯйпӯши яхӣ дар материк. Сохти геологӣ ва релйефи зери ях. Иқлими материк. Олами зинда.

**Кори амалӣ:**

№18. Муайян кардани мақсади омӯзиши минтақаи қутби ҷануб. Таҳия намудани нақшаи истифодабарии сарватҳои табиии материк дар оянда.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** сохти геологии минтақаҳои гуногуни материкҳоро фарқ мекунад; минтақаҳои зилзила ва вулқонҳоро номбар карда, хусусияти онҳоро шарҳ медиҳад; шаклҳои асосии релйефи материкҳоро мегӯяд; вобастагии шаклҳои релйефро ба сохти қишри Замин фаҳмонида метавонад; оид ба сарватҳои зеризаминии материкҳо маълумот дода метавонад; барои ҳалли масъалаҳои таълимӣ аз харита ва дигар сарчашмаҳои маълумоти географӣ истифода мебарад; омилҳои иқлимҳосилкунанда ва минтақаҳои иқлимии материкҳоро номбар мекунад; хусусияти обҳои дохилии материкҳоро мефаҳмонад; шабакаҳои дарёии материкҳоро номбар карда, хусусияти онҳоро шарҳ медиҳад; хусусияти кӯлҳо, обанборҳо, каналҳо ва обҳои зеризаминии материкҳоро мефаҳмонад; аҳаммияти обҳои дохилии материкро барои хоҷагии аҳолӣ медонад; масъалаи муҳофизати табиатро дар материкҳо шарҳ медиҳад; давлатҳоро вобаста ба хусусиятҳои хосашон муқоиса карда метавонад; давлатҳоро вобаста ба ҳайати миллӣ, динӣ ва ҷойгиршавии аҳолӣ муайян мекунад; давлатҳоро аз рӯйи тараққиёти хоҷагӣ ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, тавсиф медиҳад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз харита материк ва қитъаҳои оламро нишон дода номбар кунад, мавқеи географии онҳоро шарҳ дода тавонад, баъзе хусусиятҳои фарқкунандаи материку қитъаҳо ва комплексҳои бузурги табииро тавсиф дода тавонад;
- дар харита объектҳои географии материкҳо (кӯҳҳо, қаторкӯҳҳо, пастӣ ва баландиҳо, ҳамвориҳо, платформаҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳои бузург, баҳрҳо, халиҷу гулӯгоҳҳо, ҷазира ва нимҷазираҳо ва ғайра)-ро нишон дода, аҳаммияти онҳоро барои инсон гуфта тавонад;
- давлатҳоро номбар карда аз харита нишон дода тавонад;
- шароит ва сарватҳои табиӣ, самтҳои асосии фаъолияти хоҷагии аҳолии мамлакатҳои ҷудогонаро тавсиф, таҳлил ва шарҳ дода тавонад;
- оид ба таъсир ва тағйирёбии табиати материкҳо зери таъсири фаъолияти инсон мисолҳо оварда, маънидод карда тавонад.

## ФАСЛИ III. ЗАМИН – ХОНАИ УМУМИИ МО

### БОБИ 9. ТАБАҚАИ ГЕОГРАФӢ (5 соат)

**Хусусиятҳои табақаи географӣ.** Табақаи географӣ-маҷмӯи (комплекси) умумисайёравӣ. Сарҳадҳои табақаи географӣ. Хусусиятҳо ва қонуниятҳои табақаи географӣ. Томияти табақаи географӣ. Ҳодисаи

муназзамӣ дар табақаи географӣ. Минтақавияти географӣ. Инкишофи бемайлони табақаи географӣ чун хусусияти асосӣ ва ҷудонашавандагии он.

**Таъсири мутақобилаи табиат ва ҷамъият.** Аҳаммияти сарватҳои табиӣ. Таъсири табиат ба шароити ҳаёти одамон. Тағйирёбии табиат дар натиҷаи таъсири фаъолияти хоҷагии инсон. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти истифодаи табиат.

**Гузашта ва оянда Замин.** Сайёраи мо чӣ тавр пайдо шудааст? Чӣ гуна ҳодисаи кӯҳпайдошавӣ ба релйефи сатҳи Замин таъсир расонид? Сайёраи моро дарояндаи дур чӣ интизор аст? Чӣ гуна Замин пайдо шудааст? Ташаккули табақа (қабат)-ҳои Замин. Пайдоиши аввалин мавҷудоти зинда дар сайёраи Замин. Таъсири кӯҳпайдошавӣ ба табиати Замин. Ояндаи Замин.

**Кори амалӣ:**

№19. Тавсифи географии маҳал: муайян кардани проблемаҳои экологӣ ва роҳҳои ҳифз ва беҳгардонии ҳолати муҳити зист; ёдгориҳои табиӣ ва маданӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** мафҳуми "Табақаи географӣ"-ро шарҳ медиҳад; хусусиятҳои онро бо мисолҳо мефаҳмонад; комплекси табииро шарҳ дода, омилҳои ташаккулёбии онро мефаҳмонад; хусусиятҳо ва қонуниятҳои табақаи географиро медонад; хусусияти зонавияти географиро медонад ва тавсиф медиҳад; сабабҳои вайроншавии мувозинати табиатро таҳлил намуда, оқибатҳои онро мегӯяд; аҳаммияти истифодаи оқилонаи сарватҳои табииро мефаҳмонад; ҷараёни ташаккули табақаҳои Заминро шарҳ медиҳад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- давраҳои ташаккулёбии муносибати инсонро бо табиат номбар карда тавонад;
- оид ба истифодаи сарватҳои табиии материкҳо ва уқёнусҳо маълумот дода тавонад;
- таъсири ҷараёнҳои кӯҳпайдошавиро ба дигаргуншавии табиати Замин фаҳмонда тавонад;
- ҷараёни ташаккули табақаҳои Заминро шарҳ дода тавонад;
- замони пайдоиши аввалин мавҷудоти зиндаро дар Замин гуфта тавонад;
- ба сарчашмаҳои гуногун такя намуда, дар бораи ояндаи Замин ақидаҳои худро пешниҳод карда тавонад.

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СИНФИ 8-ум

Вақти умумии ҷудошуда тибқи нақшаи таълимӣ - 72 соат, ҳафтае 2 соат (аз ин 6 соат дар ихтиёри омӯзгор гузошта мешавад)

## МУҚАДДИМА (1 соат)

Географияи Тоҷикистон, мақсад ва вазифаҳои он, системаи илмҳои географӣ, шохаҳои фанни география, географияи табиӣ ва географияи иқтисодию иҷтимоии Тоҷикистон.

## ДАВРАҲОИ РУШДИ ИЛМҲОИ ГЕОГРАФӢ (4 соат)

Давраҳои инкишофи илмҳои географӣ. География дар замони қадим, географияи асримиёнагӣ, давраи кашфиётҳои бузурги географӣ, давраи нашъунамои илмҳои географӣ. Саҳми олимони Шарқу рус ва тоҷик дар инкишофи илмҳои географӣ. Омӯзиши табиат ва хоҷагии халқи Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри Х1Х, давраи Шӯравӣ ва дар замони Истиқлолият.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***:

- мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни географияи Тоҷикистон ва алоқамандии он бо дигар илмҳо;
- қонуниятҳои инкишоф ва ҷойгиршавии унсурҳои комплекси табиӣ (релйеф, бойигариҳои табиӣ, иқлим, хок, олами наботот ва ҳайвонот);
- қонуниятҳои тараққиёт ва ҷойгиршавии соҳаҳои комплекси истеҳсолии мамлакат (аҳолӣ, саноат, кишоварзӣ, сохтмону савдо, нақлиёт, молҳои истеъмолии халқ ва соҳаи хизматрасонӣ)

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- оид ба ҳифз ва оқилона истифодабарии табиат ва сарватҳои табиии кишвари худ сарфаҳм равад;
- соҳаҳои география (географияи табиӣ ва географияи иқтисодӣ)-ро ҷудо карда тавонад ва объекти омӯзиши онҳоро шарҳ диҳад;
- хусусиятҳои хоси давраҳои географияи қадим, асримиёнагӣ, кашфиётҳои бузурги географӣ ва инкишофи илми географияро дар замони ҳозира фарқ карда тавонад.

# БОБИ I. ГЕОГРАФИЯИ ТАБИИИ ТОҶИКИСТОН

## § 1. ТАВСИФИ УМУМӢ

**Мавзӯи 1. Мавқеи географӣ, ҳудуд ва тақсимоти маъмурӣ (1 соат)**

Мавқеи географӣ, сарҳад, тақсимоти маъмурӣ ва харита. Арзу тӯли географӣ, нуқтаҳои канорӣ, мамлакатҳои ҳамсарҳад. Намудҳои вақт, вақти маҳаллӣ, вақти минтақавӣ ва вақти декретӣ.Осиёи Марказиро забт намудани Россия, тақсимоти маъмурӣ. Ташаккулёбии сарҳади ҷумҳурӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад*:**

- мафҳуми мавқеи географӣ ва харитаро шарҳ дода тавонад, воҳидҳои маъмурии Тоҷикистон (вилоят, ноҳияҳои маъмурӣ, шаҳрҳо), мамлакатҳои ҳамсарҳад ва нуқтаҳои канории Тоҷикистонро номбар карда тавонад.

***Хонанда бояд, дорои салоҳияти зерин шавад*:**

- мавқеи географии Тоқикистонро дар харитаи ҷаҳон, Авруосиё ва Осиёро муайян карда тавонад;
- аз харитаи маъмурии Тоҷикистон мавқеи географии вилоят, ноҳия ва маҳалли худро нишон дода тавонад;
- мамлакатҳои ҳаммарзи Тоҷикистонро аз харита ёфта, нишон дода тавонад;
- координатҳои нуқтаҳои канорӣ ва дар кадом арзҳо ҷойгир шудани Тоҷикистонро муайян карда тавонад.

**Мавзӯи 2. Харитаҳо, кор бо харита (1 соат)**

Мазмун ва аҳаммияти харитаҳои географӣ, тафовути харитаҳо аз рӯйи миқёс, маводди иловагӣ, ҷамъбасти картографӣ, аломатҳои шартӣ, харитаҳои топографӣ, тасвир ва омӯхтани релйеф дар харитаи топографӣ, тасвири релйеф дар харитаҳои хурдмиқёс.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад*:**

- гуногунии харитаҳоро аз рӯйи мазмун ва миқёс шарҳ дода тавонад;
- аломатҳои шартиро шиносад, харитаҳои умумигеографӣ ва топографиро хонда, муқоиса карда, шарҳ дода тавонад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад*:**

-харитаҳоро аз ҷиҳати мазмун ва миқёс ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонад;

- харитаҳоро бо мақсади муайян истифода бурда тавонад;

- дар харита маҳалли зист, ноҳия, вилоят ва Тоҷикистонро ёфта, маънидод карда тавонад.

**Мавзӯи 3. Солшумории геологӣ, релйеф, сохти геологӣ ва сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон (4 соат)**

Солшумории геологӣ, вақти геологӣ, синну соли нисбӣ ва мутлақи Замин, минтақаҳои геосинклиналӣ ва платформаҳо. Релйеф ва сохти геологӣ, шаклҳои асосии релйефи ҷумҳурӣ, хусусиятҳои хоси релйеф, сохти геологӣ. Сарватҳои зеризаминӣ, сарватҳои сӯзишворию энергетикӣ, канданиҳои фоиданоки маъданӣ ва ғайримаъданӣ, чашмаҳои маъданӣ.

**Кори амалӣ:**

№1. Дар харитаи тарҳӣ қайд кардани қаторкӯҳҳои асосӣ ва муҳимтарин конҳои сарватҳои зеризаминӣ.

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- шарҳ додани мафҳумҳои вақти геологӣ, қарн, платформа ва геосиклинал;

- қарнҳо, давраҳои геологӣ, давраҳои кӯҳпайдошавӣ, номи қаторкӯҳҳо, қуллаҳо, водиҳо, ағбаҳо, конҳои сарватҳои зеризаминӣ;

- шарҳ додани ба сохти геологӣ вобаста будани сарватҳои зеризаминӣ;

- аз кадом сарватҳои зеризаминӣ бой будани Тоҷикистон.

***Хонанда бояд, дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз харита шаклҳои калонтарини релйеф (силсилакӯҳҳо, қаторкӯҳҳо, қуллаҳо, водиҳо ва ағбаҳо) ва конҳои асосии сарватҳои зеризаминиро нишон дода тавонад;

- ба арзиш ва дар хоҷагӣ истифода шудани сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон баҳо дода тавонад.

**Мавзӯи 4 . Иқлим (1 соат)**

Омилҳои иқлимпайдокунанда, тавсифи тақсимоти ҳарорат ва боришот дар ҷумҳурӣ, намудҳои асосии иқлим ва аҳаммияти он барои хоҷагии халқ. Иқлими вилоят (ноҳияи худ). Муҳофизати ҳавои атмосферӣ. Шароит ва намудҳои иқлими Тоҷикистон ва таъсири он ба фаъолияти хоҷагии инсон.

**Кори амалӣ:**

№2. Таҳлили хелҳои иқлим. Мушоҳидаи вазъи ҳавои маҳалли худ дар давоми моҳ, сол, ҷамъбаст ва хулосабарорӣ.

*Хонанда бояд инҳоро донад*:

- омилҳои асосии иқлимпайдокунандаи ҷумҳурӣ;
- номбар кардан ва тавсиф додани навъҳои иқлими ҷумҳурӣ;
- минтақаҳои иқлимӣ ва навъҳои бодҳои маҳаллӣ.

*Хонанда бояд, дорои салоҳияти зерин шавад*:

-номгӯйи чорабиниҳоро оид ба тоза нигоҳ доштани ҳавои муҳити атроф гуфта тавонад;

- таъсири бодҳои маҳаллиро дар тағйирёбии вазъи обу ҳаво (боришот, ҳарорат) муайян карда тавонад;
- дар майдончаи географӣ ва табиат мушоҳидаҳои метеорологиро анҷом дода тавонад.

**Мавзӯи 5. Обҳои дохилӣ (2 соат)**

Мафҳуми обҳои дохилӣ. Дарёҳо. Ҳавзаи дарёҳо. Кӯлҳо ва хелҳои он (аз ҷиҳати пайдоиши ҳавза). Обҳои зеризаминӣ ва аҳаммияти хоҷагии онҳо. Пиряххо ва шароити ташкилёбии онҳо. Аҳаммияти пиряххо дар ғизогирии дарёҳо. Аҳаммияти дарёҳои Тоҷикистон дар истеҳсоли неруи барқ ва обёрии сунъӣ. Обҳои дохилии вилоят (ноҳия)-и худ. Муҳофизати обҳои дохилӣ. Проблемаи оби нушокӣ.

**Кори амалӣ:**

№3. Аз харита муайян кардани нишебии ҷараёни Сирдарё ва Панҷ. Дар харитаи тарҳии Тоҷикистон ҷудо кардани ҳавзаи дарёҳои Ому, Сир ва Зарафшон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- пиряххо ва аҳаммияти онҳо; ҳавзаи ғизогирии дарёҳои Тоҷикистон; кӯлҳои калонтарин; хелҳои ҳавзаи кӯлҳо аз ҷиҳати пайдоиш; обанборҳо ва каналҳои калонтарин; обҳои зеризаминӣ; муҳофизати обҳои дохилӣ;
- тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба пиряххо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз харитаи табиӣ ҳавзаи дарёҳоро нишон дода тавонад;
- аз харита нишебии дарёҳои Ому, Сир ва Зарафшонро нишон дода тавонад;
- роҳҳои истифодаи обҳои зеризаминиро донад ва дар амал татбиқ карда тавонад.

**Мавзӯи 6. Хок ва захираи замин (2 соат)**

Тавсифи умумии хок. Навъҳои хок ва фарқи ҳосилнокии онҳо. Паҳншавии намудҳои хок. Кадастри замин. Мелиоратсияи замин. Замини истифодашавандаи Тоҷикистон. Эрозияи хок, тадбирҳои пешгирӣ кардани он. Хокҳои ҳудуди вилоят ва ё ноҳияи худ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

-мафҳумҳои хок, гумус, кадастри замин ва эрозияи хок;

- навъҳои хоки Тоҷикистон;

-роҳҳои ҳосилнок гардонидани хок;

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз ҷиҳати сохт ва ранг хокҳоро фарқ карда тавонад;
- роҳҳои пешгирии эрозияи хокро муайян карда тавонад;
- харитаи хокро хонда тавонад.

**Мавзӯи 7. Наботот ва ҳайвонот (2 соат)**

Гуногунии олами наботот. Паҳншавии олами наботот. Гуногунии олами ҳайвонот ва паҳн гардидани онҳо. Аҳаммияти хоҷагии олами наботот ва ҳайвонот. Олами наботот ва ҳайвоноти вилоят (ноҳия)-и худ. Чорабиниҳо оид ба ҳифз ва барқарор кардани олами наботот ва ҳайвонот.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- гуногунии олами наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистон;
- хусусиятҳои хоси паҳншавии олами наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистон;
- намудҳои асосии наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистон;

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз рӯйи харита гуногунӣ ва паҳншавии олами наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистонро муайян намуда тавонад;
- аҳаммияти олами наботот ва ҳайвонотро дар шароити Тоҷикистон шарҳ дода тавонад;
- роҳҳои аз нав барқарор кардани олами наботот ва ҳайвонотро дар маҳалли худ дар амал татбиқ карда тавонад.

**Мавзӯи 8. Минтақаҳои табиӣ (2 соат)**

Сабаби пайдоиши минтақаҳои табиӣ. Минтақаҳои амудии Тоҷикистон: минтақаҳои биёбонию нимбиёбонӣ, минтақаи дашт, минтақаи беша, минтақаи субалпӣ ва минтақаи алпӣ.

**Кори амалӣ:**
№4. Аз харита тартиб додани тавсифи минтақаҳои табиӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**
***Хонанда бояд инҳоро донад:***
- минтақаи табиӣ, минтақаҳои уфуқӣ ва минтақаи амудӣ;
- фарқи минтақаҳои табиии Тоҷикистон.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***
-аз рӯйи харита минтақаҳои табииро нишон дода тавонад;
- минтақаи табиӣ, уфуқӣ ва амудиро номбар карда, шарҳ дода, муқоиса карда тавонад;
- бойигариҳои табиии кишвари худро дар фаъолияти хоҷагидориаш истифода бурда тавонад.

**Мавзӯи 9. Ҳодисаҳои ғайримуташаккили табиӣ. Муҳофизати табиат ва масъалаҳои экологӣ (2 соат)**

Ҳодисаҳои ғайримуташаккили табиӣ. Мубориза бо ифлосшавии ҳаво, муҳофизат ва сарфаи об, эрозияи хок, мубориза бо зараррасонҳои зироат, харобшавии олами наботот ва ҳайвонот.

Қонуни «Муҳофизат ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии Тоҷикистон», «Китоби сурх»-и Тоҷикистон, мамнӯъгоҳҳо, парваришгоҳҳо ва боғҳои миллӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**
***Хонанда бояд инҳоро донад:***
- номгӯйи офатҳои табиие, ки дар Тоҷикистон руй медиҳанд;
- роҳҳои паст кардани хатари офатҳои табиӣ;
- мафҳуми экологияро дониста, кишвари камзамин ва манбаи асосии обҳои Осиёи Марказӣ будани Тоҷикистонро донад;
- шарҳ додани зарурияти ҳифзи хоку об дар минтақа ва роҳҳои пешгирии онҳо;
- роҳҳои ба вуҷуд омадани ландшафтҳои антропогенӣ;
- роҳҳои пешгирии вайроншавии табиат.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***
- ба оқибати ҷойгиршавии нодурусти корхонаҳои саноатии Тоҷикистон баҳо дода тавонад;
- ба сарчашмаҳои ифлосшавии обу ҳаво ва фарсудашавии хок сарфаҳм равад;
- роҳҳои беҳтарини мубориза бар зидди ҳашароти зараррасонро интихоб карда тавонад.

**Мавзӯи 10. Ноҳияҳои табиию географӣ (8 соат)**

Ноҳияҳои Тоҷикистони Шимолӣ, Зарафшон, Тоҷикистони Ҷанубу Ғарбӣ, Тоҷикистони Марказӣ, Помир. Мавқеи географӣ. Сохти геологӣ, хусусияти релйеф, ҷойгиршавии сарватҳои зеризаминӣ. Хусусияти иқлим, хок, олами наботот ва ҳайвонот. Сарватҳои табиӣ ва истифодаи онҳо. Муҳофизат ва тағйирёбии табиат.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

-ноҳияҳои табиии Тоҷикистон;

- сабаби ба ноҳияҳои табиӣ ҷудо кардани ҳудуди мамлакат.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз харита ноҳияҳои табиии Тоҷикистонро нишон дода тавонад;
- иқлим, сарватҳои зеризаминӣ ва мавзеъҳои дигари географии ноҳияҳои табиии Тоҷикистонро муайян карда метавонад;
- ноҳияҳои табииро муқоиса карда, тавсифи қиёсии онҳоро навишта ё гуфта метавонад;
- сабабҳои фарқияти табиати ноҳияҳоро шарҳ дода метавонад.

## БОБИ II. ГЕОГРАФИЯИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН

**Мавзӯи 11. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ (3 соат)**

Шумора, афзоиши табиӣ ва ҳиҷрати аҳолӣ. Сокиншавӣ ва зичии аҳолӣ. Аҳолии шаҳр ва деҳот. Ҳайати миллӣ ва иҷтимоии аҳолӣ. Захираҳои меҳнатӣ. Истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатии вилоят (ноҳия).Мушкилоти демографӣ.

**Кори амалӣ:**

№5. Тартиб додани диаграммаи таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар Тоҷикистон. Тавсифи шаҳрҳо аз рӯйи мавқеъ. Таҳлили афзоиши табиии аҳолӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- мафҳумҳои афзоиши табиӣ, муҳоҷират, урбанизатсия, агломератсия, зичии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои меҳнатии фаъол ва ғайрифаъол;
- шумораи аҳолии ҷумҳурӣ, ҳайати миллӣ ва иҷтимоӣ, ҷойгиршавии аҳолӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

-барои истифодабарии пурраи захираҳои меҳнатӣ фикру ақидаҳои муфиди худро пешниҳод намуда тавонад;

- омилҳои ба шумораи аҳолӣ таъсиркунандаро муайян карда тавонад;

- афзоиши табиӣ ва зичии аҳолиро муайян карда тавонад.

**Мавзӯи 12. Давраҳои ташаккулёбии хоҷагии халқ (2 соат)**

Ташаккулёбии хоҷагии халқ то замони Шӯравӣ, дар замони Шӯравӣ ва замони Истиқлолият. Қонуният ва самтҳои ҷойгиркунии истеҳсолот.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

-мафҳуми хоҷагии халқ ва соҳаҳои он;

-инкишофи хоҷагии халқ дар давраи то инқилоб, замони Шӯравӣ ва замони Истиқлолият.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- таркиби хоҷагии халқи Тоҷикистонро шарҳ дода тавонад;

- хоҷагии халқи давраи Шӯравӣ ва давраи Истиқлолиятро таҳлил карда, натиҷагирӣ карда тавонад;

- қонуният ва самтҳои ҷойгиркунии истеҳсолотро шарҳ дода тавонад.

**Мавзӯи 13. Саноат (6 соат)**

Таркиби соҳаҳои саноат. Ташаккулёбии саноат. Таъсири саноат ба муҳити зист.

Саноати вазнин. Саноати мошинсозӣ ва коркарди металл. Корхонаҳои махсусгардонидаи мошинсозӣ ва ҷойгиршавии онҳо. Саноати сӯзишвориву энергетикӣ, аҳаммияти энергетика дар пешрафти хоҷагии халқ. Таркиби соҳавии саноати сӯзишворӣ. Саноати нафт ва газ. Саноати ангишт. Конҳои асосии ангишт ва баҳои иқтисодии онҳо. Электроэнергетика ва аҳаммияти он дар инкишофи хоҷагии халқ. Оқилона истифода бурдани сарватҳои энергетикӣ ва муҳофизати табиати атроф. Аҳаммияти он дар пешрафти хоҷагии халқ. Саноати металлургияи ранга. Манбаъҳои ашёи хом. Ҷойгиршавии корхонаҳои металлургияи ранга. Истеҳсоли маҳсулот. Таъсири корхонаҳои металлургияи ранга ба муҳити атроф.

Саноати химия, аҳаммияти он дар хоҷагии халқ. Ҷойгиркунонии корхонаҳои он. Истеҳсоли маҳсулот.

Саноати чубкоркунӣ. Ҷойгиркунонии корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмон ва истеҳсоли маҳсулот. Саноати вилоят (ноҳия)-и худ. Саноат ва муҳити зист.

**Кори амалӣ:**

№6. Тавсифи сарватҳои энергетикии Тоҷикистон. Шарҳ додани таъсири манфии корхонаҳои саноати металлургияи ранга ва химия ба муҳити географӣ ва роҳҳои пешгирии он.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- муҳимтарин соҳаи хоҷагии халқ будани саноатро донад;

-корхонаҳои калонтарини саноати вазнини Тоҷикистон, марказҳои он ва маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо;

- мафҳумҳои меҳнатталаб ва энергияталаб будани соҳаҳои хоҷагии халқро донад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- соҳаҳои саноатро гурӯҳбандӣ карда тавонад;

- маълумотҳоро таҳлил намуда, суръати тараққиёти соҳаҳои саноати ҷумҳуриро таҳлил карда тавонад;

-ба вазъи фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ баҳо дода тавонад;

- шаклҳои робитаҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатиро таҳлил карда тавонад.

**Мавзӯи 14. Комплекси кишоварзиву саноатӣ (6 соат)**

Таркиби комплекси кишоварзиву саноатӣ. Аҳаммияти он дар хоҷагии халқ.

Кишоварзӣ – асоси комплекси кишоварзиву саноатӣ. Тараққиёти экстенсивӣ ва интенсивӣ. Обёрии замин. Соҳаҳои асосии зироаткорӣ (пахтакорӣ, анҷибарпарварӣ, боғутокпарварӣ, сабзавот ва зироатҳои полезӣ) ва чорводорӣ (говпарварӣ, гӯсфандпарварӣ, мурғпарварӣ, кирмакпарварӣ, занбӯрпарварӣ, аспparварӣ, моҳидорӣ). Махсусгардонии ноҳиявии хоҷагии кишоварзӣ. Кишоварзии наздишаҳрӣ.

Саноати хӯрокворӣ (саноати консерваи меваю сабзавот, саноати равғани рустанӣ, саноати гушту шир, саноати орд) . Базаи ашёи хоми саноатии хӯрокворӣ. Таркиби соҳавии саноати хӯрокворӣ. Соҳаҳои комплекси кишоварзии вилоят (ноҳия)-и худ. Кишоварзӣ ва муҳити зист.

**Кори амалӣ:**

**№7.** Аз рӯйи нақшаи пешниҳодкардаи омӯзгор тавсиф додани корхонаҳои маҳалли худ. Тавсиф додани яке аз соҳаҳои махсусгардонидаи саноат.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- мафҳумҳои комплекси кишоварзиву саноатӣ, экстенсивӣ, интенсивӣ, мелиоратсия ва ирригатсия;
- махсусгардонии соҳавӣ ва ноҳиявӣ;
- соҳаҳои комплекси кишоварзиву саноатӣ;
- давлатӣ аграрӣ-индустриалӣ ё акси он будани Тоҷикистонро донад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- роҳи экстенсивӣ ва интенсивии тараққиёти кишоварзиро фарқ карда тавонад;
- байни даромади миллӣ аз ҳисоби ККС ва саноатро дар Тоҷикистон тафовут гузошта тавонад;
- соҳаҳои кишоварзии маҳалли худро тавсиф карда тавонад;
- аз рӯйи маълумотҳои оморӣ таносуби тараққиёти соҳаи зироаткорӣ ва чорводориро таҳлил намуда, шарҳ дода тавонад.

## САЁҲАТ (ЭКСКУРСИЯ) (1 СОАТ)

### Мавзӯи 15. Истеҳсоли молҳои истеъмолии хоҷагии халқ ва соҳаи хизматрасонӣ (2 соат)

Таркиби соҳавии комплекс. Манбаи ашёи хом. Аҳаммияти комплекс дар хоҷагии халқ. Саноати сабук ва таркиби соҳавии он (саноати пахтатозакунӣ, абрешим, қолинбофӣ, кешбофӣ (трикотажӣ), саноати чарму пойафзол, чинибарорӣ ва кулолгарӣ. Соҳаи хизматрасонӣ (воситаҳои алоқа, сохтмон, хоҷагии ҷангал, савдо ва хӯроки умумӣ, тандурустӣ, варзиш ва сайёҳӣ, маориф, илм, фарҳанг ва санъат).

**Кори амалӣ:**

№8. Тартиб додани схемаи коркарди пайдарҳами нахи пахта ва абрешим дар корхонаҳои истеҳсолӣ матоъҳои пахтагин ва абрешим.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- таркиби соҳавии комплекси истеҳсолкунандаи молҳои истеъмоли халқ ва соҳаи хизматрасонӣ;

- соҳаҳои саноати сабук, ки аҳаммияти содиротӣ доранд;
- саноати сабук ва ашёи хоми он.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*
- аҳаммияти коркарди нахи пахта ва пилларо гуфта тавонад;
- оид ба инкишофи соҳаҳои хизматрасонии ҷумҳурӣ ва ноҳия ё шаҳри худ мисолҳо оварда тавонад;
- ходимони илму санъати тоҷикро, ки шухрати ҷаҳонӣ доранд, номбар карда тавонад;
- вазъи мактаби худ ва мактабҳои дигари ҷумҳуриро муқоиса карда тавонад.

**Мавзӯи 16. Нақлиёт (1 соат)**
Таркиби нақлиёт ва хусусияти хоси он. Аҳаммияти нақлиёт дар хоҷагии халқ. Нақлиёти автомобилӣ. Таъсири шароити табиӣ ба сохтмони роҳи автомобилӣ. Роҳи оҳан, нақлиёти ҳавоӣ, обӣ ва қубурӣ. Намудҳои боркашонии нақлиёт. Нақлиёти вилоят (ноҳия)-и худ. Нақлиёт ва муҳити зист.

**Кори амалӣ:**
№9. Дар асоси нақшаи тартибдодаи омӯзгор тавсиф додани яке аз роҳҳои автомобилгарди байниноҳиявии ҷумҳурӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**
*Хонанда бояд инҳоро донад:*
- намудҳои нақлиёт ва ҷиҳати хоси онҳо;
- бо мафҳуми «гиреҳи нақлиётӣ» шинос буда, аҳаммияти онро барои хоҷагии халқ донад;
-аҳаммияти шоҳроҳҳо ва нақбҳои шоҳроҳҳои бузурги ҷумҳурӣ;
- сабабҳои рушд ёфтани нақлиёти автомобилӣ дар мамлакат.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*
-дар харитаи тарҳӣ роҳҳои нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳани мамлакатро нишон дода тавонад;
- ба аҳаммияти нақлиёт, ба хусус нақлиёти автомобилӣ дар хоҷагии халқи ҳумҳурӣ баҳо дода тавонад;
- аҳаммияти иқтисодии сохтмони шоҳроҳи нави автомобилгарди Душанбе-Хоруғ-Қулма- Қароқурумро барои давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷумла Тоҷикистон баҳо дода тавонад.

**Мавзӯи 17. Тараққиёти хоҷагии халқ дар оянда (1соат)**
Вазифаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ дар оянда. Рушди соҳаҳои муҳимми энергетикӣ, мошинасозӣ, металлургия, саноати сабук, ККС ва инноватсия.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

*Хонанда бояд инҳоро донад:*

- самтҳои рушди муҳимтарини соҳаҳои хоҷагии халқ;
- нақши саноати энергетикаро дар инкишофи иқтисодиёти мамлакат.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*

- марказҳои асосии ҷойгиршавии корхонаҳои саноатии ҷумҳуриро дар харита нишон дода тавонад;
- бартарии асосии соҳаи энергетикаро дар рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ нишон дода тавонад.

## БОБИ III. ТАШКИЛИ МИНТАҚАВИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ

**Мавзӯи 18. Ноҳиябандии иқтисодӣ ва сиклҳои истеҳсолӣ (2 соат)**

Тақсимоти географӣ. Соҳаҳои махсусгардонида, соҳаҳои ёрирасон ва соҳаҳои хизматрасон. Ноҳияи иқтисодӣ. Нишондиҳандаҳои тахассусии ноҳияҳои иқтисодӣ, соҳаҳои тахассусии хоҷагии халқи Тоҷикистон.

Сиклҳои истеҳсолӣ: - сикли пурра ва сикли нопурра. Сиклҳои ҳудудиву истеҳсолии Тоҷикистон. Комплекси ҳудудиву истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ (КҲИТҶ).

**Кори амалӣ:**

№10. Дар харитаи тарҳӣ гузаронидани сарҳади Комплекси Ҳудудию Истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ. Таҳлили иқтисодиву географии он.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

*Хонанда бояд инҳоро донад:*

- тақсимоти географии меҳнат, соҳаҳои махсусгардонида, соҳаҳои ёрирасон ва соҳаҳои хизматрасон, ноҳияи иқтисодӣ, методи сиклӣ, методи соҳавӣ, сикли пурра ва сикли нопурра;
- муҳимтарин соҳаҳои махсусгардонидашудаи Тоҷикистон ва маҳсулоти онҳо;
- сиклҳои истеҳсолӣ.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*

-ба саҳми Тоҷикистон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат баҳо дода тавонад;

-аҳаммияти ташкили сиклҳои истеҳсолиро дар пешрафти иқтисодии мамлакат дарк карда тавонад;

- сиклҳои пурра ва нопурраи истеҳсолиро аз ҳам ҷудо карда тавонад

**Мавзӯи 19. Ноҳияҳои иқтисодии Тоҷикистон (7 соат)**

**Ноҳияи иқтисодии Суғд.** Мавқеи иқтисодию географӣ. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ ва истифодаи захираҳои меҳнатӣ. Соҳаҳои махсусгардонида: пахтакорӣ, токпарварӣ, боғдорӣ, кирмакпарварӣ. Чорводории шириву гӯштӣ. Саноати бофандагӣ, қолинбофӣ, хӯрокворӣ ва маъдан. Марказҳои асосии саноатӣ. Дурнамои инкишофи ноҳия.

**Ноҳияи иқтисодии Ҳисор.** Мавқеи иқтисодиву географӣ. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ. Соҳаҳои махсусгардонидаи саноати мошинсозӣ ва металлкоркунӣ, коркарди чӯб, саноати истеҳсоли маснуоти сохтмон, истеҳсоли матоъҳои пахтагин, кешбофӣ (трикотаж), чарму пойафзол, равғанкашӣ. Соҳаҳои махсусгардонидаи кишоварзӣ: пахтакорӣ, чорводорӣ, боғдорӣ ва сабзавоткорӣ. Дурнамои инкишофи ноҳия.

**Ноҳияи иқтисодии Вахш.** Мавқеи иқтисодиву географӣ. Тавсифи шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ. Базаи асосии пахтакорӣ (асосан пахтаи маҳиннах). Ситруспарварӣ. Чорводорӣ (қарокулпарварӣ).

Саноат: энергетика, химия, пахтатозакунӣ, равғанкашӣ, марказҳои саноатӣ, муҳофизати муҳити зист. Дурнамои инкишофи ноҳия.

**Ноияи иқтисодии Кӯлоб.** Мавқеи географӣ. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ ва ҷойгиршавии он. Истифода бурдани захираҳои меҳнатӣ. Кишоварзӣ. Пахтакорӣ ва ғаллакориву чорводории тараққикарда.

Саноат: пахтатозакунӣ ва равғанкашӣ. Дурнамои тараққиёти хоҷагӣ, азхуд кардани дашти Данғара, муҳофизати хок ва эрозия.

**Ноҳияи иқтисодии Рашт.** Мавқеи географӣ. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ, ҷойгиршавии он ва масъалаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ. Чорводорӣ. Боғутокпарварӣ ва сабзавоту картошка. Пешомади инкишофи хоҷагӣ.

**Ноҳияи иқтисодии Бадахшони Кӯҳӣ.** Мавқеи географӣ. Ҷиҳати хоси шароити табиӣ, ҷойгиршавии аҳолӣ ва тараққиёти хоҷагӣ. Захираҳои меҳнатӣ ва истифодаи онҳо. Чорводории чарогоҳӣ, парвариши картошка, инкишофи саноат. Дурнамои тараққиёти хоҷагӣ ва масъалаи азхуд намудани сарватҳои табиӣ.

**Кори амалӣ:**

№11. Тавсифи иқтисодиву географии яке аз ноҳияҳои иқтисодӣ аз рӯйи нақшаи пешакӣ тартибдодашуда; дар харитаи контурӣ кашидани робитаи иқтисодии яке аз ноҳияҳои иқтисодӣ.

## САЁҲАТ (1 СОАТ)

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- фарқи ҳудудӣ, шароит ва сарватҳои табиии қаламрави ҷумҳурӣ;
- ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ, хусусият ва дурнамои тараққиёти хоҷагии ҷумҳурӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- оид ба хусусиятҳои хоси ҳар як ноҳияи иқтисодии ҷумҳурӣ маълумот дода тавонад;
- ноҳияҳои иқтисодиро бо якдигар муқоиса карда, тахассуси хоҷагидории онҳоро нишон дода тавонад;
-хусусиятҳои хоси тараққиёти ҳар як ноҳияи иқтисодии ҷумҳуриро муайян намуда тавонад;
-аз рӯйи харита мавқеи географии ҳар як ноҳияи иқтисодиро муайян карда, нишон дода тавонад.

**Мавзӯи 20. Робитаҳои иқтисодии берунӣ (1 соат)**

Робитаи иқтисодии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон ва ҳамсоя. Содирот ва воридот. Робитаҳои илмиву фарҳангӣ. Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзӯи 21. Иқтисодиёти Тоҷикистон – комплекси ягонаи хоҷагӣ (такрори умумӣ) (1соат)**

Муқоисаи хоҷагӣ ва аҳолии ноҳияҳои иқтисодии Суғд, Ҳисор, Вахш ва алоқаи байни онҳо. Масъалаҳои асосии пешрафти хоҷагии ноҳияҳои иқтисодии Кӯлоб, Рашт ва Бадахшони Кӯҳӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонандагон**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- алоқаи иқтисодии ҷумҳурӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон ва ҳамсоя;
- мақсади асосии истеҳсолоти моддӣ;
- вобастагии баланд гардидани дараҷаи некуаҳволии халқ ба пешрафти истеҳсолот.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- робитаи иқтисодии дохили ҷумҳуриро шарҳ дода тавонад;
- дар асоси манбаъҳои гуногун дар бораи ноҳияҳои иқтисодии ҷумҳурӣ маълумот дода тавонад;
- таъсири фаъолияти хоҷагидориро ба табиати маҳал мушоҳида карда тавонад.

**Мавзӯи 22. Тараққиёти хоҷагии халқи вилоят, ноҳияи худ (2 соат)**

Мавқеи географӣ. Шароит ва сарватҳои табиӣ. Аҳолӣ, ҷойгиршавии он ва масъалаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ. Сохти хоҷагӣ. Мушкилоти географӣ ва экологии маҳалли зисти худ.

**Таҷҳизоти таълимӣ**

Коллексияи минералҳо ва ҷинсҳои кӯҳӣ. Глобуси кураи Замин. Моделҳо: теппаи буридашуда, боднамо, комплекси макетҳои сатҳи хушкӣ. Моделҳои серҳаракати гардиши ҷаҳонии об дар табиат. Асбобҳо барои гирифтани нақшаи маҳал ва гузаронидани саёҳат. Харитаи табиӣ: харитаи табиии нимкураҳо, Харитаи табиӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, харитаи контурӣ, топографӣ, сохти геологӣ, наботот ва ҳайвоноти Тоҷикистон, атласи мактабӣ барои синфи VIII, суратҳои ҳодисаҳои мухталифи табиат ва ҷадвали маълумотҳо.

Харитаи иҷтимоиву иқтисодӣ. Харитаи сиёсии нимкураҳо. Тақвими мушоҳидаи обу ҳаво. Маводи ба сурат гирифтаи тақсимшаванда. Диапозитивҳо: атмосфера; обҳои хушкӣ.

Диафилмҳо: нақшаи маҳалро чӣ тавр бояд тартиб дод? шаклҳои сатҳи хушкӣ; аҳаммияти пиряххо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, каналҳо барои инсон ва истифодаи онҳо дар хоҷагии ҷумҳурӣ; муҳофизати муҳити зист.

Кинопорчаҳо: зилзила; пиряххо дар кӯҳсор; кӯлҳо; дарёҳои ҳамворӣ; дарёҳои кӯҳсор; Остона ва шаршараҳо.

Кинофилм: Мо чароТоҷикистонро аз нигоҳи географӣ меомӯзем?

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ҶАҲОН БАРОИ СИНФИ 9-ум

Вақти умумии ҷудошуда тибқи нақшаи таълимӣ - 36 соат, ҳафтае 1 соат (аз ин 2 соат дар ихтиёри омӯзгор гузошта мешавад)

## МУҚАДДИМА (1 соат)

Фанни географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон: мавзӯи омӯзиш. Хусусияти хоси дигаргуншавии сиёсиву иқтисодӣ ва илмиву техникии ҷаҳони муосир. Тавсифи иқтисодиву географии ҷаҳон, шароит ва сарватҳои табиии ҷаҳон, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сохти хоҷагии ҷаҳон ва масъалаҳои умумиҷаҳонии инсоният.

## БОБИ I. ХАРИТАИ СИЁСИИ ҶАҲОН (3 соат )

Мафҳуми "харитаи сиёсии ҷаҳон". Даврахои ташаккулёбии харитаи сиёсии ҷаҳон. Заволи системаи мустамликадорӣ. Мавқеи мамлакатҳои озодшуда дар сиёсати ҷаҳон. Тағйироти сифатӣ ва микдорӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон. Давлат – нишонаи асосии харитаи сиёсӣ. Ҳудуд ва сарҳади давлатҳо. Сохти идоракунии давлатҳо. Шаклҳои сохтори давлатҳо. Аломатҳои типологии давлатҳо. Меъёрҳои асосии типологӣ. Намунаи давлатҳои асосӣ. Географияи сиёсӣ ва тавсифи геополитикии давлатҳо. Созмонҳои сиёсии ҷаҳон. СММ, Блокҳои ҳарбӣ. Ҳамкорӣ ва паст кардани шиддати вазъияти байналмилалӣ.

**Кори амалӣ:**

№ 1. Тавсифи мавқеи сиёсиву географии мамлакати алоҳида (мувофиқи интихоби омӯзгор).

№ 2. Истифодаи маълумоти гуногуни оморӣ аз ҷиҳати шакл ва мазмун: коркард, таҳлил ва баррасӣ намудани онҳо дар шакли харитаҳои географӣ ва картографӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда:**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** зарурати омӯзиши фанни географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон; марҳалаҳои ташаккулёбии харитаи сиёсии ҷаҳон; таъсири кашфиётҳои бузурги географӣ ба харитаи сиёсии ҷаҳон; сабабҳои таърихиву сиёсии тағйирёбии харитаи сиёсии ҷаҳон;

баъди инқилоби октябр дар харитаи сиёсии ҷаҳон чӣ дигаргуниҳо ба амал омад; харитаи сиёсии ҷаҳон, баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон ва тағйироти таркибии он дар ин давра; гурӯҳбандии мамлакатҳо аз ҷиҳати мавқеи географӣ, масоҳат, аҳолӣ ва тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ.

***Хонанда бояд инҳоро азхуд кунад:*** харитаи сиёсӣ дар давраи қадим, асрҳои миёна, нав ва навтарин; сохтори сиёсии давлатҳо дар давраҳои гуногуни таърихӣ; таснифоти давлатҳо вобаста ба хусусиятҳои географӣ ва сиёсӣ; гурӯҳбандии давлатҳо; блокҳои ҳарбӣ; ҳамкорӣ ва паст кардани шиддати байналхалқӣ; системаҳои давлатдорӣ, задухӯрдҳои минтақавӣ; пешгирии паҳншавии силоҳи ҳастаӣ (ядроӣ); васеъшавии блоки ҳарбии НАТО; сохтори давлатдорӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳиятҳои зерин шавад:***
- харитаи сиёсии ҷаҳонро истифода бурда тавонад;
- мамлакатҳоро аз рӯйи нақшаи муайян тавсиф дода тавонад;
- ахбори оммавиро сарфаҳм рафта, дуруст истифода бурда тавонад.

## БОБИ II. ТАБИАТ ВА НАҚШИ ИНСОН ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР ( 10 соат)

Зарурияти донистани географияи замони гузашта. Ибтидои азхуд кардани сайёраи Замин аз ҷониби инсон. Методҳои илмии барқарор кардани давраҳои гузаштаи муҳити географӣ: усули тавсифи географӣ, усули картографӣ, усули геохимиявӣ, усули геофизикӣ, усули генетикӣ. Ойкумен. Васеъшавии сарҳади ойкумен. Тағйирёбии хусусиятҳои алоқаи инсон бо муҳити зист дар тӯли таърихи мавҷудияти он. Хоҷагиҳои истеҳсолӣ. Инқилоби кишоварзӣ. Васеъшавии миқёси принсипи “ҷамъият-муҳити табиӣ” дар асрҳои миёна. Инқилоби саноатӣ – ҷаҳиши сифатӣ дар азхудкунии табиат. Инқилоби илмии техникӣ. Миқёси муосири азхудкунии сайёра. Азхуд кардани ҳудуд ва акваторияҳои нав. Аз ландшафти табиӣ ба ландшафти маданӣ. Ландшафти антропогенӣ. Ҷустуҷӯйи роҳҳои нави муносибати инсон бо табиат.

***Сарватҳои табиӣ.*** Нақши сарватҳои табиӣ дар ҳаёти ҷамъият. Иқтидори сарватҳои табиӣ. Таснифоти сарватҳои табиӣ. Ҳудудҳои аз сарватҳои табиӣ таъминбуда. Хусусиятҳои истифодабарии намудҳои гуногуни сарватҳои табиӣ. Ҳудуди сермаҳсул. Истифодаи технологияи сарфакоронаи коркарди сарватҳои табиӣ ва манбаъҳои энергия.

***Канданиҳои фоиданок.*** Сарватҳои минералӣ. Конҳои маъданҳои фоиданок. Канданиҳои фоиданоки сӯзишворӣ. Бо сӯзишворӣ таъмин кардани минтақаҳо ва мамлакатҳои ҷаҳон.

Канданиҳои фоиданоки маъданӣ ва ғайримаъданӣ. Таъмин будани мамлакат ва минтақаҳои ҷудогонаи ҷаҳон бо ин ва ё он намуди сарватҳои табиӣ. Азхудкунии комплексии канданиҳои фоиданок.

***Захираи замин.*** Фонди замини ҷаҳон. Сохтори захираи замини ҷаҳон. Заминҳои кишоварзӣ. Мавҷуд набудани имконияти минбаъд васеъгардонии майдони заминҳои кишт дар сайёра. Заволёбии қабати хок, миқёси онҳо. Беҳтар кардани ҳосилхезии хок.

***Захираҳои обӣ.*** Паҳншавии об дар гидросфера. Нақши об дар ҳаёти инсон. Тафовути таъмин будан бо об дар мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон. Таъмин будани сайёра бо оби нушокӣ. Истеъмол ва истифодаи об дар миқёси ҷаҳон. Истифодабарандагони асосии об дар дунё. Норасогии обро чӣ гуна бояд бартараф намоем. Захираҳои гидроэнергетикӣ.

***Захираи ҷангал.*** Захира ва ҷойгиршавии ҷангалзор. Нақши ҷангалзор дар сайёра. Минтақаҳои ҷангалӣ. Бо ҷангалзор таъмин будани минтақа ва мамлакатҳои ҷаҳон. Истифодаи ҷангалзор. Заволёбии ҷангалзор. Авҷи буридан ва нобудсозии майдони ҷангалзор. Барқарорсозии ҷангалзор.

***Уқёнуси ҷаҳонӣ.*** Нақши уқёнус дар ҳаёти инсоният. Сарватҳои биологӣ, минералӣ, энергетикӣ. Марикултура ва аквакултура. Сарватҳои тунукобаи континенталӣ. Захираҳои энергетикии Уқёнуси ҷаҳон. Проблемаҳои истифодабарии сарватҳои Уқёнуси ҷаҳонӣ. Роҳҳои истифодаи самараноки онҳо.

***Сарватҳои агроиқлимӣ, ғайрианъанавӣ ва рекреатсионӣ.*** Захираҳои агроиқлимӣ. Энергияи бод, энергияи Офтоб, энергияи қаъри Замин. Бартарияти захираҳои энергетикии ғайрианъанавӣ. Захираҳои рекреатсионӣ.

Самаранок истифодабарии захираҳои табиат чӣ маънӣ дорад? Намудҳои истифодабарии захираҳои табиат. Ҳудудҳои махсус ҳифзшавандаи табиат. Сиёсати экологӣ. Рушди устувор. Алоқамандии истифодабарии табиат ва рушди устувори ҷомеъа.

**Кори амалӣ:**

№ 3. Таҳлили таъмин будан бо сарватҳои табиии ягон минтақа ё мамлакати алоҳидаи ҷаҳон (интихобан).

№ 4. Тавсифи соҳаҳои саноати ҷаҳон (интихобан) аз рӯйи нақша.

№ 5. Дар харитаи тарҳӣ (контурӣ) ишора намудани марказҳои муҳимтарини истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда:**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** давраҳои азхудкунии Замин аз ҷониби инсоният; тағйирёбии хусусиятҳои алоқаи инсон ба табиат; муҳимтарин сарватҳои табиии ҷаҳон ва истифодабарии онҳо; зарурияти тағйир додани муносибати инсон ба табиат ва сарватҳои табиӣ; хусусиятҳои инқилоби илмӣ-техникӣ; мафҳуми «истифодабарии табиат», шаклҳои истифодабарии табиат; фарзияи рушди устувори ҷомеъа.

***Хонанда бояд инҳоро азхуд кунад:*** сабаби нобаробар тақсимшавии сарватҳои табиӣ дар кураи Замин; зиёдшавии майдони ботлоқу шӯразамин, биёбоншавӣ; пешгирии талафоти заминҳои кишт; нобаробар тақсимшавии оби нушокӣ ва норасогии он; ифлосшавии манбаъҳои об; бешазор ва инсон, ноҳияҳои бо ҷангал таъмин ё камбағал; мавқеи Уқёнуси ҷаҳонӣ дар ҳаёти инсон, истифодаи захираҳои он; саҳми иқлим дар кураи Замин, дигаргуншавии иқлим ва сабабҳои он; захираҳои рекреатсионӣ ва аҳаммияти онҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳиятҳои зерин шавад:***

- таҳлил ва муқоисаи мавод ва маълумот; муайян кардани сатҳи бо сарват таъмин будани мамлакатҳои алоҳидаи ҷаҳон; сарфакорона истифодабарии сарватҳои табиӣ, захираҳои замин, об, ҷангал, уқёнусҳо, сарватҳои иқлимӣ, кайҳонӣ, рекреатсионии ҷаҳон, қитъаҳои олам ва давлатҳои алоҳида;
- бо сарватҳои табиӣ таъмин будани ноҳияҳои алоҳидаро тасвир намояд; бо истифода аз матни китоби дарсӣ ва маълумоти матбуоти даврӣ тарзҳои гуногуни истифодаи табиатро тавсиф намояд;
- манбаъҳои ифлоскунандаи муҳити зистро муайян намуда, оид ба роҳҳои ҳалли проблемаҳои олудашавии муҳити зист хулосагирӣ карда тавонад.

## БОБИ III. ГЕОГРАФИЯИ АҲОЛИИ ҶАҲОН (4 соат)

**Аҳолӣ** – қувваи истеҳсолкунандаи ҷамъият. Бозтавлиди (таҷдиди) аҳолӣ. Шаклҳои бозтавлиди аҳолӣ. Афзоиши аҳолӣ. Нобаробар афзудани аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳидаи кураи Замин. Миқдори аҳолии ҷаҳон. “Таркиши демографӣ”, “Бuҳрони демографӣ”. Сиёсати демографӣ. Чорабиниҳои сиёсати демографӣ. Таркиби аҳолӣ (ҳайати нажодӣ, миллӣ (этникӣ), динӣ ва ғайра). Ҳалли масъалаи миллӣ дар мамлакатҳои гуногун. Географияи динҳо. Нобаробар ҷойгир шудани аҳолӣ дар сатҳи хушкӣ ва сабабҳои он. Маскуншавии аҳолӣ. Аҳолии шаҳр ва деҳот. Урбанизатсия ҳамчун ҷараёни умумиҷаҳонӣ, географияи он. Географияи муҳоҷирати аҳолӣ. Сабабҳои муҳоҷират. Аҳаммият ва

оқибатҳои муҳоҷират. Эмигратсия ва иммигратсия. Муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ.

**Кори амалӣ:**

№6. Муайян кардани сатҳи таъмин будани минтақаҳои бузург ва давлатҳои калонтарин бо захираҳои меҳнатӣ.

№ 7. Арзёбии хусусиятҳои сатҳ ва сифати зисту зиндагонии аҳолии минтақа ва мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон (мувофиқи талаби омӯзгор).

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** мафҳумҳои аҳолӣ, шумора, афзоиши табиӣ, муҳоҷират, урбанизатсия, агломератсия, зичии аҳолӣ, захираҳои меҳнатӣ, захираҳои меҳнатии фаъол ва ғайрифаъол, ҷойгиршавии аҳолӣ. Ҳайати миллӣ, нажодӣ, динӣ, синфӣ ва сабабҳои пайдоиши онҳо. Ҷойгиршавии аҳолии ҷаҳон, аҳолии шаҳр ва деҳот, мегаполис. Муҳоҷират чист; шаклҳои муҳоҷират; сабабҳои муҳоҷират. Аҳолии қобили меҳнат, синну соли қобили меҳнат. Дараҷаи тахассусӣ, маълумотнокӣ ва хизматрасонии тиббии аҳолӣ. Муҳоҷирати аҳолӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, дараҷаи маълумотнокӣ ва тахассусии муҳоҷирон, фирори мағзҳо.

***Хонанда бояд инҳоро азхуд кунад:*** омилҳои асосие, ки боиси афзоиши аҳолӣ мегарданд; сиёсати демографӣ, ҳайати ҷинсӣ ва синнусолии аҳолӣ; мазмуни мафҳумҳои “таркиши демографӣ”, “буҳрони демографӣ” ва “сиёсати демографӣ”; ҳайати синфӣ, сифати аҳолӣ, ҳайати синнусолии аҳолӣ; нишондиҳандаҳои тақсимоти нажодӣ; гурӯҳи забонҳо, сабабҳои паҳншавии онҳо; умумияти этникӣ, таснифоти халқҳои ҷаҳон, дин ва тамаддуни ҷаҳонӣ; сабаб ва омилҳои нобаробар ҷойгиршавии аҳолӣ, мамлакатҳои сераҳолӣ ва камаҳолии дунё; мавқеи шароит ва сарватҳои табиӣ дар ҷойгиршавии аҳолӣ; урбанизатсия, субурбанизатсия, агломератсия, мегаполисҳо; омилҳои ба вуҷуд омадани шаҳрҳои саноатӣ; сабабҳои мавҷудияти ноҳияҳои қафомонда ва сераҳолӣ; хусусиятҳои фарққунандаи мафҳуми аҳолӣ аз захираҳои меҳнатӣ, иммигратсия аз эмигратсия; синну соли захираҳои меҳнатӣ; фирори мағзҳо ба манфиати кист ва чӣ оқибат дорад; манфиати он дар чист?

***Хонанда бояд дорои салоҳиятҳои зерин шавад:***

- таҳлили таркиби миллӣ, синнусолӣ, дараҷаи афзоиши табиӣ ва механикӣ, таҷдиди аҳолӣ, таркиши демографӣ дар мамлакатҳои ҷаҳон;
- хулосагирӣ оид ба тақсимоти нажодӣ, гурӯҳи забонҳо, сабабҳои паҳншавии онҳо, умумияти этникӣ, таснифоти халқҳои ҷаҳон ва таҳлилу муқоиса намудани онҳо;

- таҳлили диаграмма ва картодиаграммаҳо оид ба аҳолии шаҳр ва деҳот; дар харита ёфта тавонистани агломератсияҳо ва мегаполисҳои калонтарини дунё ва муқоиса намудани онҳо;

- таҳлили таркиби синнусолии аҳолӣ, дараҷаи иммигратсия ва эмигратсия дар ҷаҳон; мамлакатҳои воридшавӣ ва хориҷшавии муҳоҷирон. Таҳлили омории самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар мамлакатҳои ҷудогона.

## БОБИ IV. ИНҚИЛОБИ ИЛМИВУ ТЕХНИКӢ ВА ХОҶАГИИ ҶАҲОН (2 соат)

Инқилоби илмӣ-техникӣ. Хоҷагии ҷаҳон, марҳалаҳои ташаккул ва инкишофи хоҷагии умумиҷаҳонӣ. Мафҳуми хоҷагии ҷаҳонӣ. Тақсимоти байналхалқии географии меҳнат. Ҳамгирои (интегратсия)-и байналхалқии иқтисодӣ. Географияи тиҷорат ва сайёҳии байналхалқӣ. Хоҷагии ҷаҳонӣ дар давраи инқилоби илмиву техникӣ. Мафҳуми инқилоби илмиву техникӣ. Роҳҳои инкишофи илмиву техникӣ дар замони ҳозира. Хусусиятҳои хоси инқилоби илмиву техникӣ ва таъсири он ба таркиби соҳавӣ ва ҷойгиршавии истеҳсолот. Пайдоиши омилҳои нави ҷойгиркунонии истеҳсолот.

**Кори амалӣ**

№8. Тавсифи муқоисавии омилҳои муҳимтарини ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** мафҳумҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, тақсимоти байналхалқии географии меҳнат, ҳамгироии иқтисодӣ, таркиби соҳавӣ ва минтақавии хоҷагии ҷаҳон; инқилоби илмивутехникӣ чӣ маъно дорад, ба сохтори хоҷагии ҷаҳонӣ чӣ таъсир мерасонад; мафҳуми инқилоби илмиву техникӣ; инқилоби илмиву техникӣ ҳамчун омили ташкили ҳудудии истеҳсолот; тафовути мафҳумҳои “инкишофи илмиву техникӣ” ва “инқилоби илмиву техникӣ”;

***Хонанда бояд инҳоро азхуд кунад:*** омилҳо ва шароитҳои пайдоиши хоҷагии ҷаҳонӣ; шароитҳои табииву географӣ ва соҳаҳои тахассусии мамлакатҳои ҷаҳон; асоси ҳамгироии иқтисодӣ; хоҷагиҳоро кадом омилҳо ба ҳам мепайванданд; хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамчун системаи ягона; таъсири ИИТ дар пешрафти истеҳсолот; соҳаҳое, ки дар шароити ИИТ бо суръати баланд тараққӣ мекунанд; паст шудани нақши захираҳои табиӣ дар давраи ИИТ; соҳаҳои иноватсионии ҳозира.

***Хонанда бояд дорои салоҳиятҳои зерин шавад:***

**-** таҳлил ва муқоисаи таркиби хоҷагии ҷаҳонӣ; хулосагирӣ намудан оид ба ҳамгироии иқтисодӣ; ширкатҳои байналмилалӣ ва муайян кардани аҳаммияти онҳо; муқоисаи давраҳои рушди мамлакатҳои дунё дар давраи ИИТ.

## БОБИ V. ГЕОГРАФИЯИ СОҲАҲОИ ХОҶАГИИ ҶАҲОН (11 соат)

Географияи соҳаҳои саноати ҷаҳон; таснифоти соҳаҳои саноат. Саноати маъдани кӯҳӣ. Саноати энергетикӣ, соҳаҳои сӯзишвориву энергетикӣ: саноати нафт, газ, ангишт; соҳаҳои саноати энергетикии ғайрианъанавӣ (алтернативӣ). Саноати маснуотбарорӣ - саноати металлургия, мошинсозӣ, саноати химия, ҷангал ва селюлозаю коғаз; саноати сабук ва хӯрокворӣ, хусусияти асосии ҷойгиршавии онҳо; ноҳияҳои калонтарини саноати ҷаҳон. Саноат ва муҳити зист.

Географияи кишоварзӣ. Соҳаҳои муҳими зироаткорӣ. Рустаниҳои ғайрихӯрока. Чорводорӣ - соҳаҳои асосии он. Саҳми соҳаҳои кишоварзӣ дар истеҳсолоти моддӣ. Кишоварзӣ ва муҳити зист.

Географияи нақлиёти ҷаҳон. Нақлиёт ва ИИТ. Нақлиёти хушкигард. Нақлиёти обӣ. Нақлиёти ҳавоӣ. Нақлиёт ва муҳити зист. Соҳаҳои хизматрасонӣ.

Робитаҳои иқтисодии берунӣ, шаклҳои он. Савдои байналмилалӣ. Сармоябарорӣ (ҳаракати сармоя). Туризми байналхалқӣ. Ҳамгироийи иқтисодӣ.

**Кори амалӣ:**

**№9.** Тартиб додани тавсифи иқтисодӣ-географии яке аз соҳаҳои саноати ҷаҳон (интихобан).

**№10.** Мамлакатҳои содиркунандаи намудҳои асосии маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ ва ашёи хом, ноҳияҳои туризми байналмилалӣ ва истироҳатӣ, давлатҳоеро, ки хизматрасонии бонкӣ ва дигар хизматрасониҳоро амалӣ менамоянд, муайян кунед. Онҳоро дар харитаи тарҳӣ гузаронед.

**№11.** Самтҳои асосии савдои ҷаҳонӣ, омилҳои муайянкунандаи соҳаҳои тахассуси байналмилалии давлатҳо ва минтақаҳои ҷаҳонро муайян кунед.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** соҳаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, саноат, саноати сӯзишворӣ-энергетикӣ, нефт, газ, ангишт; саҳми ин соҳаҳои саноат дар пешрафти хоҷагӣ; соҳаҳои саноати маснуотбарорӣ:

металлургия, мошинасозӣ, химия, саноати чӯбкоркунӣ, сементбарорӣ, сабук ва хӯрокворӣ; ширкатҳои калонтарини истеҳсолӣ; мамлакатҳои асосии захираҳои маъдани оҳан, ангишт, металлҳои ранга ва истеъмолкунандагони онҳо; таъсири корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф; мафҳумҳои соҳаҳои "меҳнатталаб" ва "металлталаб"-ро донад; саҳми кишоварзӣ дар истеҳсолоти моддӣ ва ҷомеа, соҳаҳои кишоварзӣ, кишоварзӣ ва таъминоти озуқаворӣ, таъсири кишоварзӣ ба муҳити зист; нақши нақлиёт дар таркиби хоҷагии ҷаҳонӣ, соҳаҳои нақлиёт дар ҷаҳон, омилҳои рушд ва ё монеаҳо; нақлиёт ва муҳити атроф; муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ.

***Хонанда бояд инҳоро азхуд кунад:*** сохтори хоҷагии ҷаҳонӣ; сабабҳои рушд ва таназзули соҳаҳои гуногуни хоҷагӣ дар давраҳои таърихӣ; нақши соҳаи сӯзишворӣ - энергетикӣ дар таркиби хоҷагии ҷаҳонӣ; давлатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон, ки дорои соҳаҳои илмталаб, ашёихомталаб мебошанд; ҷойгиршавии иншооти саноати маҳсулотистеҳсолкунанда, рушди ин соҳаҳо дар мамлакат ва минтақаҳои ҷаҳон; мамлакатҳое, ки ашёи хом истеҳсол мекунанд; мамлакатҳое, ки маҳсулоти тайёр истеҳсол мекунанд; ширкатҳои байналмилалии истеҳсолкунандаи маҳсулоти гуногуни саноатӣ; даҳгонаҳои пешсаф аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ; муҳиммияти соҳаҳои кишоварзӣ; географияи кишоварзӣ, мавқеи кишоварзӣ дар таркиби хоҷагии халқи мамлакатҳои дунё; моҳияти инқилоби сабз; роҳҳои интенсивӣ ва экстенсивии баландбардории ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ, таъминоти озуқаворӣ; даҳгонаи пешсафи истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ; инкишофи нақлиёт, мавқеи нақлиёти роҳи оҳан, обӣ, ҳавоӣ, автомобилӣ ва қубурӣ дар боркашонӣ ва мусофиркашонӣ; ҳиссаи боркашонӣ дар намудҳои нақлиёт; таъсири нақлиёт ба муҳити зист; робитаҳои ҳамдигарии мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Тоҷикистон.

***Хонанда бояд дорои салоҳиятҳои зерин шавад:***

- таркиби соҳавии хоҷагии халқ; саноати сӯзишворӣ; давлатҳое, ки захираҳои зиёди нафт, ангишт ва газ доранд; дар харита ёфта тавонистани ҳавзаҳои калони ангишт, нафт ва газ дар ҷаҳон;
- муқоисаи давлатҳо аз рӯйи дараҷаи мавҷудияти захираи ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулот; ММД аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ; сабабҳои рушд ё таназзули ин соҳаҳоро муайян карда тавонистан; дар харита нишон дода тавонистани марказҳои асосии саноатӣ;
- таҳлили нишондодҳои омории кишоварзӣ; муқоисаии давлатҳо аз рӯйи шароитҳои табиӣ; заминҳои кишт ва чарогоҳҳо; майдони боғҳо ва истеҳсоли маҳсулоти зироатӣ ва чорво;

- таҳлил ва муқоисаи боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар байни намудҳои нақлиёт ва мамлакатҳои ҷаҳон; дар харита нишон додани бандарҳо, фурудгоҳҳо ва давлатҳое, ки аз ҷиҳати гардиши мол ва мусофиркашонӣ мавқеи аввалро ишғол мекунанд.

## БОБИ VI. МАСЪАЛАҲОИ УМУМИҶАҲОНИИ ИНСОНИЯТ (3 соат)

Оғозӣ масъалаҳои умумиҷаҳонӣ. Таснифоти масъалаҳои умумиҷаҳонӣ. Масъалаҳои энергетикӣ ва ашёи хом. Қафомонӣ, қашшоқӣ, беморӣ. Масъалаҳои озуқаворӣ. Солимӣ ва дарозумрии аҳолӣ. Яроқпартоӣ ва муҳофизати сулҳ. Масъалаҳои экологӣ. Ҳифзи муҳити зист. Вайроншавии қабати озонӣ ва гармшавии иқлим. Укёнуси ҷаҳонӣ ва масъалаҳои он. Кайҳон ҳамчун муҳити глобалии инсоният. Бартараф кардани ақибмонии иқтисодии мамлакатҳои рӯбаинкишоф; роҳҳои ҳалли онҳо дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон.

**Кори амалӣ:**

**№12.** Харита ва атласи мактабиро истифода бурда ноҳияҳои асосии хавфи экологиро муайян намоед. Вазъи экологии ин минтақаҳоро шарҳ диҳед. Оид ба дигар масъалаҳои умумиҷаҳонии инсоният аз рӯйи матни харита ва атлас маълумот диҳед.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:*** ба вуҷуд омадани масъалаҳои умумиҷаҳонии инсоният – масъалаҳои яроқпартоӣ ва муҳофизати сулҳ, экологӣ, демографӣ, озуқаворӣ, таъмин будан бо ашёи хом ва энергетикӣ; сабабҳои ба вуҷуд омадани масъалаҳои умумиҷаҳонии инсоният;

***Хонанда бояд инҳоро азхуд кунад:*** масъалаҳои глобалӣ; масъалаҳои глобалӣ ва таъсири мутақобилаи онҳо; вазъи экологӣ, вазъи демографӣ ва проблемаҳои глобалӣ; моҳияти масъалаҳои умумиҷаҳонӣ ва рӯзмарра будани онҳо; вазъи экологии давлатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон; роҳҳои ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳонии инсоният; созмонҳои умумиҷаҳонӣ ва нақши онҳо дар ҳал ва пешгирии ин проблемаҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳиятҳои зерин шавад:***

- таҳлили масъалаҳои глобалӣ ва натиҷагирӣ кардани онҳо.

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ (МАМЛАКАТ ВА МИНТАҚАҲО) БАРОИ СИНФИ 10-ум

Вақти умумии ҷудошуда тибқи нақшаи таълимӣ - 36 соат, ҳафтае 1 соат (аз ин 2 соат дар ихтиёри омӯзгор гузошта мешавад)

## МУҚАДДИМА (1 соат)

**Географияи мамлакат ва минтақаҳо, мақсад ва вазифаҳои он**. Системаи илмҳои географӣ, шохаҳои фанни география, географияи мамлакат ва минтақаҳо. Мафҳумҳои “минтақа”, “зерминтақа”, “ноҳия”. Нақши фанни мазкур ҳамчун фанни табииву ҷамъиятӣ ва мавқеи он дар системаи илмҳои географияю иқтисодӣ; аҳаммияти он ҳамчун фанни ҷамъиятӣ ва мавқеи он дар байни системаи илмҳои географӣ ва табиатшиносӣ. Алоқаи он бо илмҳои географӣ: географияи табиӣ, географияи материк ва уқёнусҳо, географияи саноат, географияи кишоварзӣ, географияи нақлиёт ва ғайра. Нақши фанҳои географӣ дар ташаккулёбии дониш, маҳорат, малакаи хонандагон ва тарбияи ватандӯстӣ. Вазифаҳои фанни географияи мамлакат ва минтақаҳо дар ҳалли проблемаҳои умумиҷаҳонӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ.

## ФАСЛИ I. ТАВСИФИ УМУМИИ МАМЛАКАТ ВА МИНТАҚАҲО (2 соат)

**Мавзӯи 1. Зарурати тақсимоти минтақавӣ - 1 соат.**

Тавсифи умумии минтақа ва мамлакатҳои ҷаҳон. Минтақа ва географияи минтақавӣ гуфта, чиро дар назар дорем; дар ҷаҳон кадом минтақаҳо вуҷуд доранд; принсипҳои ҷудо кардани минтақаҳо аз нигоҳи фарҳангӣ ва таърихӣ-географӣ кадомҳоянд; кадом меъёрҳо заминаи минтақабандӣ шуда метавонанд; бузургтарин минтақаҳои ҷаҳон аз рӯйи кадом хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд; минтақаҳои таърихиву фарҳангӣ; ба зерминтақаҳо ҷудо кардани минтақаҳои бузург, давлатҳои ин минтақаҳо.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: Зарурати омӯзиши минтақа ва географияи минтақавӣ; минтақабандӣ чист ва чаро ҷаҳонро ба минтақаҳо ҷудо мекунанд; минтақаҳои ҷаҳон кадомҳоянд ва кадом давлатҳо ба ин минтақаҳо мансубанд; принсипҳои минтақабандӣ;

зарурати минтақабандӣ ва нишондиҳандаҳои муҳимме, ки дар асоси онҳо минтақабандӣ сурат мегирад.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- омилҳо ва принсипҳои тақсимоти минтақавиро донад.

**Мавзӯи 2. Марказҳои рушдёфтаи иқтисодӣ ва кишварҳои камбизоат (1 соат)**

Шарҳ додани тафовутҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳони имрӯза; бойигарии миллӣ чист? бойигарии миллиро аз рӯйи кадом меъёрҳо муайян мекунанд? сатҳи рушди иқтисодӣ; сатҳи рушди иҷтимоӣ; фарқи дараҷаи иқтисодӣ аз дараҷаи иҷтимоӣ; маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД); давлатҳои пешрафта ва камбизоат; омилҳои асосие, ки боиси пешрафти мамлакатҳо мегарданд; марказҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта: дирӯз ва имрӯзи онҳо - зинаҳои якум, дуюм, сеюм; мамлакатҳое, ки барои ишғоли мавқеи пешсафӣ кӯшиш доранд (Хитой); марказҳои рушди иқтисодӣ чӣ гуна тағйир меёбанд.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

*Хонанда бояд инҳоро донад*: мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон; соҳаҳои тахассусии давлатҳо; давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор; мамлакатҳои камбизоат ё қафомонда; омилҳои асосии пешрафт ва қафомонии давлатҳо, хусусиятҳои минтақавии онҳо, маълумоти оморӣ (масоҳат, аҳолӣ, тақсимоти сиёсӣ-маъмурӣ), соҳаҳои рушдёфтаи мамлакатҳо; сабабҳои пешрафти соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ дар ин мамлакатҳо; тафовутҳои ноҳиявӣ аз нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ; сабабҳои мушкилоти вазъи экологӣ; афзоиши шумораи аҳолӣ; сохти хоҷагӣ; нақлиёт.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*

- нишондиҳандаҳои рақамиву омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ намуда, арзёбӣ карда тавонад.

## ФАСЛИ II. МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁ (13 соат)

**Мавзӯи 1. Осиё. Тавсифи умумӣ (1 соат)**

Осиё ҳамчун минтақа; зерминтақаҳои Осиё - Осиёи Шарқӣ, Ҷанубӣ, Ҷанубу Ғарбӣ, Ҷанубу Шарқӣ, қисми осиёгии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ; харитаи сиёсии Осиё; хусусиятҳои фарқкунандаи ин минтақа аз дигар минтақаҳо; тафовутҳои дохилии минтақаи Осиё;

мавқеи географӣ, андоза ва ҳудуд; табиат ва сарватҳои табиӣ (сарватҳои маъданӣ, ғайримаъданӣ, агроиқлимӣ, обӣ, замин, рекреатсионӣ, бешазор), ҳолати истифодабарии онҳо; хусусиятҳои фарққунандаи табиат ва аҳолии қитъа; маскуншавӣ; таркиб ва афзоиши аҳолӣ; омилҳои босуръат афзудани аҳолии минтақа; сераҳолитарин минтақаи дунё; аҳолии шаҳр ва деҳот; тафовутҳо дар азхудкунии минтақа; алоқамандии он бо мавқеи географӣ; шароит ва сарватҳои табиии мамлакатҳои минтақа; мамлакатҳои Осиё аз рӯйи дараҷаи тараққиёт; ҳиссаи онҳо дар истеҳсолоти саноатии ҷаҳон; соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ; миқёс ва суръати рушди иқтисодиёти минтақа; сохти хоҷагии мамлакатҳои Осиё; тафовутҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакатҳои Осиё; нақлиёт ва нақши он дар рушди минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мафҳуми "Осиё": масоҳат, аҳолӣ, давлатҳои он; хусусиятҳои пешрафт ва ё қафомонии давлатҳо, шароит ва сарватҳои табиӣ, соҳаҳои хоҷагӣ, тафовутҳои давлатҳо; нақлиёт ва нақши он дар пешрафти иқтисодиёти минтақа; соҳаҳои пешрафтаи хоҷагӣ; давлатҳои нави саноатии Осиё; тафовутҳои дохиливу иқтисодӣ-географии Осиёи Шарқӣ, Ҷанубӣ, Ҷанубу Ғарбӣ, Ҷанубу Шарқӣ, қисми осиёгии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ; харитаи сиёсии Осиё.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- нишондиҳандаҳои рақамиву омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ намуда, арзёбӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 2. Мамлакати пуриқтидори саноативу аграрӣ бо вазъи мураккаби демографӣ (Ҷумҳурии Халқии Хитой) (1 соат)**

Мавқеи геополитикии Хитой дар ҷаҳони муосир ва Осиё, мавқеи иқтисодиву географӣ; роҳи кушоди баҳрӣ ва мавқеи он дар рушди иқтисодиёти мамлакат; шароит ва сарватҳои табиӣ; тафовутҳои табиӣ (иқлим, релйеф); аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; Хитой чӣ гуна суръати баланди афзоиши аҳолиро пешгирӣ кард; Хитой - сарзамини динҳои гуногун; таркиби миллии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот, зичӣ ва маскуншавии аҳолӣ; сохти хоҷагӣ, саноат; Хитой - пешсафи ҷаҳон дар истихроҷи ангишт, металлгудозӣ, истеҳсоли телевизорҳо ва нуриҳои маъданӣ; соҳаҳои асосии саноат; марказҳои саноатӣ; кишоварзӣ, соҳаҳои асосии зироаткорӣ ва чорводорӣ, ноҳияҳои кишоварзӣ ва тафовути онҳо; нақлиёт ва соҳаҳои он; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; сабабҳои бо суръати баланд рушд ёфтани

иқтисодиёти Хитой; ноҳияҳои иқтисодӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ; робитаҳои Хитой бо Тоҷикистон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: масоҳат, аҳолӣ, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, нишон, парчам, мамлакатҳои ҳамсарҳад, сарватҳои табиӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатие, ки аз Хитой ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- оид ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода тавонад;
- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 3. Рушди иқтисодиёт бе манбаъҳои бузурги сарватҳои табиӣ (Ҷопон) (1 соат)**

Ҷопон (Япония) – муаммои иқтисодии Осиёи Шарқӣ; ҷойгиршавӣ ва мавқеи иқтисодӣ-географӣ, шароитҳои табиӣ – хусусиятҳои мусбат ва манфии он, сарватҳои табиӣ ва ҳолати истифодабарии онҳо; Ҷопон – мамлакате, ки сарватҳои табииаш ниҳоят кам аст; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, мамлакати якмиллата, маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, мамлакати дараҷаи баланди урбанизатсия, агломератсияҳои калонтарин, аҳолии шаҳр ва деҳот, иқтисодиёт ва хоҷагӣ, соҳаҳои хоҷагӣ, саноат ва соҳаҳои он, мавқеи Ҷопон дар таркиби хоҷагии минтақа ва ҷаҳон, ширкатҳои байналмилалии саноатӣ; кишоварзӣ ва самтҳои асосии рушди он, дастовардҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ дар шароити маҳдуд, нақлиёт ва соҳаҳои он, дастовардҳои илмӣ-техникӣ, тафовутҳои дохилӣ, ноҳияҳои иқтисодӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: масоҳат, аҳолӣ, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, нишон, парчам, ҳамсарҳадӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, мавқеи иқтисоди географӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, сохти хоҷагӣ, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, тафовутҳои иқтисодиву географӣ, алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ; Ҷопон – давлати дорои технологияи баланди замонавӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- оид ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода тавонад;

- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

**№1.** Оид ба хусусиятҳои махсусгардонии ноҳияҳои кишоварзии Хитой маълумот таҳия намоед. Сабабҳои онро фаҳмонед.

Дар харитаи тарҳӣ робитаҳои иқтисодии байналмилалии Ҷопонро инъикос намоед.

**Мавзӯи 4. Географияи минтақаи Осиёи Марказӣ (3 соат)**

Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақа дар қитъаи Осиё; хусусиятҳои фарққунандаи он аз дигар минтақаҳо ва тафовутҳои дохилӣ; мавқеи географӣ, андоза ва ҳудуд, табиат ва сарватҳои табиӣ (сарватҳои маъданӣ, ғайримаъданӣ, агроиқлимӣ, обӣ, замин, бешазор, рекреатсионӣ) ҳолати истифодабарии онҳо; хусусиятҳои фарққунандаи табиат ва аҳолии минтақа, маскуншавӣ, таркиб ва афзоиши аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот, тафовутҳо дар азхудкунии минтақа, алоқамандии он бо мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиии мамлакатҳои минтақа, тавсифи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон) аз рӯйи дараҷаи тараққиёт, ҳиссаи онҳо дар истеҳсолоти саноатии ҷаҳон (ғайр аз Ҷумҳурии Тоҷикистон); соҳаҳои саноат ва кишоварзии он; миқёс ва суръати рушди иқтисодиёти минтақа, сохти хоҷагии мамлакатҳои Осиё Марказӣ, тафовутҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакатҳои Осиёи Марказӣ; нақлиёт ва нақши он дар рушди минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, аломатҳои умумии давлатҳои минтақа; масоҳат, аҳолии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ; хусусиятҳои пешрафт ва ё қафомонии давлатҳо; шароит ва сарватҳои табиӣ, соҳаҳои хоҷагӣ, тафовутҳои онҳо; нақлиёт ва нақши он дар пешрафти иқтисодиёти минтақа, соҳаҳои пешрафтаи хоҷагӣ; харитаи сиёсии Осиёи Марказӣ, аз харита ва дигар манбаъҳо омӯхтани мавқеи давлатҳои Осиёи Марказӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Тоҷикистон) соҳаҳои тахассусии онҳо; муқоиса кардани ин давлатҳо бо ҳам ва дигар мамлакатҳои қитъаи Осиё; таҳлили нишондодҳои оморӣ; дар харита ҷудо кардан ва нишон додани ин давлатҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- хусусиятҳои монандӣ ва фарқкунандаи давлатҳоро таҳлил намуда хулосагирӣ кунад;

- нисбати зарурияти азхудкунии ин донишҳо барои ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ натиҷагирӣ намояд.

**Мавзӯи 5. Минтақаи Қафкази Ҷанубӣ (Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон) (1 соат)**

Қафказ – минтақа дар қитъаи Осиё, хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дигар минтақаҳо, тафовутҳои дохилии минтақа, мавқеи географӣ, андоза ва ҳудуд, табиат ва сарватҳои табиӣ (сарватҳои маъданӣ, ғайримаъданӣ, агроиқлимӣ, обӣ, замин, бешазор, рекреатсионӣ), ҳолати истифодабарии онҳо. Хусусиятҳои фарқкунандаи табиат ва аҳолии минтақа; маскуншавӣ, таркиб ва афзоиши аҳолӣ; аҳолии шаҳр ва деҳот дар минтақаи Қафказ; тафовутҳо дар азхудкунии минтақа, шароит ва сарватҳои табиии мамлакатҳои минтақа (Арманистон, Гурҷистон, Озарбойҷон); ҳиссаи онҳо дар таркиби хоҷагии умумиҷаҳонӣ, минтақа ва ИДМ, соҳаҳои саноат ва кишоварзии он, миқёс ва суръати рушди иқтисодиёти минтақа, сохти хоҷагии мамлакатҳои минтақаи Қафказ, тафовутҳо дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакатҳои минтақа. Нақлиёт ва нақши он дар рушди минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: кадом давлатҳо ба ин минтақа мансубанд; масоҳат, аҳолӣ, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, нишон, ҳамсарҳадӣ, соҳаи тахассусӣ; алоқаи онҳо бо Тоҷикистон; мавқеи иқтисодиву географии ҳар як мамлакати минтақа; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сарватҳои табиӣ, сохти хоҷагӣ, саноат, кишоварзӣ; нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географии ҳар як мамлакат; проблемаҳои сиёсиву иқтисодии мамлакатҳои минтақа; алоқаҳои байниҳамдигарӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;

- оид ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода тавонад;

- тафовутҳои географии минтақаро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 6. Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (1 соат)**

Мавқеи ҷойгиршавии минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи он аз дигар зерминтақаҳои қитъаи Осиё; нақши ҷойгиршавии географии минтақа дар пешрафти иқтисодиёти мамлакатҳои он; чорроҳаи баҳрӣ ва аҳаммияти он; шароит ва сарватҳои табиӣ, сохти релйеф ва иқлими минтақа; канданиҳои фоиданок, захираи об, ҷангал ва замин, иқтидори бойигарии сарватҳои табиӣ; шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таркиби миллии аҳолӣ, маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, хос будани дараҷаи баланди афзоиши табиии аҳолӣ; сохти хоҷагӣ ва иқтисодиёти кишварҳои минтақа: дирӯз ва имрӯзи онҳо; шаҳрҳои бандарӣ ва иқтисодиёти минтақа, саноат ва соҳаҳои он; соҳаҳои тахассусӣ, кишоварзӣ; соҳаҳо ва ноҳияҳои махсусгардидаи кишоварзӣ; мамлакатҳои содиркунандаи каучук дар ҷаҳон; ҳамгироии саноатӣ дар минтақа ва ташкил шудани созмони АСЕАН; “палангҳои Осиё” ва сабаби чунин ном гирифтани ин кишварҳо.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: ба ин минтақа кадом давлатҳо дохил мешаванд; гурӯҳбандии давлатҳо; сохти сиёсии давлатҳо; шаклҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодии онҳо; хусусиятҳои фарққунандаи минтақа аз дигар минтақаҳо; аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он; шароит ва сарватҳои табиӣ; омилҳои табииву иқтисодии рушди давлатҳои минтақа; соҳаҳои тахассуси хоҷагӣ; соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд; давлатҳо, сарҳадҳои онҳо, пойтахт, аҳолӣ, сохти идории давлатҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- мавқеи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро донад ва аз харитаи сиёсии ҷаҳон онҳоро ҷудо карда тавонад;
- давлатҳои минтақаро дар асоси нишондодҳои оморӣ бо якдигар муқоиса карда тавонад.

**Мавзӯи 7. Осиёи Ҷанубӣ (1 соат)**

Осиёи Ҷанубӣ – минтақаи қуллаҳои барфпӯш; мамлакатҳои минтақаи Осиёи Ҷанубӣ, гурӯҳбандии давлатҳо, сарҳадҳои онҳо, пойтахт, аҳолӣ, сохти идории давлатҳо, мамлакатҳое, ки пас аз барҳам хӯрдани сохти мустамликадорӣ дар минтақа ташкил шуданд; шароит ва сарватҳои табиӣ, аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он, минтақаи сермиллаттарин ва афзоиши табиии баланди аҳолӣ, маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот; хусусиятҳои фарққунандаи минтақа аз дигар минтақаҳо, шаклҳои хоҷагидорӣ ва

иқтисодии мамлакатҳои он, омилҳои табииву иқтисодии рушди давлатҳои минтақа, соҳаҳои тахассуси хоҷагӣ, соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд; давлатҳои пешрафта ва қафомонда дар минтақа, омилҳои асосии ин тафовутҳои иқтисодӣ байни мамлакатҳои минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мамлакатҳои минтақа ва гурӯҳбандии онҳо; сохти сиёсии давлатҳо; шаклҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодии онҳо; хусусиятҳои фарқкунандаи минтақа аз дигар минтақаҳо; аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он; шароит ва сарватҳои табиӣ; омилҳои табииву иқтисодии рушди давлатҳои минтақа; соҳаҳои тахассусии хоҷагӣ; соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд; давлатҳои минтақа, сарҳадҳои онҳо, пойтахт, аҳолӣ; сохти идоракунии давлатҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- тафовутҳои географии кишварҳои минтақаро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 8. Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ (1 соат)**

Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ ё Шарқи наздик ва Шарқи миёна. Масоҳат, роҳи баҳрии байналмилалӣ ва нақши он дар робитаҳои иқтисодии минтақа; ба минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ кадом давлатҳо мансубанд, шароит ва сарватҳои табиӣ, нақши тамаддунҳо дар пешрафти минтақа (исломӣ, яхудӣ ва насронӣ); сабабҳои ноороміҳои сиёсӣ дар минтақа; аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он, афзоиши табиии аҳолӣ, маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот; хусусиятҳои фарқкунандаи минтақа аз дигар минтақаҳо, шаклҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодии мамлакатҳои он, омилҳои табииву иқтисодии рушди давлатҳои минтақа, соҳаҳои тахассусии хоҷагӣ, соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд; давлатҳои пешрафта ва қафомонда дар минтақа, омилҳои асосии ин тафовутҳои иқтисодии байни мамлакатҳои минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: ба ин минтақа кадом давлатҳо дохил мешаванд; гурӯҳбандии давлатҳо; сохти сиёсии давлатҳо; шаклҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодии онҳо; хусусиятҳои фарқкунандаи минтақа; аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он; шароит ва сарватҳои табиӣ;

омилҳои табииву иқтисодии рушди давлатҳои минтақа; соҳаҳои тахассусии хоҷагӣ; соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд; давлатҳои минтақа, сарҳад, пойтахт, аҳолӣ; сохти идоракунии онҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- тафовутҳои географии кишварҳои минтақаро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 9. Сарзамине, ки беш аз 30 сол дар оғӯши даргириҳост (Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) (1 соат)**

Мамлакатҳои ҳамсарҳад, мавқеи иқтисодиву географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, ҳолати истифодабарии онҳо; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таркиби миллӣ, динӣ, маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот, бартарияти аҳолии деҳот нисбати шаҳр, муҳоҷирати аҳолӣ; сохти хоҷагӣ, саноат ва таркиби соҳавии он; кишоварзӣ, ноҳияҳои тахассусӣ, бартарияти кишоварзӣ нисбат ба саноат, сабаб ва омилҳои он; нақлиёт, тафовутҳои иқтисодиву географӣ; вазъ ва сохти сиёсӣ, мавқеи он дар минтақа, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ, умумиятҳо ва робитаҳо бо Тоҷикистон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи ҷойгиршавӣ, масоҳат, аҳолӣ, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, нишон, парчам, ҳамсарҳадӣ, вазъи сиёсиву иқтисодӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ, ҳолати истифодабарии онҳо; соҳаҳои хоҷагии халқ; сабабҳои қафомонии иқтисодиёти кишвар; нақлиёт ва робитаҳои иқтисодӣ, тафовутҳои дохилӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- ба сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода, таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 10. Сарзамини шеъру шоирон (Эрон) (1 соат)**

Эрон – давлат дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ; мавқеи ҷойгиршавӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ; масоҳат, аҳолӣ, пойтахт,

забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, нишон, парчам, ҳамсарҳадӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; шароитҳои агроиқлимӣ; канданиҳои фоиданок ва нақши онҳо дар пешрафти хоҷагии мамлакат, захираи об, замин ва ҷангал; таъсири ҷойгиршавии географӣ ба иқтисодиёти кишвар; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таркиби миллии аҳолӣ, хусусиятҳои маскуншавии аҳолӣ ва нақши онҳо дар пешрафти хоҷагӣ; сохти хоҷагии халқ, таркиби соҳавии он; саноат ва географияи ҷойгиршавии соҳаҳои он, ноҳияҳои саноатӣ ва тахассуси онҳо; кишоварзӣ ва нақши он дар иқтисодиёти кишвар; ноҳияҳои кишоварзӣ ва тафовутҳои онҳо, ноҳияҳои иқтисодӣ; нақлиёт ва робитаҳои иқтисодии берунӣ; робита, ҳамзабонӣ ва умумиятҳои тоҷикону эрониҳо; алоқаҳои иқтисодии Эрон бо Тоҷикистон; нақши Эрон дар пешрафти хоҷагии ҷаҳон ва минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, сохти хоҷагӣ, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; захираҳои газу нафт ва дигар канданиҳои фоиданок; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ; умумияти тоҷикону эрониҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- ба сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода, таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 11. Ҷумҳурии Покистон (1 соат)**

Покистон – яке аз кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ; мавқеи ҷойгиршавӣ ва рушди иқтисодиву иҷтимоӣ; масоҳат, аҳолӣ, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, нишон, парчам, ҳамсарҳадӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; шароитҳои агроиқлимӣ; канданиҳои фоиданок ва нақши онҳо дар пешрафти хоҷагии мамлакат; захираи об, замин ва ҷангал; таъсири ҷойгиршавии географӣ ба иқтисодиёти кишвар; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таркиби миллии аҳолӣ, хусусиятҳои маскуншавии аҳолӣ ва нақши онҳо дар пешрафти хоҷагӣ; сохти хоҷагии халқ, таркиби соҳавии он; саноат ва географияи ҷойгиршавии соҳаҳои он; ноҳияҳои саноатӣ ва тахассуси онҳо; кишоварзӣ ва нақши он дар иқтисодиёти кишвар, ноҳияҳои кишоварзӣ ва тафовутҳои онҳо; ноҳияҳои иқтисодӣ; нақлиёт ва робитаҳои иқтисодии берунӣ; муқоиса кардани Покистон бо Ҳиндустон ва Эрон, нақши давлати Покистон дар хоҷагии ҷаҳон ва минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сохти хоҷагӣ, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, тафовутҳои иқтисодиву географӣ, захираҳои газу нафт ва дигар канданиҳои фоиданок; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- ба сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад;
- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

## ФАСЛИ III. МАМЛАКАТҲОИ ҚИТЪАИ АВРУПО (9 соат)

### Мавзӯи 1. Аврупои Ғарбӣ (1 соат)

Минтақаи Аврупои Ғарбӣ чиро дар худ таҷассум менамояд, қадимтарин маркази хоҷагии ҷаҳонӣ, давлатҳои минтақаи Аврупои Ғарбӣ, харитаи сиёсии минтақа, омилҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа ва кишварҳои он; шароит ва сарватҳои табиӣ, мусоидати шароитҳои табиӣ дар рушди мамлакатҳои минтақа, канданиҳои фоиданок - сабабҳои норасогии онҳо; захираҳои обӣ ва гидроэнергетикӣ, сарватҳои рекреатсионӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, таркиби миллӣ ва оилаи забонҳо, сабабҳои паст будани таваллуд ва фавт дар минтақа, проблемаҳои піршавии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот, урбанизатсия ва агломератсияҳо, проблемаҳои демографии минтақа; сохти хоҷагӣ; Аврупои Ғарбӣ – яке аз пуриқтидортарин марказҳои иқтисодии ҷаҳон, раванди интегратсия (ҳамгирой) чӣ гуна ба хоҷагии он таъсир мерасонад, мушкилоти асри XX – қафомонии минтақа аз Ҷопон, ИМА ва Хитой; саноат ва соҳаҳои он, ноҳияҳои саноатӣ ва ширкатҳои байналмилалӣ, комплекси саноативу бандарӣ, соҳаҳои тахасусии мамлакатҳои алоҳида, кишоварзӣ бо технологияи пешрафта, ноҳияҳои кишоварзӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо, моҳидорӣ; Аврупои Ғарбӣ-минтақаи дорои нақлиёти рушдёфта, соҳаҳои нақлиёт, гардиши бор ва мусофиркашонӣ, мамлакатҳои маркази туристӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: ба ин минтақа кадом давлатҳо дохил мешаванд; гурӯҳбандии давлатҳо; сохти сиёсии давлатҳо; шаклҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодии онҳо; хусусиятҳои фарқкунандаи минтақа аз дигар минтақаҳо; аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он; шароит ва сарватҳои табиӣ; омилҳои табииву иқтисодии рушди давлатҳои минтақа; соҳаҳои тахассусии хоҷагӣ; соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки шуҳрати ҷаҳонӣ доранд, давлатҳо, сарҳадҳои онҳо, пойтахт, аҳолӣ, сохти идоракунии давлатҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- хоҷагии халқи мамлакати худро бо дигар мамлакатҳо муқоиса карда тавонад.

**Мавзӯи 2. Муҳаррики асосии иқтисодиёти Аврупо (Германия) - 1 соат.**

Олмон (Германия) – кишвари федеративӣ; мавқеи маркази географӣ ва нақши он дар пешрафти кишвар ва минтақа; муттаҳидшавии он пас аз барҳам хӯрдани системаи сотсиалистӣ; сарзаминҳои федералӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ, сарватҳои минералӣ, замин, об, ҷангал ва шароитҳои агроиқлимӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, шумора ва таркиби аҳолӣ, сатҳи ниҳоят пасти таваллуд ва дарозумрӣ, омилҳои пиршавии аҳолӣ, иммигратсия ва мавқеи Олмон дар минтақа, урбанизатсия ва агломератсияҳои шаҳрӣ, проблемаҳои демографӣ; сохти хоҷагӣ, Олмон – мамлакати постиндустриалӣ (баъдисаноатӣ), саноат ва географияи ҷойгиршавии иншооти саноатӣ, ноҳияҳои саноатӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо, калонтарин ширкатҳои саноатӣ, аз ҷумла фаромиллӣ (транснатсионалӣ); кишоварзӣ ва соҳаҳои он, ноҳияҳои кишоварзӣ ва маҳсулоти онҳо, дастовардҳо дар соҳаҳои кишоварзӣ; туризм – яке аз соҳаҳои муҳими иқтисодиёти кишвар, минтақаҳои туристӣ; нақлиёт ва робитаҳои иқтисодии берунӣ, намудҳои маҳсулоти воридотӣ ба Тоҷикистон аз Олмон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ; масоҳат, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, ҳамсарҳадӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, сохти хоҷагӣ, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; ширкатҳои аҳаммияти ҷаҳонидошта; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; сарзаминҳои ин кишвар, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо;

молҳои рақобатпазири бозор; намуди маҳсулоте, ки аз ин кишвар ба Тоҷикистон ворид мешавад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- нишондиҳандаҳои рақамиву омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ намуда, арзёбӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 3. Ватани аввалин инқилоби саноатӣ ва футбол (Британияи Кабир) (1 соат)**

Британияи Кабир: аз истеҳсолоти анъанавӣ то ҳозиразамон; мавқеи географии ҷазиравӣ ва нақши он дар пешрафти мамлакат; мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок ва проблемаҳои норасоии онҳо дар кишвар; рушди саноат дар заминаи ашёи хоми кашонидашуда; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, шумора ва таркиби аҳолӣ, вазъи демографӣ; муҳоҷирон ва мамлакатҳои муҳоҷирин, зичии аҳолӣ ва дараҷаи баланди урбанизатсия; агломератсияҳои калонтарин; аҳолии шаҳр ва деҳот; сохти хоҷагӣ, саноат ва соҳаҳои он; марказҳои саноатӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо; ширкатҳои саноатие, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ рақиб надоранд; кишоварзӣ ва соҳаҳои он, нақши он дар таъминоти озуқаворunion мамлакат; нақлиёт ва соҳаҳои он; нақши нақлиёти баҳрӣ дар иқтисодиёти кишвар; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ, мавқеи он дар минтақа ва ҷаҳон аз назари сиёсӣ ва иқтисодӣ; нақши Британияи Кабир дар иқтисодиёти ҷаҳон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ, масоҳат, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, ҳамсарҳадӣ; ҷойгиршавӣ; сохти хоҷагӣ, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ; мавқеи он дар минтақа ва ҷаҳон аз назари сиёсӣ ва иқтисодӣ; бо кишвари мо чӣ гуна муносибатҳои иқтисодӣ дорад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 4. Кишваре, ки манораи Эйфел дар он ҷост (Фаронса) (1 соат)**

Мавқеи Фаронса дар иқтисод ва сиёсати ҷаҳони имрӯза, масоҳат, аҳолӣ, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, ҳамсарҳадӣ, мавқеи иқтисодиву географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таркиби миллии аҳолӣ, бозтавлиди маҳдуд – хоси Фаронса; муҳоҷират ва проблемаҳои муҳоҷирон; сохти хоҷагӣ, саноат ва соҳаҳои он; таркиби соҳавӣ ва тахассусии саноат; ноҳияҳои саноатӣ; кишоварзӣ, комплекси кишоварзиву саноатӣ, соҳаҳои кишоварзӣ ва ноҳияҳои он; нақлиёт ва соҳаҳои он; тафовутҳои иқтисодиву географӣ, мавқеи он дар тақсимоти географии меҳнат; алоқаҳои иқтисодиву фарҳангии он бо Тоҷикистон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ, масоҳат, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, ҳамсарҳадӣ; ҷойгиршавӣ, сохти хоҷагӣ, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ; мавқеи он дар минтақа ва ҷаҳон аз назари сиёсӣ ва иқтисодӣ; бо мамлакати мо чӣ гуна муносибат дорад.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

**№2.** Таҳия намудани тавсифи комплексӣ-географии мамлакатҳои Аврупо (вобаста ба интихоби хонандагон).

Оид ба ду мамлакати “Ҳафтгонаи бузург” тавсифи муқоисавии иқтисодӣ-географӣ диҳед.

**Мавзӯи 5. Мамлакатҳои Аврупои Шимолӣ, Марказӣ ва Ҷанубӣ (1 соат)**

Мамлакатҳои хурд ва хурдтарини Аврупо; мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок ва географияи ҷойгиршавии онҳо; норасоии намудҳои гуногуни ашёи хоми минералӣ дар мамлакатҳои минтақа; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, таркиби миллӣ, тавсифи умумии хоҷагӣ; гузариш ба иқтисоди бозорӣ; саноат ва таркиби соҳавии он;

ноҳияҳои саноатӣ; соҳаҳои саноати давлатҳои алоҳида; кишоварзӣ ва соҳаҳои он; тафовутҳои мамлакатҳои минтақа ва соҳаҳои тахассусии онҳо; нақлиёт; ҳифзи табиат ва проблемаҳои экологӣ дар минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: ба ин минтақа кадом давлатҳо дохил мешаванд; гурӯҳбандии давлатҳо; сохти сиёсии давлатҳо; шаклҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодии онҳо; хусусиятҳои фарқкунандаи минтақа аз дигар минтақаҳо; аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он; шароит ва сарватҳои табиӣ; омилҳои табиию иқтисодии рушди давлатҳои минтақа; соҳаҳои тахассусии хоҷагӣ; соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ки аҳаммияти ҷаҳонӣ доранд; давлатҳо, сарҳадҳои онҳо, пойтахт, аҳолӣ; сохти идоракунии давлатҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- оид ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода тавонад;
- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 6. Мамлакатҳои Аврупои Шарқӣ (1 соат)**

Минтақаи Аврупои Шарқӣ ва мамлакатҳои шомили он; мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ; канданиҳои фоиданок ва географияи ҷойгиршавии онҳо; норасоии намудҳои гуногуни ашёи хоми минералӣ дар мамлакатҳои минтақа; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ; таркиби миллӣ; тавсифи умумии хоҷагӣ; гузариш ба иқтисоди бозорӣ; саноат ва таркиби соҳавии он; ноҳияҳои саноатӣ; соҳаҳои саноати давлатҳои алоҳида; кишоварзӣ ва соҳаҳои он; тафовутҳои мамлакатҳои минтақа ва соҳаҳои тахассусии онҳо; нақлиёт; ҳифзи табиат ва проблемаҳои экологӣ дар минтақа.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: ба ин минтақа кадом давлатҳо дохил мешаванд; гурӯҳбандии давлатҳо; сохти сиёсии давлатҳо; шаклҳои хоҷагидорӣ ва иқтисодии онҳо; хусусиятҳои фарқкунандаи минтақа аз дигар минтақаҳо; аҳолӣ ва таркиби милливу этникии он; шароит ва сарватҳои табиӣ; омилҳои табиию иқтисодии рушди давлатҳои минтақа; соҳаҳои тахассусии хоҷагӣ; соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ,

ки аҳаммияти ҷаҳонӣ доранд; давлатҳо, сарҳадҳои онҳо, пойтахт, аҳолӣ; сохти идоракунии давлатҳо.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- оид ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода тавонад;
- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

## ДАВЛАТҲОИ СОБИҚ ШУРАВӢ (ИДМ)

**Мавзӯи 7. Федератсияи Русия (1 соат)**

Федератсияи Русия – давлати бузургтарин аз ҷиҳати масоҳат; шумораи аҳолӣ ва сарватҳои табииву иқтисодӣ дар байни собиқ мамлакатҳои Иттиҳоди Шуравӣ; мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ; нақши шароитҳои табиӣ дар маскуншавии аҳолӣ ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунанда; канданиҳои фоиданок ва истифодаи онҳо; захираҳои замин, об, ҷангал ва биологӣ, сарватҳои агроиқлимӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; таркиби миллӣ ва зичии аҳолӣ; шумора ва афзоиши аҳолӣ; тафовутҳои миллии аҳолӣ ва таърихи маскуншавии он; аҳолии шаҳр ва деҳот; шаҳрҳои калонтарин; сохти хоҷагӣ ва таркиби соҳавии он; саноат ва ноҳияҳои саноатӣ; соҳаҳои тахассусии саноат; кишоварзӣ, соҳаҳои он; нақши Русия дар таркиби хоҷагии минтақа ва ҷаҳон; ноҳияҳои иқтисодӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо; нақлиёт ва таркиби он; робитаҳои иқтисодии беруна; алоқаҳои Русия бо Тоҷикистон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

*Хонанда бояд инҳоро донад*: мавқеи иқтисодиву географӣ; пойтахт; забони давлатӣ; воҳиди пулӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сарватҳои табиӣ; сохти хоҷагӣ; саноат; кишоварзӣ; нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; ноҳияҳои иқтисодӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ, аз ҷумла бо Тоҷикистон ва мамлакатҳои ИДМ.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- хоҷагии халқи мамлакати худро бо дигар мамлакатҳо муқоиса карда тавонад.

**Мавзӯи 8. Украина (1 соат)**

Украина – яке аз кишварҳои саноативу аграрӣ дар ҳайати ИДМ; вазъи иқтисодиву сиёсии он дар шароити кунунӣ; мавқеи географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; канданиҳои фоиданок ва истифодаи онҳо; захираи замин, об, ҷангал ва биологӣ; сарватҳои агроиқлимӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; таркиби миллӣ ва зичии аҳолӣ; шумора ва афзоиши аҳолӣ; тафовутҳои миллии аҳолӣ ва таърихи маскуншавии он; аҳолии шаҳр ва деҳот; шаҳрҳои калонтарин; сохти хоҷагӣ ва таркиби соҳавии он; саноат ва ноҳияҳои саноатӣ; соҳаҳои тахассусии саноат; кишоварзӣ ва соҳаҳои он; нақши Украина дар таркиби хоҷагии минтақа ва ҷаҳон; ноҳияҳои иқтисодӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо; нақлиёт ва таркиби он; робитаҳои иқтисодии беруна; алоқаҳои иқтисодии Украина ва Тоҷикистон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ; пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сарватҳои табиӣ; сохти хоҷагӣ; саноат; кишоварзӣ; нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; ноҳияҳои иқтисодӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷии он бо Тоҷикистон ва мамлакатҳои ИДМ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- хоҷагии халқи мамлакати худро бо дигар мамлакатҳо муқоиса карда тавонад.

**Мавзӯи 9. Белорус (1 соат)**

Белорус – яке аз кишварҳои ғарбии ИДМ; мавқеи географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ; канданиҳои фоиданок ва истифодаи онҳо; захираи замин, об, ҷангал ва биологӣ; сарватҳои агроиқлимӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; таркиби миллӣ ва зичии аҳолӣ; шумора ва афзоиши аҳолӣ; тафовутҳои миллии аҳолӣ ва таърихи маскуншавии он; аҳолии шаҳр ва деҳот; шаҳрҳои калонтарин; сохти хоҷагӣ ва таркиби соҳавии он; саноат ва ноҳияҳои саноатӣ; соҳаҳои тахассусии саноат; кишоварзӣ ва соҳаҳои он; нақши ин давлатҳо дар таркиби хоҷагии ИДМ ва ҷаҳон; ноҳияҳои иқтисодӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо; нақлиёт ва таркиби он; робитаҳои иқтисодии беруна; алоқаҳои иқтисодии Белорус бо Тоҷикистон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ; пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сарватҳои табиӣ; сохти хоҷагӣ; саноат: кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; ноҳияҳои иқтисодӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷии он бо Тоҷикистон ва мамлакатҳои ИДМ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- хоҷагии халқи мамлакати худро бо дигар мамлакатҳо муқоиса карда тавонад.

## ФАСЛИ IV. ГЕОГРАФИЯИ ДАВЛАТҲОИ АФРИҚО (3 соат)

### Мавзӯи 1. Тавсифи умумии мамлакатҳои Африқо (2 соат)

Африқо дар ҷаҳони имрӯза; мавқеи географӣ; зерминтақаҳо ва тақсимоти минтақавии қитъаи Африқо (Африқои Шимолӣ, Тропикӣ, Ғарбӣ, Марказӣ, Шарқӣ, Ҷанубӣ); шароит ва сарватҳои табиӣ; гуногунии шароитҳои табиӣ ва баҳодиҳӣ ба ҳолати онҳо; сарватҳои минералӣ: обӣ, замин, ҷангал, агроиқлимӣ, рекреатсионӣ; аҳолӣ ва таркиби этникии он, таваллуд ва фавт, афзоиши табиии аҳолӣ, таркиши демографӣ, вазъи демографӣ, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ, бартарияти аҳолии деҳот нисбати шаҳр; калонтарин агломератсияи қитъаи Африқо; сохти хоҷагӣ ва тафовутҳо байни зерминтақаҳо; саноат ва соҳаҳои он, саноати кӯҳӣ ва пешрафти он нисбат ба дигар соҳаҳои саноат; кишоварзӣ ва бартарии он дар таркиби хоҷагии минтақа; шаҳр; бандар ё марказҳои саноатӣ дар бандарҳо; тафовутҳои дохилӣ ва тавсифи иқтисодӣ-географии ҳар як зерминтақа (Африқои Шимолӣ, Африқои Тропикӣ, Африқои Ғарбӣ, Африқои Марказӣ, Африқои Шарқӣ, Африқои Ҷанубӣ); сабабҳои пешрафт ва қафомонии мамлакат ва минтақаҳои материк; нақлиёт ва робитаҳои беруна; муқоиса кардани мамлакат ва минтақаҳои Африқо бо Осиё.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: қитъаи Африқо, масоҳат, аҳолӣ, давлатҳои он, хусусиятҳои пешрафт ва ё қафомонии давлатҳо, шароит ва сарватҳои табиӣ, соҳаҳои хоҷагӣ; тафовутҳои давлатҳо; нақлиёт ва нақши он дар пешрафти иқтисодиёти минтақа; соҳаҳои пешрафтаи хоҷагӣ; давлатҳои рушдёфта дар минтақа (бахусус Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ ва кишварҳои Африқои Шимолӣ,

Миср); тафовутҳои дохилию иқтисодӣ-географии Африқои Шимолӣ; Африқои Тропикӣ, Африқои Ғарбӣ, Африқои Марказӣ, Африқои Шарқӣ, Африқои Ҷанубӣ, харитаи сиёсии Африқо.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад*:

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода, таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад;
- нишондиҳандаҳои рақамию омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 2. Кишвари фиръавну аҳромҳо (Мисри Араб) – 1 соат**

Кишвар дар шимолу шарқии қитъаи Осиё; масоҳат, аҳолӣ, пойтахт, забони давлатӣ, воҳиди пулӣ; шароитҳои мусоид барои баромадан ба баҳр ва мамлакатҳои ҳамсарҳад ва ҷаҳон; таърихи ташаккулёбии мамлакат; мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; сохти релйеф ва шароитҳои иқлимӣ; сарватҳои маъданӣ, замин, об ва биологӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, таркиби аҳолӣ, афзоиши табиии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот; шаҳрҳои калонтарин; саноат; соҳаҳои саноат ва ноҳияҳои саноатӣ; кишоварзӣ ва соҳаҳои он; нақши НБО-и Ассувон дар пешрафти соҳаҳои саноату кишоварзӣ; соҳаҳои тахассусии кишоварзӣ; ҷалби сармояи хориҷӣ дар иқтисодиёти кишвар; нақлиёт ва соҳаҳои он; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; мавқеи он дар тамаддуни ҷаҳонӣ; робитаҳои иқтисодии берунӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

*Хонанда бояд инҳоро донад*: мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сохти хоҷагӣ; саноат, кишоварзӣ; нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; мавқеи он дар тамаддуни ҷаҳонӣ; муқоиса намудани давлати Миср бо дигар давлатҳои Африқо; давлатҳои халиҷи Форс ва Осиё; муайян кардани хусусиятҳои монандӣ ва фарқкунандаи онҳо; робитаҳои иқтисодии берунӣ.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад*:

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода, таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад;

- нишондиҳандаҳои рақамиву омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

**№3.** Дар харитаи тарҳӣ ноҳияҳои асосии саноатии Африқоро инъикос намоед. Оид ба омилҳои ҷойгиршавии онҳо маълумот диҳед.

## ФАСЛИ V. ГЕОГРАФИЯИ ДАВЛАТҲОИ АМРИКО – (4 соат)

### Мавзӯи 1. Давлати абарқудрат дар ҷаҳон (ИМА) (1 соат)

Мавқеи иқтисодиву географӣ; ҳудуд; ИМА – пуриқтидортарин кишвар дар ҷаҳон; ташаккулёбии ҳудуди ИМА; шароит ва сарватҳои табиӣ; сарватҳои зеризаминӣ, захираҳои об ва гидроэнергетикӣ; сарватҳои агроиқлимӣ; захираи замин ва хокҳои ҳосилхез; захираи ҷангал; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; иммигратсия ва нақши он дар пайдоиши миллати америкоӣ; маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ; афзоиши аҳолӣ; таркиби миллии аҳолӣ (креоли, метисҳо, мулатҳо ва самбо); ассимилятсияи миллатҳои гуногун; аҳолии шаҳр ва деҳот; урбанизатсия ва агломератсияи шаҳрҳо; сохти хоҷагӣ; иқтисодиёти ИМА; "намоишгоҳ"-и рушди иқтисодиёти бозорӣ; саноат ва соҳаҳои он; ноҳияҳои саноатӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо; ширкатҳои саноатие, ки мавқеи ҷаҳонӣ доранд; кишоварзӣ ва ноҳияҳои тахассусии он; нақлиёт ва соҳаҳои он; бандарҳо ва нақши онҳо дар рушди иқтисодии мамлакат; робитаҳои иқтисодии берунӣ; тафовутҳои дохилӣ ва ноҳияҳои иқтисодӣ; соҳаҳои тахассусии ин ноҳияҳо.

### Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ, шароит ва сарватҳои табиӣ, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ, сохти хоҷагӣ; саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ; ширкатҳои бузурги аҳаммияти ҷаҳонидошта ("Ҷенерал моторс", "Форд моторс", "Боинг", "Макдонелл-Дуглас", "Локхид эйркрафт", "Ҷенерал-электрик", "IBM", "Вестингауз электрик" ва ғ.); муқоисаи давлати ИМА бо давлатҳои рушдёфтаи Аврупо; муайян кардани хусусиятҳои монандӣ ва фарқкунандаи онҳо; робитаҳои иқтисодии берунӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;

- ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода, таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад;

- нишондиҳандаҳои рақамиву омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 2. Сарзамини аҷдодии эскимосҳо (Канада) (1 соат)**

Мавқеи иқтисодиву географӣ; масоҳат, шароит ва сарватҳои табиӣ, сарватҳои зеризаминӣ; захираҳои об ва гидроэнергетикӣ; сарватҳои агроиқлимӣ; захираи замин ва хокҳои ҳосилхез; захираи ҷангал; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ; афзоиши аҳолӣ; таркиби миллии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот; урбанизатсия ва шаҳрҳои бузург; сохти хоҷагӣ; омилҳое, ки боиси рушди иқтисодиёти Канада гаштаанд; саноат ва соҳаҳои он; ноҳияҳои саноатӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо; саноати кӯҳӣ ва нақши он дар таркиби саноати Канада; муҳаррикҳои саноатии кишвар – Онтарио ва Квебек; кишоварзӣ ва ноҳияҳои тахассусии он; нақлиёт ва соҳаҳои он; робитаҳои иқтисодии берунӣ; тафовутҳои дохилӣ ва ноҳияҳои иқтисодӣ; соҳаҳои тахассусии ноҳияҳо.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сохти хоҷагӣ; саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ; саноати кӯҳӣ ва нақши он дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат; муқоисаи Канада бо ИМА ва давлатҳои рушдёфтаи Аврупо; муайян кардани хусусиятҳои монандӣ ва фарққунандаи онҳо; робитаҳои иқтисодии берунӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;

- оид ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода тавонад;

- тафовутҳои географии мамлакатро таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад.

**Мавзӯи 3. Амрикои Лотинӣ (1 соат)**

Амрикои Лотинӣ ва хусусиятҳои хосси он – ҷойгиршавӣ дар байни ду уқёнус, баромад ба Уқёнуси ҷаҳонӣ, сарҳад ва давлатҳои мансуби ин минтақа; шароитҳои табиӣ - аз биёбонҳои субтропикии Нимкураи шимолӣ то минтақаи муътадили Нимкураи ҷанубӣ; минтақанокии амудӣ; тӯлкашии кӯҳҳои Анд; пастиҳои бузург,

суфакӯҳҳо; сарватҳои табиӣ – захираҳои об, ҷангал, замин ва биологӣ; канданиҳои фоиданок; аҳолӣ, маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ; шумора ва таркиби миллӣ; афзоиши табиии аҳолӣ; ноҳияҳои консентратсияи аҳолӣ; аҳолии шаҳр ва деҳот; урбанизатсия ва шаҳрҳои миллионер; иқтисодиёт ва сохти хоҷагидорӣ; таъсири ИМА ба пешрафти иқтисодиёти минтақа; саноат ва соҳаҳои он, саноати маъдани кӯҳӣ, саноати коркард – "Сегонаи бузург" (Бразилия, Мексика, Аргентина); Амрикои Лотинӣ – бузургтарин содиркунандаи ашёи хом дар бозори ҷаҳонӣ; кишоварзӣ ва соҳаҳои он; ноҳияҳои кишоварзӣ ва соҳаҳои тахассусии онҳо; нақлиёт; минтақаҳои дохилии Амрикои Лотинӣ (минтақаи Кариб; мамлакатҳои Анд ва минтақаи Атлантик), соҳаҳои тахассусии онҳо.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: Амрикои Лотинӣ - масоҳат, аҳолӣ; давлатҳои он; хусусиятҳои пешрафт ва ё қафомонии давлатҳо; шароит ва сарватҳои табиӣ; соҳаҳои хоҷагӣ; тафовутҳои давлатҳо; нақлиёт ва нақши он дар пешрафти иқтисодиёти минтақа; соҳаҳои пешрафтаи хоҷагӣ; давлатҳои рушдёфта дар минтақа (бахусус Бразилия, Мексика, Аргентина); тафовутҳои дохиливу иқтисодӣ-географии Амрикои Лотинӣ (минтақаи Кариб, мамлакатҳои Анд ва минтақаи Атлантик) соҳаҳои хоҷагии онҳо, аломатҳои монандӣ ва фарқкунанда.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода, таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад;
- нишондиҳандаҳои рақамиву омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

**№4.** Оид ба таъсири омилҳои табиӣ дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи микрорегионҳои ИМА маълумот диҳед, хусусияти ҳаррӯза ва зиндагии аҳолии онро шаҳр диҳед.

**Мавзӯи 4. Мамлакати футболи муосир ва содироти қаҳва (Бразилия) (1 соат)**

**Бразилия** – мамлакати пуриқтидори Амрикои Лотинӣ; мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; сарватҳои зеризаминӣ; захираҳои об ва гидроэнергетикӣ; сарватҳои

агроиқлимӣ; захираи замин ва хокҳои ҳосилхез; захираи ҷангал; маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, афзоиши аҳолӣ, таркиби миллии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот, аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сохти хоҷагӣ; модернизатсиякунии хоҷагӣ ва нақши он дар рушди иқтисодии мамлакат; саноат, соҳаҳои саноат ва ноҳияҳои саноатӣ; ширкатҳои бузурги саноатӣ; кишоварзӣ ва соҳаҳои он; ноҳияҳои кишоварзӣ; кишоварзӣ ва истеҳсоли сузишвории алтернативӣ – этанол, маҳсулоти содиротии Бразилия; нақлиёт ва робитаҳои иқтисодии берунӣ; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; алоқаҳои иқтисодиву хориҷӣ; ноҳияҳои иқтисодӣ; мавқеи Бразилия дар таркиби хоҷагии ҷаҳонӣ ва минтақаи Амрикои Лотинӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сохти хоҷагӣ; саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ; саноат ва соҳаҳои он; нақши он дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат; муқоисаи таркиби соҳавии хоҷагии халқи Бразилия бо дигар давлатҳои Амрикои Лотинӣ ва Амрикои Шимолӣ; хулосагирӣ кардан; дар харита нишон дода тавонистани конҳои канданиҳои фоиданок; дигар сарватҳои табиӣ; марказҳои саноатӣ; таҳлили оморӣ; муайян кардани хусусиятҳои монанд ва фарққунандаи онҳо; робитаҳои иқтисодии берунӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- оид ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода тавонад;
- нисбати зарурияти азхудкунии ин донишҳо барои ҳаёти шахсӣ ва ҷамъиятӣ натиҷагирӣ карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

**№5.** Аз атлас, китоби дарсӣ ва дигар маводҳои таълимӣ истифода намуда, хусусиятҳои иқтисодӣ-географии мамлакатҳои Амрикои Лотиниро фаҳмонед.

## ФАСЛИ V. АВСТРАЛИЯ ВА УҚЁНУСИЯ (2 соат)

**Мавзӯи 1. Кишвари бо ном давлату қитъа (Иттифоқи Австралия ва Уқёнусия) (2 соат)**

Австралия – мамлакат дар як материки том ва Уқёнусия; ҷаҳони ҷазираҳо (Меланезия, Полинезия, Микронезия); мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; хусусиятҳои табиии хосси минтақа; кишвари дорои захираҳои бойи минералӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; маскуншавӣ ва зичии аҳолӣ, афзоиши аҳолӣ, таркиби миллии аҳолӣ, аҳолии шаҳр ва деҳот; сохти хоҷагӣ; саноат ва соҳаҳои он; ноҳияҳои саноатӣ; кишоварзии сермаҳсул; таъмини кишоварзӣ бо технологияи навин; маҳсулоти содиротӣ; соҳаҳои махсусгардидаи кишоварзӣ; соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати мамлакатҳои Уқёнусия; нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; моҳидорӣ; рушди туризми байналмилалӣ; робитаҳои иқтисодии берунӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад***: мавқеи иқтисодиву географӣ; шароит ва сарватҳои табиӣ; аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ; сохти хоҷагӣ; саноат, кишоварзӣ, нақлиёт; тафовутҳои иқтисодиву географӣ; мавқеи он дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ; саноат ва соҳаҳои он, нақши он дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат; муқоиса кардани Австралия бо мамлакатҳои Уқёнусия ва давлатҳои ҷазиравӣ; муайян кардани хусусиятҳои монанд ва фарққунандаи онҳо; робитаҳои иқтисодии берунӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз манбаъҳои гуногуни ахбори географӣ истифода бурда, амалҳои мураккабро иҷро карда тавонад;
- ба шароит ва сарватҳои табиӣ баҳои иқтисодӣ-географӣ дода, таҳлил ва натиҷагирӣ карда тавонад;
- нишондиҳандаҳои рақамиву омориро таҳлил, муқоиса ва хулосагирӣ карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

**№6.** Хусусиятҳои иқтисодӣ-географии Австралия ва Уқёнусияро муқоиса намуда, ақидаҳои худро баён намоед. Бартарӣ ва камбудиҳои ҷойгиршавии онҳоро фаҳмонед.

# БАРНОМАИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ (ФАЪОЛИЯТИ ИНСОН) ДАР СИНФИ 11

**(34 соат, ҳафтае 1 соат)**

## МУҚАДДИМА (2 соат)

Ташаккулёбии илми география. Саҳми олимон ва тадқиқотчиён дар ташаккул ва инкишофи илми география. Фанни география (фаъолияти инсон). География ва ҷаҳоншиносӣ. Методҳои тадқиқоти географӣ: методҳои таърихӣ - тадқиқотӣ, харитакашӣ, муқоисавӣ, саҳроӣ, оморӣ ва ғайра. Истифодаи методҳои тадқиқоти географӣ дар омӯзиши фанни география (фаъолияти инсон).

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

*Хонанда бояд инҳоро донад*:

- саҳми олимон дар ташаккулии илми география;
-мақсад ва вазифаҳои омӯзиши фанни география (фаъолияти инсон), қисмҳои он ва алоқамандии он бо дигар илмҳо;
- методҳои тадқиқоти географӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- аҳамияти омӯзиши фанни география (фаъолияти инсон)-ро гуфта тавонад;
- аз методҳои тадқиқоти географӣ самаранок истифода бурда тавонад;
- китоби дарсиро истифода бурда тавонад.

## ФАСЛИ 1. ОБЪЕКТҲОИ ХАРИТАИ СИЁСИИ ҶАҲОН (12 соат)

## БОБИ 1. СОХТИ СИЁСИИ ҶАҲОН (1 соат)

**Мавзӯи 1. Сохти сиёсии ҷаҳони имрӯза. (1 соат)**

Географияи сиёсӣ – илм дар бораи сохти сиёсии ҷаҳон. Таърифи фанни географияи сиёсӣ аз тарафи географҳои хориҷӣ. Геополитика – илм дар бораи географияи сиёсӣ. Унсурҳои географияи сиёсӣ. Ҷаҳони сиёсат: дарки он аз тарафи инсон. Сохти сиёсии ҷаҳон. Мақсади ташкилёбии Созмони Милали Муттаҳид ва ташкилотҳои он.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

*Хонанда бояд инҳоро донад*:

- мавзӯи омӯзиши географияи сиёсӣ;
- таърифи фанни географияи сиёсӣ аз тарафи географҳои хориҷӣ;
- мафҳуми геополитикаро шарҳ дода тавонад;
- унсурҳои географияи сиёсиро номбар кунад ва шарҳ дода тавонад.
- сабаб ва моҳияти ташкилёбии СММ-ро гуфта тавонад.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад*:

- мафҳумҳои "геополитика", "географияи сиёсӣ", "географияи сиёсии умумӣ", "назариявӣ", "соҳавӣ" ва "минтақави"-ро муқоиса карда тавонад;
- мавқеи мамлакатҳои дар мавзӯъ номбаршударо аз харита нишон дода тавонад;
- ба вазъи сиёсии ҷаҳон баҳо дода тавонад.

**Кори амалӣ:**

**№ 1.** Муайян кардани мавқеи мамлакатҳо аз рӯйи харитаи сиёсии ҷаҳон.

## БОБИ 2. СОХТИ ДАВЛАТДОРӢ ВА ШАКЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ОНҲО (2 СОАТ)

Мамлакатҳои соҳибихтиёр. Зиёдшавии шумораи онҳо дар асри XX ва аввали асри XXI. Мамлакатҳои аъзои СММ. Мамлакатҳои мустамлика ва тасарруфшуда. Шаклҳои асосии давлатдорӣ. Ду шакли асосии сохтори давлатдорӣ: монархия ва ҷумҳурӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда:**

*Хонанда бояд инҳоро донад*:

- мамлакатҳои соҳибихтиёр ва шумораи онҳо;
- мамлакатҳои мустамлика ва тасарруфшуда;
- маънидод кардани ду шакли асосии сохтори давлатдорӣ, аз ҷиҳати сохти давлатдорӣ ба гурӯҳҳо ҷудо кардани мамлакатҳои ҷаҳон.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад*:

- аз рӯйи харита мавқеи географии мамлакатҳои соҳибихтиёр ва сохтори давлатдории монархӣ ва ҷумҳуриявиро муқоиса карда тавонад;
- мамлакатҳои ҷаҳонро аз ҷиҳати сохти давлатдорӣ ба гуруҳҳо ҷудо намуда тавонад.

**Кори амалӣ:**

№2. Дар харитаи тарҳӣ (контурӣ) гузаронидани мамлакатҳои соҳибихтиёр ва мустамликавӣ.

## БОБИ 3. ХАРИТАИ СИЁСИИ МИНТАҚАҲОИ ҶАҲОН (6 соат)

Дигаргуниҳои навтарин дар харитаи сиёсии ҷаҳон. Дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатӣ. Тасарруфоти ҳарбӣ, сессияҳо, иҷораҳо, адъюдикатсия, ҳамгироии сиёсӣ ва порашавии давлатҳо, аккреатсия, аз худ кардани заминҳои бесоҳиб ва лағжишҳои сифатӣ. Тағйироти навтарин дар харитаи сиёсии ҷаҳон. Порокандашавии ИҶШС (СССР), Югославия ва Чехословакия.

**Аврупо.** Зерминтақаҳои Ғарбӣ, Марказӣ ва Шарқӣ. Сохтори давлатдорӣ ва шаклҳои идоракунии онҳо. Харитаи сиёсии Аврупо: воқеаҳои асосии асри XX. Тағйирот дар харитаи сиёсии Аврупо дар натиҷаи Ҷанги Якуми Ҷаҳон. Тағйирот дар харитаи сиёсии Аврупо дар натиҷаи Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Тағйирот дар харитаи сиёсии Аврупо баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳон, деколонизатсия.

**Осиё.** Давраҳои ташаккулёбии харитаи сиёсии Осиё. Забти қитъаи Осиё аз тарафи аврупоиён ва давраи мустамликадорӣ. Заволёбии системаи мустамликадорӣ. Зерминтақаҳои Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ. Сохтори давлатдорӣ ва шаклҳои идоракунии онҳо. Харитаи сиёсии Осиё: воқеаҳои асосии асри XX. Тағйирот дар харитаи сиёсии Осиё баъди Ҷанги Якуми Ҷаҳон. Тағйирот дар харитаи сиёсии Осиё бо алоқамандии фаъолияти Япония ҳангоми Ҷанги Дуюми Ҷаҳон. Тағйиротҳо дар харитаи сиёсии Осиё баъди Ҷанги Дуюми ҷаҳон, деколонизатсия.

**Африқо.** Давраҳои ташаккулёбии харитаи сиёсии Африқо. Сохтори давлатдорӣ ва шаклҳои идоракунии онҳо. Харитаи сиёсии Африқо: воқеаҳои асосии асри XX. Тағйиротҳо дар харитаи сиёсии Африқо дар натиҷаи Ҷанги Якуми Ҷаҳон. Тағйиротҳо дар харитаи сиёсии Африқо баъди солҳои 1960 ва охири асри XX .

**Амрико.** Давраҳои ташаккулёбии харитаи сиёсии Амрико. Сохтори давлатдорӣ ва шаклҳои идоракунии онҳо. Харитаи сиёсии Амрико: воқеаҳои асосии асри XX.

**Австралия ва Уқёнусия.** Хусусиятҳои хосси сохтори сиёсӣ ва иқтисодии минтақа. Сохтори давлатдорӣ ва шаклҳои идоракунии онҳо. Харитаи сиёсии Австралия ва Уқёнусия: воқеаҳои асосии асри XX.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- фарқи дигаргуниҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон;
- мафҳумҳои "тасарруфоти ҳарбӣ", "тсессияҳо", "иҷораҳо", "адъюдикатсия", "ҳамгироии сиёсӣ" ва "порашавии давлатҳо", "аккреатсия", азхуд кардани заминҳои бесоҳиб ва лағжишҳои сифатӣ;
- сабабҳои парокандашавии СССР, Югославия ва Чехословакия;
- номбар кардани мамлакатҳои ҷаҳон бо пойтахташон.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- дар харитаи сиёсии ҷаҳон мавқеи мамлакатҳоро муайян карда тавонад;
- аз рӯйи харита мавқеи географии мамлакатҳоро тавсиф карда тавонад.

**Кори амалӣ:**

№3. Бо истифода аз харита, атлас ва дигар мавод дар харитаи тарҳӣ (контурӣ) гузаронидани мамлакатҳои қитъаи Аврупо бо пойтахташон. Ба воситаи хатҳои махсус ҷудо кардани се зерминтақаи қитъаи Аврупо: Ғарбӣ, Марказӣ ва Шарқӣ.

№4. Бо истифода аз харита, атлас ва дигар мавод дар харитаи тарҳӣ гузаронидани мамлакатҳои қитъаи Осиё бо пойтахташон.

№5. Бо истифода аз харита, атлас ва дигар мавод дар харитаи тарҳӣ гузаронидани мамлакатҳои қитъаи Африқо бо пойтахташон.

№6. Бо истифода аз харита, атлас ва дигар мавод дар харитаи тарҳӣ гузаронидани мамлакатҳои қитъаи Амрико бо пойтахташон.

№7. Бо истифода аз харита, атлас ва дигар мавод дар харитаи тарҳӣ гузаронидани мамлакатҳои Австралия ва Уқёнусия бо пойтахташон.

## БОБИ 4. ГЕОГРАФИЯИ СИЁСӢ ВА ГЕОПОЛИТИКА (3 соат)

Геополитика – яке аз шохаҳои географияи сиёсӣ. Мафҳумҳои асосии геополитика. Назарияи анъанавии геополитика. Назарияҳои мактаби геополитикии олмонӣ. Мактабҳои геополитикии замонавӣ. Рамзи геополитикӣ. Консепсияи тартиботи ҷаҳонӣ. Мактабҳои геополитикӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- мафҳумҳои "географияи сиёсӣ" ва "геополитика";

- мафҳумҳои асосии геополитика – “хушкӣ” ва “баҳр”, “талассократия”, “теллурократия”, “замини баҳрӣ”, “обҳои заминӣ”;
- фаҳмонида тавонистани назарияҳои гуногуни геополитикиро;
- рамзҳои геополитикӣ.

*Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:*
- ба назарияҳои геополитикии олимон баҳо дода тавонад;
- дар бораи тағйирёбии вазъи геополитикии Тоҷикистон пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ фикрашро баён карда тавонад.

## ФАСЛИ II. ГУРӮҲБАНДИИ МАМЛАКАТҲО АЗ РӮЙИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСӢ (7 соат)

### БОБИ 1. МЕЪЁРҲОИ АСОСИИ ГУРӮҲБАНДИИ МАМЛАКАТҲО (3 СОАТ)

Нишондиҳандаи асосии гурӯҳбандии мамлакатҳо. Усулҳо ва меъёрҳои таснифот. Нишондиҳандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ. Методикаи гурӯҳбандӣ: гуногунҷабҳагии тақсимот. Масъалаҳои илмӣ ва амалии гурӯҳбандии мамлакатҳо. Се гурӯҳи мамлакатҳо аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ: Мамлакатҳои тараққикарда. Мамлакатҳои рӯ ба инкишоф. Мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозоргонӣ гузаранда. Нишондиҳандаҳои дараҷаи тараққиёти мамлакатҳо. Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**
*Хонанда бояд инҳоро донад:*
-масъалаҳои илмӣ ва амалии гурӯҳбандии мамлакатҳо;
-гурӯҳбандии мамлакатҳо аз ҷиҳати тараққиёти иқтисодиву иҷтимоӣ;
-нишондиҳандаҳои дараҷаи тараққиёти мамлакатҳо аз рӯйи ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ.

*Хонанда бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:*
- нишондиҳандаҳои дараҷаи тараққиёти мамлакатҳоро аз рӯйи ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муайян карда тавонад ;
- дар асоси сарчашмаҳои оморӣ тафовути дараҷаи тараққиёти мамлакатҳои гуногуни ҷаҳонро муайян карда тавонад.
- нақшаи гурӯҳбандии мамлакатҳоро тасвир карда тавонад.

## БОБИ 2. ГУРӮҲБАНДИИ МАМЛАКАТҲО (4 соат)

Гурӯҳбандии мамлакатҳо аз ҷиҳати шакли давлатдорӣ. Шаклҳои ҳокимият. Ду шакли асосии давлатдорӣ: монархиявӣ ва ҷумҳуриявӣ. Давлатҳои ягона, федеративӣ, конфедеративӣ ва минтақавӣ. Мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон. Гурӯҳбандии мамлакатҳо аз ҷиҳати сатҳи инкишофи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт.

**Мамлакатҳои тараққикарда.** Мамлакатҳои асосии капиталистӣ. Мамлакатҳои тараққикардаи Аврупои Ғарбӣ. Мамлакатҳои дараҷаи тараққиёти иқтисодиашон миёна. **Мамлакатҳои ба иқтисодиёти бозоргонӣ гузаранда. Мамлакатҳои рӯбаинкишоф.** Мамлакатҳои асосӣ. Мамлакатҳои содиркунандаи маҳсулоти саноати маъдани кӯҳӣ. Мамлакатҳои хоҷагиашон ба плантатсияҳо вобаста. Мамлакатҳои "иҷорадиҳандаи хонаҳо". Мамлакатҳои нафтсодиркунандаи шакли идракуниашон монархия дар ҳудуди халиҷи Форс, Мамлакатҳои бузурги тараққиёташон паст. Мамлакатҳои хурди тараққиёташон паст. **Шакли ташаккулёбии иқтисодиёти мамлакатҳои мустамликавӣ**. Созмонҳои байналмилалӣ, мамлакатҳои ба ин гурӯҳ шомил, моҳият ва аҳаммияти ташкилшавии созмонҳо.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- се гурӯҳи мамлакатҳо аз рӯйи нишондиҳандаи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ;
- тавсифи ҳар як гурӯҳи мамлакатҳо;
- номбар намудани созмонҳои байналмилалӣ.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад***:

- нақшаи се гурӯҳи мамлакатҳоро аз рӯйи нишондиҳандаи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ тасвир карда тавонад;
- ба ҳар як гурӯҳи мамлакатҳо баҳои иқтисодӣ дода тавонад;
- аз рӯйи харита мавқеи мамлакатҳои номбаршударо муайян карда тавонад;
- мавқеи мамлакатҳоеро, ки ба созмонҳои байналмилалӣ шомиланд, аз харита нишон дода тавонад.

**Кори амалӣ**

№8. Бо истифода аз харита, атлас ва дигар мавод дар харитаи тарҳӣ гузаронидани се гурӯҳи мамлакатҳо.

## ФАСЛИ III. ГЕОГРАФИЯИ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГӢ (9 соат)

### БОБИ 1. ГЕОГРАФИЯИ ИҶТИМОӢ (5 соат)

Омилҳои афзоиши аҳолии ҷаҳон. Сарчашмаҳои оморӣ оид ба шумораи аҳолӣ. Шумораи аҳолии мамлакатҳои ҷаҳон. Нишондиҳандаҳои мутлақи демографӣ. Афзоиши табиӣ, афзоиши механикӣ. Муҳоҷират (мигратсия), муҳоҷирати иқтисодӣ, "фирори мағзҳо", гурезаҳои сиёсӣ, гурезаҳои экологӣ. Шумораи аҳолии мамлакатҳои ҷаҳон. Сиёсати демографӣ. Суръати зиёдшавии шумораи аҳолӣ. Назарияи Малтус. Тасаввуроти ҳозира дар бораи зиёдшавии шумораи аҳолии ҷаҳон. Қонуниятҳои ҷойгиркунонии аҳолии ҷаҳон. Ноҳияҳои сераҳолӣ ва камаҳолии кураи Замин. Нажодҳои башар, муносибатҳои нажодӣ, намудҳои қадимтарини қабилаҳо, пайдоиши миллатҳо. Асоси хоҷагӣ ва муноқишаҳои иҷтимоӣ. Инсоният ва муҳити зист.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- мафҳум ва омилҳои афзоиши табиӣ, афзоиши механикӣ ва урбанизатсия, сиёсати демографӣ;
- географияи афзоиши табиии аҳолӣ; захираҳои меҳнатӣ, хусусияти асосии паҳншавии он дар рӯйи Замин;
- суръати урбанизатсия (шаҳришавӣ) дар мамлакатҳои алоҳида, бавуҷудоии қабилаҳо ва пайдоиши миллатҳо;
- нажодҳои кураи Замин, муносибатҳои онҳо.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- аз сарчашмаҳои оморӣ истифода бурда тавонад;
- дар асоси сарчашмаҳои гуногуни дониш муайян кардани тафовути афзоиш, ҳайат ва ҷойгиршавии аҳолии мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон;
- зимни маълумоти мухталиф ҳодисаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷаҳонро тавсиф карда тавонад.

### БОБИ 2. ГЕОГРАФИЯИ ФАРҲАНГӢ (4 СОАТ).

Географияи фарҳангӣ. Дин ҳамчун объекти маърифат. Забон воситаи асосии бо хам пайвастшавии фарҳангҳо. Сохтори динҳо. Географияи динҳои ҷаҳон. Буддоия. Масеҳият. Ислом. Динҳои миллӣ. Минтақаҳои таърихиву фарҳангии ҷаҳон.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- мафҳуми географияи фарҳангӣ;
- номбар кардани динҳои ҷаҳонӣ ва динҳои миллӣ.

***Хонанда бояд соҳиби салоҳияти зерин шавад:***

- оилаҳо ва гурӯҳҳои забонҳоро номбар карда тавонад;
- аз рӯйи харита ноҳияҳои паҳншавии динҳоро муайян карда тавонад.

## ФАСЛИ IV. ГЕОГРАФИЯИ ШАҲР ВА ДЕҲОТ (4 соат)

Навъҳо ва шаклҳои ҷойгиршавии аҳолӣ, ҷараёни инкишофи аҳолии шаҳрҳои ҷаҳон. Шаҳр: сарҳад, андоза, сатҳи тараққиёт. Фарзияи ба вуҷуд омадани шаҳрҳо. Шаҳрҳои калонтарини даври қадим ва замони ҳозира. Шаклҳои урбанизатсия (шаҳришавӣ). Урбанизатсия ҳамчун ҷараёни умумиҷаҳонӣ, географияи он. Шаҳр ва муҳити зист. Географияи деҳот. Деҳот ва ҷобаҷокунонии аҳолии он. Навъҳо ва шаклҳои ҷойгиршавӣ дар деҳот. Ҷойгиршавии аҳолии деҳот дар мамлакатҳои аграрӣ ва саноатӣ. Аҳолии ғайримуқимӣ.

**Талабот ба дониш ва салоҳияти хонанда**

***Хонанда бояд инҳоро донад:***

- мафҳумҳои “афзоиши табиӣ”, “афзоиши механикӣ” ва “урбанизатсия”;
- географияи афзоиши табиии аҳолӣ, ҳайати ҷинсӣ, синнусолии аҳолӣ;
- захираҳои меҳнатӣ, тавсифи халқҳои ҷаҳон, хусусияти асосии паҳншавии он дар кураи Замин;
- суръати урбанизатсия дар мамлакатҳои алоҳида;
- аҳолии деҳот, навъҳо ва шаклҳои ҷойгиршавии он.

***Хонанда бояд дорои салоҳияти зерин шавад:***

- дар асоси сарчашмаҳои гуногуни дониш муайян кардани тафовути афзоиш, ҳайат ва ҷойгиршавии аҳолии ноҳияҳои гуногуни ҷаҳон;
- зимни маълумоти мухталиф тавсиф кардани ҳодисаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҷаҳон.

## БАРОИ ҚАЙДҲО

Ба чопхона 05.03.2021 супорида шуд.
Ба чоп 15.03.2021 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Ҷузъи чопии шартӣ 5,5
Теъдод 4000 нусха.

Барнома дар Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

ш. Душанбе, к. Нисор Муҳаммад 13а
Тел.: 227-48-09. E-mail: **mmarkaz@list.ru**